*Ғорон, ҳама вақт ба барфу борон астӣ,*
*Дар асл макони номдорон астӣ.*
*Лаъл дар бағалу чашмаҳот мӯъҷизаанд,*
*Сад шукр кунам, фахри Бадахшон астӣ.*

# ГАНҶИНАИ ҒОРОНЗАМИН

*(намунаҳои адабиёти шифоҳӣ)*

THE CHRISTENSEN FUND

ТАШКИЛОТИ ҶАМЪИЯТИИ «ГУЛУ ГИЁҲ»

Ишкошим-Хоруғ
2014

Сардори тарҳи ҷамъоварӣ, таҳия ва ба чоп омода кардани китоб: **Ширинбек Давлатмамадов,**
Ходими шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муҳаррири масъул: **Қурбон Аламшоев,**
узви Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, ходими илмии Институти илмҳои гуманитарии АИ ҶТ ба номи акад. Б.И.Искандаров.

Ноҳияи Ишкошими Бадахшони Тоҷикистон осорхонаи зиндаи забонҳои бостонии ҳиндуаврупоӣ аз қабили ишкошимӣ (рынӣ) ва вахонӣ (вахӣ ё khikwor) мебошад. Аммо бошандагони водии Ғорони ин ноҳия бо яке аз лаҳҷаҳои забони порсӣ – тоҷикии ҳозира гуфтугӯ ва муошират мекунанд. Мураттиб – созмони маҳаллии ҷамъиятии “Гулу гиёҳ” кӯшиш кардааст намунаи афсонаҳо, рубоиёту дубайтиҳо, нақлу ривоёт, зарбулмасалу мақолҳои сокинони Ғорони қисмати Тоҷикистон (як қисмати он дар вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон воқеъ аст) гирд оварда дар шакли як асари пурмазмун ба нашр расонад. Дар охири китоб луғати вожаҳо ва ибораҳои хоси лаҳҷаи ғоронӣ шарҳ дода шудаанд, ки аҳамияти онро барои пажӯҳишгарон дучанд кардааast.

Китоб барои адабиётшиносон, этнографҳо ва оммаи васеи хонандагони соҳибзавқ ва фарҳангдӯст тавсия мешавад.

**Китоб дар доираи барномаи “Эҳёи мероси Ишкошим” аз ҷониби Фонди Кристенсен ба нашр расидааст.**

***Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст. Ягон қисми ин китобро ба ягон намуд ва ягон воситаи электронӣ ва механикӣ, таҷҳизоти ҳифзкунанда ва принтер бе розигии хаттии муаллиф ва нашркунанда таҷдид кардан мумкин нест.***

---

Ishkashim District of Tajik Badakhshan is a living museum of diverse Aryan languages. Inhabitants of the Ghoron valley of the District are Tajik Persian speaking people with the Ghoroni dialect, while other residents of the District speak the Badakhshani dialect of the Tajik Persian language as well as ancient Ishkashimi and Wakhi languages. This book includes an unprecedented publication of exclusive fairytales, quatrains and distiches, narratives and legends, proverbs and aphorisms in the Ghoroni dialect of the Tajik Persian language. A vocabulary of the Ghoroni dialect is given at the end of the book.

The book is intended for folklore specialists, ethnographers and the general public.

**Published under Christensen Fund’s “Ishkashim Heritage Revival” project**

***All rights reserved. No part of this book may be reproduced in any form or by any means, electronic, mechanical or otherwise, without prior written permission.***

© ТҶ «Гулу гиёҳ», 2014 gulugiyoh-tj@mail.ru
©Маркази нашаротии “Помир”, 2014.

*Ба ёди неки писарам*
*журналист ва шоир*
*Ҷамшед Давлатмамадов,*
*ки дар ҷанги шаҳрвандии*
*Тоҷикистон гумном шуда буд,*
*бахшида мешавад*

# САРСУХАН



Ман аз рӯи касбу корам суханшиносу шоир нестам. Вале сухану суханвариро бениҳоят дӯст медорам ва солҳои дароз дар баробари фаъолияти пизишкиям, яке аз шуғлҳои аслии ман ҷамъоварии дурдонаҳои беҳтарини сухан буд. Барои ҳамин агар вожаи аҷибу пурмазмуне мешунидам, зуд онро дар дафтаре бароям ёддошт мекардам. Барои ман хусусан гуфтаҳои халқӣ хеле маъқул буданд. Суханҳои халқ дар шакли байт, дубайтӣ, рубоӣ, қисса, латифа, ривоят ва ғайра умдатан хеле содда вале айни замон хеле пурлаззат ва дорои маънои беканор ҳастанд.

Ман худам зодаи Ғоронзамини Ишкошим ҳастам. Ин минтақа низ дар ҳоли ҳозир ду тақсим буда, як қисматаш дар қаламарви Афғонистони ҳамсоя воқеъ аст. Мардуми Ғорон ба порсии ноб сӯҳбат мекунанд ва забоншиносон лаҳҷаи онҳоро лаҳҷаи ишкошимӣ унвон кардаанд.

Як чиз аз хурдӣ диққати маро ба худ ҷалб мекард, ки дар фолклори ин мардум чунин намунаҳои эҷодиёти даҳонии халқ амсоли зарбулмасал, байт, рубоӣ, рвиоёту қиссаҳо, латифаҳо ва дигар навъи афоризмҳо бениҳоят зиёданд. Агар шумо сӯҳбати панҷдақиқаинаи ду нафар ғорониро хуб гӯш кунед, мешунавед, ки дар ин панҷ дақиқа аз даҳони онҳо чӣ қадар дурдонаҳои ҳикматангез ва пурмазмун ба лагани гӯш мерезад.

Намунаи эҷоди даҳонии мардуми Ғорон хеле ҷолиб, ширин ва ҷаззоб аст.

Вале бо мурури замон, ба далели аз миён рафтани донандагони чунин адабиёти шифоҳӣ, моликони ин фарҳанг беҳтарин сурудҳо, рубоиҳо, афсонаҳо ва дигар жанрҳои фолклорӣ низ оҳиста – оҳиста аз байн мераванд.

Ба хотири ҳифзи фарҳанги ниёгон, ба шакли электронӣ ва коғазӣ даровардани он мо азм кардем, ки гурӯҳи вижа ташкил карда, дар деҳаҳои Ғорон: Гармчашма, Андароб, Шанбедеҳ, Қозидеҳ, Бағуш, Баршор, Авҷ, Малвоҷ ва Яхшвол бо мардуми синну сол, ҷинс, касбу кори гуногун вохӯрда аз забони донандагони фолклори маҳаллӣ намунаҳои эҷоди халқиро навишта гирем. Зимни омода кардани китоби мазкур ҳамчунин намунаи эҷодиёти даҳанакии халқии Ғоронзамин, ки аз донандагони чунин фолклор дар кишварҳои Канада ва Русия, ҳамчунин шаҳри Душанбеи Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудааст, истифода шудааст.

Ман миннатдории самимии худро аз Фонди Кристенсен иброз медорам, ки кӯмакҳои молии худро бахри роҳандозии ин тарҳ дареғ надошт ва китоби мазкур маҳз бо кӯмаки софдилонаи ин муассисаи бонуфузи байналмиллалӣ нашр мешавад.

Дар ҷамъ кардани маводи китоб – намунаҳои фолклори мардуми Ғоронзамин Олими Ширинбек (доктори илмҳои тиб, зодаи деҳаи Авҷ, сокини шаҳри Москваи Федерасияи

Россия), Ҷалолова Хадича (сокини деҳаи Авҷ), Давлатмамадова Моҳбегим (зодаи деҳаи Авҷ, сокини ш. Душанбе), Давламамадова Хубон (сокини деҳаи Шанбедеҳ), Қучқорова Раъно (сокини деҳаи Қозидеҳ), Муллоев Мавлодод (зодаи деҳаи Шанбедеҳ), Муборакшоева Зарнигор (зодаи деҳаи Шанбедеҳ, сокини шаҳри Хоруғ), Сардорова Сайрам (сокини деҳаи Қозидеҳ), Ҷалолова Гулбика (сокини Дашти Андароб), Муборакшоева Гулкор (сокини деҳаи Шанбедеҳ, Абибова Нозигул (деҳаи Гармчашма) ва ман, муаллифи ин сатрҳо, ширкат кардем.

Ман ба ҳамаи ин одамон, ки дар ҷамъоварии ин дурдонаҳои ноби халқӣ фаъолона ширкат карданд ва ба ҳамаи онҳое, ки вақти қиммати худро дареғ надошта дар сӯҳбатҳо иштирок намуданд ва аз худ байтҳое, сатрҳое пур аз ҳикмат боқӣ гузоштанд, ҳазорон бор ташаккури самимиям изҳор мекунам.

Дар шакл гирифтани ин китоб, ба роҳи дуруст равона кардани ҷамъоварандагони суханони шифоҳӣ ҳамчунин кӯмаки ходимони илмии Институти Илмҳои Гуманитарии Академияи Улуми Тоҷикистон дар раъси профессор Ш.Юсуфбеков хеле бузург аст. Ман миннатдории самимии худро изҳор медорам ва умед дорам ҳамкории мусмири мо бо ин муассисаи бузурги илмӣ дар оянда ҳам идома хоҳад дошт.

Зимни иҷрои тарҳи омода сохтани китоби «Ганҷинаи Ғоронзамин» ду нафар донишманди бадахшонӣ, шоирони тоҷик Лаълҷуба Мирзоҳасанов ва Зарнигор Муборакшоева ба ҳайси машваратчӣ кӯмакҳои зиёде расонданд. Маслиҳат ва машварати доимӣ ва зарурии онҳо имкон дод, ки китоб сари вақт, маводҳо дар чаҳорчӯби мантиқӣ ҷобаҷо гашта шарҳҳо омода шаванд ва принсипи таҳияи китоби фолклорӣ риоя шавад.

Ҳамчунин охирсухане, ки аз ҷониби ин ду нафар донандаи хуби фарҳанг ва адабиёти мардуми Бадахшонзамин таълиф шудааст, вазни китобро ба маротиб боло мебарад

ва ба он ҳусни наве зам мекунад. Ман ба Л.Мирзоҳасан ва З.Муборакшоева изҳори сипос мекунам ва барояшон комёбиҳо орзу мекунам.

Алабатта коре, ки бо як гурӯҳи муташаккил кардаем, ҳанӯз қатрае аз баҳр аст. Тавре шумо таваҷҷӯҳ кардед, мо дар зерсарлавҳаи китоб калимаи «намунаҳо» роилова кардем. Коре ки мо анчом додаем наметавонад ҳанӯз фолклори ғорониҳоро куллан таҳти пӯшиш қарор диҳад. Фолклори мардуми Ғоронзамин хеле ғанист. Он албатта ба ковишҳо ва пажуҳишҳои сонӣ ниёз дорад.

Китобе, ки ба чоп омода кардаем, албатта аз иштибоҳоти мухталиф дар канор нест ва мо умед дорем, ки онро боз чандин маротиба такмил ва living бознашр мекунем.

Вале дар беҳтар кардан ва такмил додани он мо ҳамеша ба кӯмаки шумо ниёзмандем, хонандаи азиз!

***Ширинбек Давлатмамадов,***
*сардори тарҳи ҷамъоварӣ,*
*таҳия ва ба чоп омода кардани*
*китоби «Ганҷинаи Ғоронзамин»,*
*Ходими шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

# АФСОНАҲО

## МЕРОНИ МАЛАК

Подшоҳе буд, ду писар дошт. Писари калониаш Мерони Малак ном дошта, ҷавони хушсурат ва паҳлавоне буд.

Подшоҳ зани хубрӯе дошт, ки ҳамарӯза ӯро рашк мекард. Рӯзе подшоҳ ба хона медарояд ва мебинад, ки занаш дар назди оинаи барқад нишаста, худро орову торо медиҳад. Кинаву рашк дар дили подшоҳ аланга мегирад ва ба занаш мегӯд:

– Боз ба кӣ ошиқ шудӣ, ки худро чунин ороставу пероста мекунӣ?

Зан ба подшоҳ рӯ меоварад ва мегӯяд:

– Шумо ҳаргиз гумонеро ба дилатон роҳ надиҳед. Охир ман зани шоҳам, бояд аз дигар занон фарқ кунам.

Шоҳ бори дигар зишттар суханеро ба занаш такрор мекунад. Зан аз халтачае, ки дар пеши бараш овезон буд ва дар он усмаву сурмаашро мемонд, кизликашро (кордчаашро) баровáрда ба дилаш мезанад ва ҳамон лаҳза ҷон медиҳад.

Шоҳ аз кирдори хеш пушаймон гардида, ҷасади занашро ба оғӯш гирифта фиғон мебардорад. Аз нолаи шоҳ писараш Мерони Малак давида ба хона даромада, модарашро оғуштаи хун мебинад. Аз падар сабаб мепурсад. Ба ҷои ӯ канизаки модараш воқеаро ба Мерони Малак нақл мекунад. Мерони Малак аз қаҳр ва ғурури ҷавонӣ муште ба даҳони падар мезанаду аз даҳони ӯ хун равон мегардад. Шоҳ аз дарду алам нолакунон мегӯяд:

*Мерони Малак, шоҳи малак,ҷони падар.*
*Муште бикашид, шикаст дандони падар.*

Мерони Малак ҷасади модарашро ба хок супорида, тарки ватан мекунад. Меравад, меравад ва ба шаҳре мерасад. Аз кӯчаи шаҳр мегузарад ва мебинад,ки болои арк духтари нозанине нишастааст. Канизакон гесӯвони дарозашро шона мекунанд, азбаски мӯи духтар хеле дароз буд, аз боло ба поён партофта мебофтанд. Шаҳзода бо як дидан волаву шайдои духтар мегардад ва мегӯяд:

*Чашмо-т хумору аз оби тилло мӯят,*
*Ошиқ шудаам ба лолаҳои рӯят.*

Духтар низ дар навбати худ ба шоҳзода ҷавоб мегардонад:

*Дар лабаки арк шишта сар шона кунум,*
*Ин бачаи мусофира девона кунум.*
*Девона кунум, ишораи хона кунум,*
*Дилукша гирум, худукша овора кунум.*

Мерони Малак дар суроғи насаби духтар мешавад ва огаҳӣ меёбад, ки ӯ духтари подшоҳи ин мамлакат – Перуҷи Халаҷ будааст. Ба назди подшоҳ кас мефиристад ва духтарро хостгорӣ мекунад. Подшоҳ шоҳзода будани ӯро намедонад ва ин хостгориро рад мекунад.

Шоҳзода пинҳонӣ бо духтар вомехӯрад ва шабе аз шаҳр мегурезанд. Духтарро ба никоҳи худ медарорад ва ба як макони хушманзараи дур мераванд. Дар он ҷо зиндагии хушбахтонае барпо мекунанд. Мерони Малак дар ин ҷо низ барои занаш як арки зарнигор месозад. Подшоҳ – Перуҷи Халаҷ ба тамоми гӯшаву канор ҷосусони худро мефиристад, то нишони духтарашро ба ӯ ёфта диҳанд. Рӯзе яке аз ҷосусон худро гадо вонамуд карда, ба хонаи Мерони Малак меояд, мизбонон ӯро ба хона роҳ дода, ба ӯ хӯрок меоранд. Ҷосус духтари подшоҳро мешиносад, шаб аз хоб мехезаду шамшери Мерони Малакро дуздида, аспашро чормех карда, ба назди шоҳ меояд ва суроғаи духтарашро ба подшоҳ гуфта медиҳад.

Субҳи содиқ духтари подшоҳ – зани Мерони Малак аз болои арки худ нигоҳ карда мебинад, ки лашкаре ба сӯи онҳо меояд. Зуд шоҳзодаро бедор мекунад ва мегӯяд:

– Ин лашкари падарам аст, ба разм тайёр шав.

Мерони Малак ба хонае, ки шамшераш овезон буд, даромада онро намеёбад ва ба пеши аспаш давида аспро чормех мебинад. Ӯ бо зӯри бозу ба лашкар ҳуҷум меоварад. Чанде аз лашкариёнро аз пой меафтонад ва оқибат ӯро дастгир мекунанд. Перуҷи Халаҷ фармон медиҳад, ки зуд ӯро ба қатл расонанд. Зани Мерони Малак, ки дар болои арк ин манзараро тамошо мекард, гуфтаст:

*Дар дашт чи ғул-ғуласт, ки ёр овардан,*
*Ёри сарама ба назди дор овардан.*
*Ёрам зи маломатҳои бисёр натарс,*
*Мардона қадам бимону аз дор натарс.*

Шоҳзода ба сӯи арк ба занаш рӯ оварда мегӯяд:

*Аввал зи кашидани сари дор натарс,*
*Дуюм зи сари бурида зинҳор натарс.*
*Ман, ки зи сари бурида метарсидам,*
*Дар кӯчаи ошиқӣ намеафтидам.*

Духтари подшоҳ ҷавоб медиҳад:

*Ҷонакма фидои ту кунум ёр, натарс.*
*Дар сояи гул бишину аз хор натарс.*

Инро гуфта духтари подшоҳ кизликашро бароварда мӯяшро мебурад ва худро аз болои арк ба замин мепартояд.

Подшоҳ фарёд мезанад:

*Кизлик бикашид, мӯи сиёҳро бибурид,*
*Аз арк фитоду мӯву рӯяш бидарид.*

Падар ба назди духтараш расида, ӯро мурда меёбад. Перуҷи Халаҷ аз кирдори хеш нолону пушаймон гашта, ҷасади ҳар ду ҷавонро дар зери чаноре гӯр карда ба ватан бармегардад.

Баъди чанде бародари хурдии Мерони Малак дар суроғи бародараш меафтад ва пурсон-пурсон ба шаҳри Перуҷи Халаҷ мерасад. Аз кирдори ӯ хабардор гашта, сарашро аз

танаш ҷудо мекунад. Қатрае аз хуни ӯ нӯшида дилаш ором мегирад ва ба сари гӯри бародараш меояд. Хеле гиря мекунад ва хобаш мебарад. Дар хоб гуфтугӯи касе ба гӯшаш мерасад, сар бардошта дар болои дарахт як тӯтӣ ва як майнаро мебинад, ки ба ҳамдигар сӯҳбат доранд. Ҷавон, ки забони мурғонро медонист, гӯш медиҳад, ки онҳо байни ҳам дар бораи Мерони Малак ва арӯсаш гуфтугӯ мекунанд. Онҳо хеле афсӯс мехӯрданд ва мегӯянд, ки агар ҳоло шахсе пайдо шавади аз фалон чашма, ки дар фалон макон воқеъ аст, обе оварда, ба сари қабри ин ду ҷавон бирезад, онҳо зинда мешаванд. Паррандагон сӯҳбаташонро ба охир расонида парида мераванд. Бародари Мерони Малак аз суханони ин ду парранда ҳайрону дудила гардида, ҳарчӣ бодо бод гуфта, азми сафар мекунад. Ҷуста-ҷуста ин чашмаро меёбад. Обро дар кӯза гирифта, ба сари қабри бародар ва янгааш меояд, обро ба сари қабр мерезад ва ин ду ҷавон бо ҳукми Худои таъоло зинда мегарданд.

Бародарон ҳамдигарро ба оғӯш мегиранд ва ба муроду мақсадашон мерасанд.

*(Гӯянда: Давлатмамадова Хубон (1929),*
*сокини деҳаи Шамбедеҳ.*
*Гирдоваранда: Муборакшоева Зарнигор, соли 2013)*

## НАЖМОН

Замоне подшоҳе зиндагӣ мекардааст, ки фарзанд надоштааст. Дар орзуи писар будааст ва Худои таъоло ба ӯ духтаре медиҳад. Подшоҳ аз ин шукрона мекунад ва духтарашро хеле дӯст медоштааст. Рӯзе подшоҳ азми сафари дуру дарозе мекунад. Тамоми калидҳои ҳуҷраву анборашро ба зан ва духтараш медиҳад ва таъкид мекунад, ки дари фалон ҳуҷраро зинҳор накушоянд. Подшоҳ меравад ва ҳисси кунҷковӣ дар дили духтараш пайдо мешавад, фикр

мекунад ва рӯзе пинҳонӣ аз модар оҳиста дари он ҳуҷраро мекушояд. Мебинад, ки ҳуҷра холӣ асту дар чухти (шифти) хона халтае овезон аст. Халтаро фуроварда мекушояд ва дар он хокаеро мёбад, аз он чашида чӣ буданашро намефаҳмад ва боз ба ҷояш гузошта мемонаду аз таъкиди падар ҳайрон гашта, дарро қулф карда, калидро дар ҷояш бурда мемонад.

Рӯзҳо мегузаранд ва духтар ҳис мекунад, ки ҳомиладор шудааст. Ин гапро ба модараш мегӯяд ва модар ӯро маломати бисёр карда, ба гапи ӯ ҳеҷ бовар кардан намехоҳад. Тифл дар батни модар рӯз аз рӯз калонтар мешавад, модари духтар аз тарси подшоҳ духташро ба ғоре мебарад, чанде озуқа ҳамроҳаш гузошта ба хона бармегардад, дар дилаш мегӯяд:

– Шояд даррандае ӯро бихӯраду мо аз шармандагӣ халос шавем.

Рӯзе подшоҳ аз сафар бармегардад ва мебинад, ки духтараш ба пешвозаш намебарояд. Ба хона медарояду аз занаш мепурсад:

– Духтарам дар куҷост?

Зан хомӯш истода сухане намегӯяд ва подшоҳ бо ҷаҳл бори дигар дар куҷо будани духтарашро мепурсад. Занаш тарсону ларзон воқеаро ба ӯ нақл мекунад. Подшоҳ мегӯяд:

– Эй зани нодон, беҳуда нагуфта будам, ки дари он ҳуҷраро ҳаргиз накушоед, маро зуд ба назди духтарам бар, духтарам айбу гуноҳе надорад.

Онҳо зуд ба он сӯи ғор мераванд ва мебинанд, ки духтарашон писарчаашро оғӯш карда хобидааст. Подшоҳ аз сару рӯи духтар ва наберааш бӯсида, онҳоро ба хона меорад.

– Ман дар орзуи писар будам, Худованди таъоло ба ман писар дод, – мегӯяд подшоҳ.

Писаракро Нажмон ном мениҳанд. Нажмон калон шуда, ҷавони паҳлавонҷусса, зебо ва доно мешавад. Ба бозаргонӣ рӯ меорад. Рӯзе ба мақсади бозаргонӣ ба шаҳрҳои дур са-

фар кардани мешавад. Бобояш, ки аз ҷавонии ӯ дилпур набуд, мегӯяд:

*Шаби шанбе, ки Нажмон шуд равона,*
*Ки дунё дар сарум охирзамона.*
*Шутур, боло биё, лангар биандоз,*
*Ки Нажмон бачаву кораш чӣ сона.*

Дар аснои сафар, Нажмон дар шаҳре оинаи ҷаҳоннамо мехарад ва дар оина сурати духтареро дида, ошиқи шайдои он сурат мегардад.

Ӯ дар суроғи духтар манзил ба манзил мегашт ва ба як деҳае мерасад. Сари чашмае меояд ва мебинад, ки ду духтар барои об меоянд, ба назди онҳо медавад, аммо он духтареро, ки ҷустуҷӯ мекард, пайдо намекунад ва мегӯяд:

*Сари чашма расидум, ташна будум,*
*Дута чодирсафеди тулфа дидум.*
*Ба чашм дидум, ба дил оҳе кашидум,*
*Худовандо, муроди худ надидум.*

Меравад, меравад ва аз дур савореро мебинад, наздик мешаванд, ки ду духтаранд. Духтарон Нажмони зеборо дида мегӯянд,

*Ба уря меравӣ, иря нигоҳ кун,*
*Зиёрат меравӣ, бахшам ҷудо кун.*
*Зиёрат меравӣ, пои пиёда,*
*Биё, по бар рикоби аспи мо кун.*

Нажмон ба аспи онҳо савор шуда, ба хонаи онҳо меояд. Модари кампири духтарон ҷавонро домодшаванда ҳисобида мегӯяд:

*Ало, Нажмони ҷон, ҷонум ба ҷонут,*
*Дута духтар, ки дорум, нуши ҷонут.*
*Нажмон дарҳол ҷавоб мегардонад:*
*Ало, момоки ҷон, ҷонум ба ҷонут,*
*Халосум кун зи чанги духтаронут.*

Кампирак аз дили Нажмон огаҳӣ меёбад ва расми духтарро дида мегӯяд, ки ин духтари подшоҳи ҳамин шаҳр ҳасту Нигор ном дорад. Нажмон либоси қаландарӣ мепӯшад ва ба дарбори шоҳ меравад. Нигорро мебинад ва ба ӯ роз мегӯяд, духтар низ ба ҷавон дил мебандад. Онҳо пинҳонӣ бо ҳам вомехӯрданд. Рӯзе подшоҳ аз ин ҳол огоҳ гардида, Нажмонро дастгир карда, ба зиндон мепартояд. Нажмон аз зиндон ба Нигор менависад:

*Нигори нозанини резадандон,*
*Маро аз ҷаҳти ту бурдан ба зиндон.*

Нигор мактубро мегирад ва ҷавоб мегардонад:

*Чаро ғам мехӯрӣ, ай ёраки ҷон,*
*Дуто гӯш вор ки дорам, харҷи зиндон.*

Подшоҳ боз аз ин кори онҳо огоҳ гардида, мефармояд, ки ҳам духтараш ва ҳам Нажмонро сар буранд. Подшоҳ вазири оқиле доштааст. Вазир ба подшоҳ мегӯяд:

– Пеш аз оне, ки онҳоро сар бурӣ, ҳар кадоми онҳоро дар ҳуҷраи алоҳида бимон ва аз яке бипурс, ки дигараш чӣ ҳол дорад. Агар онҳо аҳволи ҳамдигарро бидонанд, ин ишқи поки ҳақиқист ва ҳаргиз онҳоро накуш, ки кори хато мекунию пушаймон мешавӣ.

Подшоҳ ин гапро пазируфт ва фармуд, ки онҳоро накушта, чанд вакт дар ҳуҷраҳо бурда монанд.

Як рӯз ба дасти Нигор ҷоме медиҳанд ва ба дасти Нажмон чилиме. Рафта аз Нажмон, ки хеле заифу нотавон гардида буд, мепурсанд, ки ҳоли Нигор чун аст, ӯ ҷавоб медиҳад:

*Нигорам шиштааст, ҷоме ба дасташ,*
*Карашма мезанад чашмони масташ.*

Боз ба пеши Нигор мераванд ва фиреб мекунанд, ки Нажмонро падараш кадхудо кардааст. Ӯ нолон мегӯяд:

*Хабар омад, ки Нажмон кадхудо шуд,*
*Чилими нуқрагӣ аз даст хато шуд.*
*Чилими нуқрагӣ бандаш биринҷӣ,*
*Аммо рангу рухи ӯ қаҳрабо шуд.*

Ин суханонро ба шоҳ мегӯянд ва шоҳ духтарашро авф мекунад. Онҳоро никоҳ мекунад ва тӯю сур карда, ба хонаи падари Нажмон бурда мерасонанд. Онҳо ба муроду мақсадашон мерасанд ва хушбахтона зиндагонӣ мекунанд.

*(Гӯянда: Давлатмамадова Хубон (1929), сокини деҳаи Шамбедеҳ.*
*Гирдоваранда: Муборакшоева Зарнигор, соли 2013)*

## СИЯГОВУК ВА МУШАК

Будаст-набудаст як сиятовук будаст. Хело шиштаст, ки зиқ шудаст, баъд ба худ гуфтаст:

– Ба му чи ки тоқа дар хона бишинум. Мерам ба худум шӯшурӣ.

Рафтаст-рафтаст хела ҷо, ки аз пеш як мушак омада истодааст. Мушак гуфтаст:

– Эй ғаж-мағажон, шоҳи занон, музасурхон, борикмиён, абрукамон, садафдандон, куҷо равон?

Сияговук хело ба ноз гуфтаст:

– Шӯ-шурон!

Мушак хуш шудаст, гуфтаст:

– Хай биё мура шӯ кун!

Сияговук гуфтаст:

– Бест, ки агар қаҳрут бихезад, маро чи кор мекунӣ?

Мушак гуфтаст:

– Ба думакам чашмакота сурма мекашам!

Сияговук хуш шудасту мушака шӯ кардаст. Хело зиндагӣ карданду як рӯз ки аз духтари подшоҳ туй шудаст, ҳамаро ҷат кардаст.

Мушаки ту кулворша пушт кардасту туй рафтаст, ки якчанд рӯз нест. Сияговук дилгир шудасту рафтаст шуша шуридан. Рафтаст-рафтасту дар роҳ, ки гов лағат кардаст, ҷои сумаш мондаст, хар дар он ҷо шоша кардаст. Сиягову-

ки ту хато шудасту рост дар даруни ҳавз. Чанд ҷонканӣ кардаст, ки баромадан натонистаст.

Яке ки як савор тозон омада истодааст, ки ба туи духтари подшоҳ мерафтаст. Сияговук гуфтаст:

*Буз-аспа савор, ба ту мегуме,*
*Қамчин гули нор, ба ту мегуме.*
*Мушакро бигӯ , аловагӯш акро бигӯ ,*
*Шамшер ба муштакро бигӯ ,*
*Кулвор ба пуштакро бигӯ :*
*Савзхотун дар байни гулоб афтодаст,*
*Муйҳои арринуш зери об афтодаст.*
*Агар нагуӣ, дилдард шавӣ.*

Савор рафтаст расидаст, хело тую тамошо дидаст, гуфтаст:

– Э, ичи намегум пеғоми сияговука!

Яке ки бегоҳ шудасту дилдард шудаст.

Э, – гуфтаст,-пеғоми сияговука нагуфтум.

Хестаст шуридаст мушака ёфтасту пеғома гуфтаст.

Мушак хестаст саросема, пушту пучоқи ҷамъ кардагиша пушт кардаст, ҳаял кардаст, ки расидаст, дидаст, ки сияговук метевад. Дастакаша тарафи сияговук дароз кардасту гуфтаст:

Э, чак балалӣ!

Сияговук қаҳр кардаст, дасташа надодасту гуфтаст:

Э, лак балалӣ! Ту рафтӣ қатии духтари подшоҳ ошиқ балалӣ!

Мушак қасам хурдасту гуфтаст:

*Э, ман агар қатии духтари подшоҳ ошиқ балалӣ,*
*Сарукум таи сағоч, думбукум туқ балалӣ!*

Сияговук баъд бовар кардасту дастша додасту омаданд дунафара ба хонекшон, хушу хурсандона зиндагӣ карданд.

*(Гӯянда: Ғоибназарова Хотун (1950),*
*сокини деҳаи Баршор.*
*Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 2013).*

## КАЛИ ОСИЁББОН

Будаст-набудаст, як кал будааст, ҳеч чиз надоштааст, фақат осиёббонӣ мекардасту як шох ангур доштаст. Ҳар сол шохи ангуруш, ки пухт, кадоме меомадаст, шаб уна медӯздидасту ба кал ҳеч чиз намерасидаст. Як соли дигару ангур айни ранг задан шудасту кал ба худуш ваъда додаст, ки то дузда нақапум намемонум. Шабҳо панҷаша хун мекардасту намак мепошидаст. Яке ки рӯбоҳ омадаст, ҳамин ки нав қулоч кардаст, ки ангура биканад, ки кал ҳам аз лингӯш қапидасту гуфтаст:

– Э-э-э, хуб қапидумут, оли мезанумут бари замин, ҷонат вақи мешад. Рӯбоҳ ба забони одамӣ омадасту гуфтаст:

– Э-э-э, калҷон, маро накуш, му туро ба подшоҳӣ мерасонум.

Кал гуфтаст:

– Э-э-э, ту рӯбоҳи масхара, мура чи хел подшоҳ мекунӣ?

Гуфтаст:

– Хай, калҷон, илтимос сарум бидеҳ, барои озмоиш.

Кал фикр кардаст, хай ки бубинум рӯбоҳ рост мегад ё не? Рӯбоҳи ту рафтасту шаб рӯз шудасту рост ба дари хонаи подшоҳ. Аз дарбонҳо рухсат гирифтасту даромадаст, подшоҳ хело меҳмондорӣ рӯбоҳро кардасту гуфтаст:

– Э рӯбоҳ, чӣ гап бо ман дорӣ?

Рӯбоҳ гуфтаст: – Духтаратро ба бачаи ман бидеҳ.

Подшоҳ гуфтаст: – Э, бизанед рӯбоҳи масхарара пеш кунед, чӣ балафта гуфта истодааст.

Дарбонон рӯбоҳро ба задан шудаанд, ки рӯбоҳ гуфтаст: – О подшоҳ, то мехта аз девол наканум, намемомнум!

Подшоҳ тарсидасту гуфтаст: – Бигардонед рӯбоҳро, ягон бадбахтӣ ба сармон наёрад. Хай, ман розӣ, кай қати шаҳмард меоӣ?

Банду баст карданд, ки фалон вақт мо меоем. Рӯбоҳи ту мераду чӣ ҷуку ҷонваре, ки дар дашту ҷангалҳо будан,

ҷамъ мекунаду кала мекунад да(р) як хар савору мераванд. Меоянд қариби хонаи подшоҳ, ки дарёи калон. Рӯбоҳ гузара мемонаду ҳамаи даррандаҳора меорад пур мекунад да(р) тезобӣ, унора ҳамашона об мебарад. Хара ҳам тела мекунад ба дарёву, кала мезанад да(р) об ғут ҷандоша мепартоваду худша да як ҷо бехи санг мешинонаду баъд пул қатӣ ба тоз медавад меравад ба пеши подшоҳу мегӯяд :

– Эй подшоҳи хар, подшоҳонро як андомашон аз хар аст! Ту дидӣ, мо омада истодаем, аз пеш одам равон намекунӣ, ки мо гузара гум кардем, фавҷма қатии бору кори подшоҳбача об бурд. Фақат подшоҳбачара ба як машаққат наҷот додум, либосоша об бурд, оли ӯ лучук мондаст. Тез аспу сипоҳ роҳӣ кун, ки подшоҳбача азоб кашид!

Подшоҳи ту даррав аспу чибоқи тиллоӣ роҳӣ мекунаду кала мегиранд, либоси шоҳона мепӯшонанду аспсавор мекунанду меоранд ба қаср. Кал ами дига авқотҳои нағза нав дидаст мехураду мехурад. Чанд бор рӯбоҳ хала(а)ш мезанад, ки пур хурдӣ, макрӯҳ нашавӣ. Куҷо бошад, ба гӯши кал намеғунҷад. Шаб мешаду рӯбоҳи хавос гуфтаст, подшоҳбача як одате дорад, ки бе бачаи майда хобаш намебарад. Одамҳои подшоҳ як сағерека мерану қати кал мехобонан, кал шаб мезанд ҷо(й)га(ҳ)ра макруҳ мекунад. Саҳарӣ мехезанд, сағерека мезананду кала ҳаммом мебаранду мешуянд, аз сар либосҳои шоҳона мепӯшонанду меоранд. Пеш-пеш дилу дидаи кал сер мешаваду кам мехурад.

Чил шабонарӯзӣ подшоҳ туй медиҳад.

Баъд бору кори бисёру ғулому каниз медиҳад ба духтарашу мегӯяд :

– Оли биравед ба ҷою маконатон.

Хела ҷо меоянду рӯбоҳ да дилуш мегӯяд :

– Оли чи кор кунум, духтари подшоҳро ба куҷо бубарум қатӣ аспу чибоқуш.

Гуфтаст:

– Шумо оста-оста биёеду му пеш бираваму хабар кунум, ки шумо омадед.

Дар дашти калон ису усу медаваду мебинад, ки аз як ҷо дуд баромада истодааст.

– Э, – мегад, – бираваму бубинум чи асроре бошад.

Меравад мерасад, ки қасри подшоҳӣ. Медарояд, ами сарша пеш мекунад, ки Алмастӣ дар як деги чилмана бат тевида истодааст.

Рӯбоҳ аз тарс мегӯяд :

– Ассалом алейкум.

Алмастӣ аз сари дег:

– А рӯбоҳҷон, хуб омадӣ, оли мехурумут.

Рӯбоҳ гуфтаст:

– Алмастиҷон, оли бест, хурдани му дер намешавад, як баро бубин, ки подшоҳ лашкар кашидаст ба сарут, уно, ки гузаштанд рафтанд, туро ки наёфтанд баъд бароу мура бихур. – А рӯбоҳҷон, ҷонма бихар, – гуфтаст Алмастӣ.

Рӯбоҳ гуфтаст:

– Ягон каҳдони коҳи сафед дорӣ, биравем тура мекунум таи коҳ. Уно ки рафтанд, мебарорумут.

Алмастӣ саросема пеш даромадасту рост ба каҳдон. Рӯбоҳ хуб дарун гуруш кардасту худуш баромадаст, дару рузана сахт кардасту каҳдона дар додаст. Алмастии ту аз дуд дамгир шудасту мурдаст. Ин рӯбоҳ калидҳои хонаҳои алмастиро гирифтасту дарҳоро ила кардаст, ки дар як таҳхона қариб ҳазор одам. Алмастӣ, ки роҳгузарҳора фиреб мекардасту мебурдасту фарбеҳ мекардасту мехурдаст. Одамҳо аз тарс якдигара тела мекунанд, ки ман лоша, ина, фарбеҳра бихур.

Рӯбоҳ гуфтаст:

– Ҳаматон тез бароед, дасту рутона бишуеду ба омадани шаҳзода тайёр шавед.

Баъди якчанд соате уно ҳам мерасанд, ки аҷоиб ҷоу пое. Кал ҳайрон, рӯбоҳ ишора мекунад, ки даҳоната бигир, то худта нафурушӣ.

Баъд зиндагии хушу хурсандонаи кали осёббон давом мешавад. Духтари подшоҳ ҳам хурсанд. Хела сол мегузарад. Як рӯз рӯбоҳ худша ме(а)ндозад мурда, мегӯяд , ку

бубинум кал ба ҳамин қадар некиҳои ман чигуна муносибат мекунад ба ман.

Кали ту рӯбоҳра аз лингӯш мегираду рост ба хокистардон, ки рӯбоҳ аз тепи кал меқападу:

– Ай ту кали нокас, одамгарит ҳамин буд? Яке ки духтари подшоҳ чунгу пунг мендозад:

– Ту падарамро фиреб дода, маро ба кал додӣ?

Рӯбоҳи бечора саросема мегӯяд :

– Э, бачам, ба ҳавои мани пир накун, аз қаҳрум амтарӣ гуфтум.

Духтари подшоҳ бовар мекунад. Боз зиндагӣ кардан, кал дигар худша эҳтиёт мекардаст, ки рубека хафа накунад. Як руз, ки рӯбоҳ аз ростӣ мемурад, кал аз тарси он, ки рӯбоҳ боз худша фанд надошта бошад, сандуқи нағз метарошаду рӯбоҳро дар чухти хонаи аз ҳама нағз овезон мекунад.

Алқисса, чанд сол мегузарад, хушкасолӣ меояд, навқон мешавад, таъсир ба кал ҳам мерасад.

Аз бекорӣ мегӯяд :

– Э, ку бубинум, ки рӯбоҳ пусидаст, ё не?

Сандуқа мегирад, ила мекунад, ки сандуқи лабмолаб тилло. Рӯбоҳ рӯбоҳи оддӣ набудаасту муъҷизакор будааст!

*(Гӯянда: Ғоибназарова Мобека (1960),*
*сокини деҳаи Баршор.*
*Гирдоваранда: Муборакшоева Зарнигор, соли 2013)*

## СИНАВБАР

Будаст-набудаст, Синавбар ном подшоҳ будаст. Гул ном зани нозанин доштаст, ки бисёр уро дӯст медоштаст. Абру Бод ном аспҳову як саг доштаст.

Подшоҳзан доимо савораи асп дар дашту даман тамошо мекардаст. Рӯзе аз рӯзҳо ба дари як ғори калон расидаст, ки дар он ҷо як Абаш зиндагӣ мекунад. Гул гирифтори Абаш шудаст ва ҳар шаб баъди хоб кардани шоҳ мехеста-

сту як шаб Абру шаби дигар Бодро савор мешудасту мерафтаст пеши Абаш. Рӯзҳои рӯз мегузаранду подшоҳ ба саисхона меояду мебинад, ки Абру Бод зил задан аз ғамгинӣ. Саисбонро сабаб пурсидаст, чи аҳвол овардаст аспҳоша. ӯ ҷавоб медиҳад, ки ҳар шаб шоҳзан аспҳора гирифта куҷое меравад. Хайр, гуфтаст подшоҳ, имшаб навбати кадомаш, ки набошад баъди рафтани Гул уро ба ман тайёр кун. Ними шаб мешаваду шоҳзан меравад баъди чанд соате подшоҳ ҳам аспи дуюмро гирифта ба роҳ даромаданӣ мешавад, ки сагча (гурчик) аз қафош меояд. Ҳарчанд мегардонадаш саисбон, ки ӯ шоҳро дарёб мекунаду шоҳ уро дар қафои зин мешинонаду меравонд ва дар сари дуроҳӣ мерасанд. Шоҳ ҳайрон мешавад, ки ба кадом роҳ равад, баъд лаҷоми аспро сар медиҳаду асп худаш ба роҳи рафтагиш рафтан мегирад. Мераванд ба дари ғор мерасанду ба дарун нигоҳ мекунад, ки Гул бо Абаш дилбар ба канор. Подшоҳ медарояду қатӣ Абаш камар ба камар мешавад. Дар бурҷи ғор Абаш дар як кулвор арзан доштаст. Гул мебинад, ки Синавбар Абашро зур овард, арзана мегираду дар таги пои Синавбар мепошад. Синавбари бечора мелушмаду меғалтад. Абаш тези Синавбарро кашида мегираду мехоҳад уро бикушад, ки то ин вақт кучук (сагча) нигоҳ мекардасту меқапад аз нозукии пои Абаш. Абаш муҷрим мемонаду Синавбар боло шуда барзангиро мекушаду дар рӯи Гул туф мекунаду получ пеш-пеши аспаш мекунад. Сагчаро мешинонад дар болои асп ба ҷои занаш. Занашро меорад ба қасру мешинонад уро ба ҷои саг дар сагхона дар занҷиру сагчаро дар паҳлуяш ба ҷои шоҳзан. Баъд мегӯяд :

Дар вафодорӣ саг аз зан беҳтар аст,  
Саг мақоми як дар асту зан мақоми сад дар аст.

Вазирҳо шоҳро мепурсанд:

– Бо Гули дӯстоштаат чӣ муносибат мекунӣ?

Шоҳ дар ҷавоб гуфтаст:

– Гул бо Синавбар чӣ кард, ки Синавбар бо Гул кунад?

*(Гӯяндагон: Ғоибназарова Лаълбегим (1943), Ғоибова Давлатхотун (1955) аз деҳаи Баршор.*

# НАҚЛҲО ВА РИВОЯТҲО

## ЧАШМАИ АВҶ

Ривояте аст, ки гӯё ин чашма аз қадимулайём дар масофаи тахминан 1 км аз мавқеи ҳозирааш, дар самти машриқ дар зери шахи мармар воқеъ будааст. Тақрибан 500 метр ба тарафи шимол дар сари теппаи Кофар-қалъа дидбони Қаҳқаҳа дар ҳазорсолаи 3-и пеш аз милод ҷойгир будааст, ки то ҳоло низ девори он дидбонгоҳ мавҷуд аст.

Дар яке аз рӯзҳо сайёде дар дараи Авҷ шикори нахчир карда, аз ин роҳ мегузаштааст. Кофирони қалъанишин паҳлавонро бо саги шикориаш дар рӯи ҳамин шахи мармар ба қатл расонда, гӯшти сайдро мегиранд. Акси камон, паҳлавон ва сагаш то ҳоло дар рӯи суфаи шахи мармар бо ранги сурх дида мешаванд.

Гӯё баъди рехтани хуни одам оби чашма дарун фурӯ рафта, дар соҳили дарёи Панҷ, дар мавқеи ҳозирааш мебарояд.

Дар зери ин шах оҳаксангҳои аз оби маъданӣ такшиншуда мавҷуд буда, барф дар фасли замистон тез об мешавад.

*(Гирдоваранда: Ширинбек Давлатмамадов(1939), аз нақли бобояш Давлатмамадов Қурбон-Валеҷӣ)*

## ДЕҲАИ БАРШОР ВА МАЗОРИ ХОҶА РАҶАБ

Ривояте аст, ки деҳаи Баршор аз замонҳои қадим камоб будааст. Боре шахси бузурге бо номи Хоҷаи Калон бо шогирдаш Хоҷа Раҷаб (дар баъзе ривоятҳо – бо писараш) аз

ин макон мегузаранд. Сокинони деҳа ин мардро дида, пеши пояш меафтанд, тепу домани мардро қапида гиряву нола мекунанд, ки як дуои хайре кунад, то ки деҳаашон сероб гардад. Ин шахси бузург ба шогирдаш (писараш) мефармояд, ки сари чашма биравау бо ҳамин таёқам (белча) се бор ба замин бизан. Қафо гашта, таёқро аз қафоят кашола карда рафтан гир, ба ақиб хера накун. Ин корро анҷом долда, об хеле зиёд мешавад. Аммо сокинон ба ин қонеъ намешаванд, дубора зориву тавалло мекунанд, ки об ҳанӯз ҳам кам аст. Боз дуюмбора Хоҷаи Калон Хоҷа Раҷаброба сари чашма мефиристонад, ин дафъа ӯ бо ғазаб се бор бо таёқ (белча) ба замин мекӯбад. Сели даҳшатоваре ҷорӣ мешаваду деҳаи Баршорро рӯфта мебарад. Ин шахси бузургвор ба аспаш савор шуда, ба лаби дарё меравад, ки сел раҳи дарёро гирифтаасту гирдоби калоне пайдо шудааст. Як гаҳвора дар даруни гирдоб гирд мезанаду кӯдаки ширхора, ки дастонаш кушода буданд, дар дарунаш буд. Он шахс қамчинашро ба сӯи кӯдак дароз мекунад, кӯдак нӯги қамчинро қапида ба даҳанаш мебарад, ӯро оҳиста-оҳиста кашида мебарорад.Мард кудакро гирифта, ба деҳаи Қозидеҳ меораду ба яке аз бошандагони ин деҳа месупорад. Ба ӯ таъкид мекунад, ки ин кӯдакро тарбият кунаду баъди соҳиби ақл шуданаш ба ӯ фаҳмонад, ки деҳаи падараш Баршор аст, ба он ҷо баргардаду деҳаро обод кунад. Ривоят аст, ки кулли бошандагони деҳаи Баршор аз насли ҳамон кудак мебошанд (аз авлоди Худодҳо).

Аз ин воқеа Хоҷаи Калон ғамгин гашта, шогирдашро (писарашро) оқ (дуои бад) мекунад, ки ҷавонамарг шавӣ. Шогирдаш (писараш) ҳамон замон ҳалок мегардад. Ӯро дар ҳамин макон ба хок месупоранд ва ин макон то имрӯз зиёратгоҳи мардум бо номи мазори Хоҷа Раҷаб аст.

*(Гӯянда: Сардоров Иқболхон(1952),*
*сокини деҳаи Қозидеҳ.*
*Гирдоваранда: Қучқорова Раъно)*

## НЕКЗАН

«Некзан» – сангест дар кӯҳи Буғуш дар шакли зан, ки кӯдакашро дар пушт дорад. Чунин ривоят аст, ки занҳои деҳа ба айлоқ мераванд. Кофирҳо ба айлоқ ҳуҷум карда, ҳамаро мекушанд ва ин занро бо худ бурданӣ мешаванд. Зан аз тарс ва нангу номус ба даргоҳи Худованд илтиҷо мекунад, ки ба дасти кофарҳо нағалтаду дар ҷояш санг гардад. Худованд дуои занро қабул мекунад ва ӯро бо кӯдакуш санг мегардонад. То имрӯз ҳамон сангро “Некзан” мегӯянд.

*(Гӯянда: Азимов Гулзор (1926), сокини деҳаи Қозидеҳ. Гирдоваранда: Қучқорова Раъно)*

## АЛМАСТӢ АЗХАДАК

Мувофиқи ривояти гузаштагон, дар кӯҳи стони Бадахшон дар асрҳои қадим алмастӣ, дев, каҷпок, жебанак ва ғайра ба одамон зарофат мерасонидаанд. Ду хоҳар – алмастӣ, яке дар ин тарафи об (дарёи Панҷ) ва дигаре дар он тарафи Ғорон истиқомат доштаанду халқро талаву тороҷ мекардаанд.

Рӯзе як марди далер аз он тарафи об ба мақсади нест кардани ин алмастӣ, ки дар деҳаи Баршор буд, аз кӯҳ нахчир шикор карда, рост ба пеши алмастӣ меояд. Алмастӣ шикорчиро дида хушҳол мегардаду мегӯяд : – Хуб кардӣ, ки ба пои худат омадӣ. Шикорчӣ мегӯяд : – Аввал гӯшти сайди маро бихуру баъд маро. Алмастӣ аз шикорчӣ номашро мепурсад. Шикорчӣ ба забони ишкошимӣ (ринӣ) мегӯяд , ки номам Азхадак. Шикорчӣ гӯшти сайдро дар сихчаҳои оҳанин кабоб карда, ба алмастӣ дароз карда мегӯяд: – Намакашро бин. Алмастӣ даҳонашро мекушояду шикорчӣ яку якбора симро бо кабоб ба ҳалқи алмастӣ пахш мекунад. Алмастӣ чунон сахт наъра мезанад, ки хоҳараш аз он тарафи об садояшро шунида: – Ба ту чӣ

шуд? Кӣ туро зад? – гуфта мепурсад. Дар ҷавоб «Азхадак»-ро мешунавад. Хоҳараш хаёл мекунад, ки «азхадак» (яъне худам, ба забони ишкошимӣ) шояд худаш даст ё пояшро озор дода бошад.

Рӯзи дигар ба хабардории хоҳараш меояд ва мебинад, ки хоҳараш мурда хобидааст. Алмастӣ мурдаи хоҳарашро дар домани сели Баршор мегӯронаду худаш фирор мекунад.Халқ аз онҳо халос шуда,осуда зиндагӣ мекунанд.

*(Гӯянда: Соҳибназари Худодод (1925),*
*сокини деҳаи Баршор*
*Гирдоваранда: Раъно Қучқорова)*

## ДАШТИ МИРӢ

Ривояте аст, ки дар деҳаи Дашт (Дашти мирӣ низ мегӯянд), ки дар болои деҳаи Андароб воқеъ аст, мире бо номи Шаҳмалак меояд ва мебинад, ки дашт хеле васеъ аст, аммо об надорад. Мир, ки навкарони зиёд дошт, бо қувваи онҳо ба ин ҷо аз Баракатук ном айлоқҷо, ки дар болои ин мавзеъ ҷойгир буд, ба деҳа об баровардааст. Ин мир хеле золим будааст ва мардумро азобу шиканҷа медодааст. Мардумро маҷбур мекардаанд, ки ҳар як хонавода ҳар рӯз ба ин Мир 4 сар гӯсфанд (ӯ дар як шаб 40 гӯсфандро кушта ба навкаронаш харҷ медодааст) ва як духтари хона (бокира) биёранд. Мардум ба зулму шиканҷа тоб наоварда, ин маконро оҳиста-оҳиста ва пинҳонӣ тарк мекунанд. Дар ин бора чунин гуфтаанд:

*Як хона ба сад хона расондаст фалак,*
*Сад хона ба як хона расонд Шаҳмалак.*

Дар ин деҳа ҳафт бародар зиндагӣ мекардаанд, ки як хоҳари хубрӯе доштаанд. Онҳо хоҳарашонро пинҳон мекунанд. Аммо рӯзе Мир аз ин огоҳ шуда, навкаронашро мефармояд, ки ба хонаи онҳо барои бурдани гӯсфандон ва хоҳарашон раванд.

Бародарон ба ин бераҳмӣ ва беномусӣ тоб наоварда, навкарони мирро мекушанд ва ба манзили Мир ҳучум карда, ӯро низ ба қатл мерасонанд, хоҳару молу мулкашонро гирифта, дарёи Панҷро убур намуда, ба тарафи Афғонистон (он вақт сарҳад ҷудо набудааст) гурехта мераванд. Навкарони боқимондаи Мир ба айлоқи Баракатук баромада, чиҳил ҷувол ҷавро ба сари чашма мепошанд, бо намадҳо мепечонанд ва аз болояш хокро гардонида ин чашмаро нест у нобуд мекунанд ва худашон ин мавзеъро тарк мекунанд.

Баъди ин воқеа мардуми боқимонда низ аз беобӣ ин деҳаро тарк мекунанд ва муддати дарозе дар ин макон зиндагонӣ қатъ мегардад.

*(Гӯянда: Иброимбекова Муборакхотун (1951),*
*зодаи Дашти Андароб, сокини шаҳри Хоруғ.*
*Гирдоваранда: Муборакшоева Зарнигор, соли 2013)*

## ШАМБЕДЕҲ

Деҳаи Шамбедеҳ яке аз деҳаҳои хушманзараи водии Ғорон мебошад. Дар бораи ин деҳа ривоятҳои зиёде мавҷуданд.

Яке аз ин ривоятҳо чунин аст. Замоне як мир бо навкарони худ аз водии Ғорон мегузарад. Тобистон будааст. Ҳаво хеле гарм, навкарон ва мир аз роҳи дароз хаста мегарданд. Мир ба навкаронаш амр медиҳад, ки як ҷои хушманзараро интихоб кунанд, то дар он ҷо шаб хиргоҳ зада, то рӯз роҳат кунанд ва фардо боз сафарашонро идома диҳанд. Онҳо ба деҳаи Шамбедеҳ мерасанд ва аз зебогии манзараи ин деҳа дар ҳайрат мемонанд ва ҳамин ҷойро барои гузаронидани шаб интихоб мекунанд. Онҳо хиргоҳ зада, ба айшу нӯш машғул мешаванд. Шабонгоҳ Мир аз хиргоҳ берун меояд, ба деҳа назар андохта, ҳама ҷоро чароғон мебинад. Дар тааҷҷуб афтода хубтар нигоҳ мекунад, ки бедҳои гирду атроф чун шамъ рушноӣ медиҳанд.

Ба бедҳо наздик шуда тарсида-тарсида бо даст палмосида, боварӣ ҳосил мекунад, ки дар ҳақиқат инҳо дарахти беданд. Шӯълаи ҳасудӣ дар дили ӯ аланга мегирад ва ба дил мегӯяд:

– Ин макон бояд аз макони зисти ман беҳтар набошад.

Шаб рӯз мешавад ва мир ба навкаронаш фармон медиҳад, ки ин бедҳоро решакан карда, ҳамаи дарахтони деҳаро бурида, деҳаро оташ зананд. Навкарон ин фармони мирро ба зудӣ анҷом медиҳанд ва бо аспони худ савор шуда, бо корвони худ деҳаро тарк мекунанд. Баъди чанде аз ин деҳа тӯдаи хокистар боқӣ мемонад. Деҳа баъди чандин солҳо аз нав ҷои зисти одамон интихоб мегардад ва ба хотири он шамъи бедони ин макон ин деҳаро Шамбедеҳ меноманд, ки маънои аслиаш шамъбед аст.

## ҶӮЙИ ШОҲБУРҲОНИ МАРДИ ВАЛӢ

Гузари Шоҳбурҳони марди Валӣ ба деҳаи Шамбедеҳ мерасад. Деҳае мебинад, ки хеле хушманзара аст. Аз ду тарафи деҳа як ҷӯйи об ба деҳа меомад. Азбаски деҳа хеле калон буд, долу дарахт ва мардуми ин деҳа аз беобӣ азият мекашиданд. Шоҳбурҳон ба саргаҳи деҳаи Вогз, ки қариб чор километр аз деҳаи Шамбедеҳ дуртар аст, меравад, аспи худро савор гашта, қамчинашро аз дунболаш кашола карда то охири деҳаи Шамбедеҳ меояд. Аз нақши кашида ҷӯи калоне пайдо мешавад, ки аз он оби зиёд ба деҳа меояд. Шогирде доштааст, ки ҳамеша бо ӯ ҳамроҳ аст, шогирд дар қанҷуғааш (қафои зини асп) савор буд. Шоҳбурҳон ба ӯ мегӯяд, ки ҳаргиз ба қафо нигоҳ накунӣ. Хеле роҳ мераванд, шогирд пинҳонӣ чанд маротиба ба қафо менигарад, ки чӣ сирре бошад, аз қафо ҷӯи обро дида, тез рӯяшро мегардонад. Дар ҳамин ҷой оби ҷӯй баъзан канда мешаваду мушкилии зиёдеро пеш меорад. (Ин ҷӯй ҳақиқатан ҳам кӯҳи калонеро убур мекунад, ки дар он замонҳо буридани ин кӯҳ имконнопазир буда, мӯъҷизаи ҳақиқист). Деҳа

баъди ин боз ободу зеботар мегардад ва дар он дарахтони аҷоибу ғароиб мерӯидаанд. То имрӯз низ донаи ҳар мевае, ки ба замин меафтад, бе ягон парвариш тез калон шуда, ба воя мерасад. Баъди ин воқеа, мардум ин ҷӯйро муқаддас мешуморанд. Дар Деҳи Болои ин деҳа то ҳоло мазоре ҳаст бо номи Қадамҷои Шоҳбурҳони марди Валӣ.

## ХУНИ КОФАРИ АЙЛОҚИ РЕГУКДАРА

Дар деҳаи Шамбедеҳ айлокҷое аст бо номи Регукдара. Дар наздикии ин айлоқ шахест (кӯҳест). Вақте ки борон меборад кас гумон мекунад, ки аз он ҷо хун ҷорӣ мешавад. Ривояте аст, ки ҳар тобистон занони ин деҳа ба айлоқ мерафтанд. Як рӯз ғоратгарон аз Афғонистон дарёи Панҷро гузашта, ба самти дара боло баромада, ба айлоқ мерасанд. Онҳо тамоми рама, ғалла ва равғану қурути айлоқчиҳоро ба ғорат бурда, аз роҳи омадаи худ пас мегарданд. Занони деҳа, ки ба дара боло баромадани аламонҳоро (роҳзанони ғоратгарро) мебинанд, аз тарс рӯ ба гурез оварда, худро ба қишлоқ мерасонанд ва ба Шоҳҷон ном ҷавонмарди паҳлавони деҳа мурочиат карда мегӯянд:

*Регукдараро бандои Регукдараро,*
*Куштанд саги ялтову бибурданд галларо.*
*Шоҳҷонаки ҷон, савор шав аспи аларо,*
*Тозондаву ёзонда бигардон галларо.*

Шоҳҷон ҳамон замон ба аспи тозии худ савор мегардад ва ғоратгаронро дунболагирӣ мекунад. Дар кутали Ёғурда ба онҳо мерасад ва роҳзанонро несту нобуд мекунад. Сарвари онҳоро, ки чандин бор ба деҳаҳо ва айлоқҷойҳои Ғорон ҳуҷум карда, молу рӯзгори мардумро ба яғмо мебурд, зинда дастгир мекунад ва дар ҳамон кӯҳи Регукдара оварда сар мебурад. Аз он рӯз сар карда, то ин замон мардум ин кӯҳро Хуни кофар меноманд. Баъд аз ин, роҳзанон дигар ба Ғоронзамин ҳуҷуми ғоратгарона намекунанд ва мардум орому осуда умр ба сар мебаранд.

## АЗ РИВОЯТ ТО ҲАҚИҚАТ

Дар мавзеи Даштаки қишлоқи Шамбедеҳ як чашмае аст бо номи Кӯрчашма. Чашма аз зери санге мебарояд. Ривояте аст, ки рӯзе аз ин ҷо шахсе мегузарад, чашмаи мусаффоеро мебинад ва аз оби он нӯш карда роҳашро давом медиҳад, хеле роҳ меравад ва ба ёдаш меояд,ки ҷоми тиллоиеро,ки бо он об нӯшида буд, дар сари он чашма фаромӯш кардааст. Аз роҳ бармегардад ва ба сари чашма меояд. Мебинад, ки аждаҳои бадҳайбате дар болои ҷом хобидааст. Аждаҳо ба ӯ ҳуҷум карданӣ мешавад ва он шахс рӯ ба сӯи Худованд оварда, мадад мепурсад. Дар як лаҳза санги калоне аз кӯҳ канда мешавад ва ба болои аждаҳо меафтад. Ин об гӯё аз даҳони ҳамон аждаҳо берун меояд. Сокинони деҳа аз ин об наменӯшанд ва ин обро танҳо паррандаву чарандагон истеъмол мекунанд. Оби ин чашма дар чор фасли сол як хел аст, на зиёд мешавад ва на кам.

Баъди суқути Шӯравӣ, дар ин мавзеъ сарҳадбонони қирғиз бо номи «Қирғизлбаталон», ки марзи Тоҷикистонро шартномавӣ посбонӣ мекарданд, мезистанд. Азбаски аз дарё кашонидани об ба онҳо мушкилӣ мекард, мехостанд ин чашмаро тарконида, обро зиёд карда истифода баранд. Як рӯз то шом ин корро анҷом медиҳанд, аммо об зиёд намешавад. Шабона фармондеҳи онҳо, ки Ренат ном доштааст, дар утоқи худ хобида будааст, ки дар кушода мешавад ва як махлуқи аҷоиб даромада, ба ӯ дармеафтад. Фармондеҳ аз тарс аскаронро фарёд мекунад ва онҳо давида омада чизеро намебинанд.

Шаби дигар посбонҳоро дар пеши дар монда хоб меравад ва боз он махлуқи аҷоиб пайдо мешавад ва ба ӯ дармеафтад. Ӯ боз доду вой мекунад, аскарон омада тирпарронӣ мекунанд, вале чизеро намебинанд. Ҳамин тавр, ҳар шаб ин махлуқ ҳамаро ба дод меорад. Як рӯз фармондеҳ ба деҳа

меояд ва ин воқеаро ба мардум нақл мекунд. Калонсолони деҳа ба ӯ тавсия медиҳанд, ки як гӯсфандеро дар сари он чашма сар бурида, оши худоӣ диҳад. Ин амалро анҷом дода, сарҳадбонон аз он махлуқ халос мешаванд.

*(Гӯяндаи ин 4 ривоят: Муборакшоев Мадамбар (1925-1995), деҳаи Шамбедеҳ. Гирдоваранда: Муборакшоева Зарнигор, соли 1995)*

## ҚАРАМИШ ВА АЛМАСТӢ

Марде бо номи Қарамиш дар деҳаи Вогз осиёбшакӣ мекардааст. Орди мардумро шакида, аз ин орд ҳаққи хизматашро гирифта, рӯз мегузронидааст. Як шаб дар осиёб хоб рафта будааст,ки дар кушода мешаваду як алмастӣ ба осиёб медарояд. Алмастӣ ба Қарамиш мегӯяд:

– Ту як қумочи калони тайаловӣ пазу ман рафта равған меорам, ҳардуямон шикамамонро сер мекунем.

Алмастӣ баромада мераваду Қарамиш як фатир пухта мемонад. Дере нагузашта, алмастӣ бо як кӯзаи равған бармегардад. Қарамиш кӯзаи худашро шинохта чизе намегӯяд. Дасту рӯй мешӯянду дар сари дастархон шиштанӣ мешаванд. Алмастӣ аз Қарамиш хоҳиш мекунад, ки пеш аз хӯрдани хӯрок «Бисмиллоҳ» нагӯяд. Қарамиш хуб гуфта, даст ба хӯрок бурданӣ мешаваду фаромӯш карда «Бисмиллоҳ» мегӯяд. Алмастӣ ҳамон лаҳза нопадид мегардад. Қарамиш кӯзаи равған ва хӯрокашро гирифта, ба хонааш мебарад. Занаш кӯзаи равғанро дар дасти шавҳараш дида ҳайрон мешавад. Қарамиш воқеаро нақл мекунад. Ин ривоятро то ҳоло ҳам нақл мекунанд.

*(Гӯянда: Лашкаров Сарабек (1955), сокини деҳаи Шамбедеҳ. Гирдоваранда: Муборакшоева Зарнигор)*

## ЛАЪЛИ БАДАХШОН ВА КОНИ КӮҲИ ЛАЪЛ

Дар бораи деҳаи овозадори Кӯҳи Лаъл низ ривоятҳои зиёде аст. Дар васфи лаъли ин деҳа, ки тоҷи сари шоҳони олам будааст, бузургони назму наср аз қадимулайём суханони зиёде гуфтаанд. Аммо ривояте аст, ки дар бораи номгузории ҷойҳои ин деҳа нақл мекунад. Дар кони ин макон, ки аз деҳа болотар аст, истихроҷкунандагони кон – девҳо, ки ба Сулаймон-пайғамбар ҷиҳати нигини аз лаъл будааш итоат доштанд, кор мекардаанд. Девҳо заминро кофта, лаъл мебаровардаанд ва мегӯянд, ки ин хандақҳо ҳатто аз таги дарёи Панҷ ба он тарафи соҳил рафта мерасидаанд. Макони Сулаймон-пайғамбар (тахташ) дар худи деҳа будааст. Ин аз як хонаи дуошёнадор ва хеле аҷоиб иборат буда, то солҳои наздик мавҷуд буд, мардум онро чун мазор (остон) зиёрат мекарданд. Аммо яке аз раисони колхози ҳамонвақта ин хонаро вайрон намуда, дар ҷои он фермаи колхозро месозад. Аз ин макон танҳо чанд санг ва шоххҳои нахчир боқӣ мондаасту халос.

Қадамгоҳи дигари Сулаймон-пайгамбар дар деҳаи Сист, ки 2 километр аз Кӯҳи Лаъл дуртар аст, бо номи Хоҷаи Лаъл мавҷуд аст. Ин як дарахти хеле кӯҳ ансоли санҷит буда, дар он сангҳо ва шоххҳои нахчир низ гузошта шудаанд. Шохаҳои хушкидаи дарахт хеле зиёданд, аммо одамон онро барои алов истифода намебаранд. Мегӯянд, ки марде ин анъанаро вайрон карда, аз ин ҷо барои алов ҳезум гирифтааст, ба хонадони ӯ зарари сахт расида, дастонаш шал шуда мондаанд. Аз ин шохаҳо фақат барои пухтани оши худоӣ истифода мебаранду халос. Ин ҷой то ба ҳоло зиёратгоҳи мардумон аст.

## МАЗОРИ ШЕХБЕКИ БАЛОГАРДОН

Мазори Шехбеки балогардон дар мобайни деҳаи Андароб ва Кӯҳи Лаъл ҷойгир аст. Ривояте аст, ки Шехбек со-

кини деҳаи Қозидеҳ будааст. Замоне сели пурдаҳшат ин деҳаро ба коми худ мекашад. Аз ин деҳа танҳо баъзе сокинони Сари Қалъа, ки болотар аз ин деҳа буданд, бо чанд хонавода ҷон ба саломат мебаранду халос. (Ҳоло дар ҷои ин деҳа ҷангали калон воқеъ аст). Хонаи Шехбекро низ сел бо худ бо чизу чора ва хонавода ба дарёи Панҷ мебарад.

Аммо Шехбек бо дуои худ хонавода, чизу чора, ҳатто тифли дар гаҳвора будаашро дар гирдоби Гулбоғ, ки аз он тарафи марз аст, мебарорад. Мардум ба ин шахс ҳамеша бошубҳа нигоҳ мекарданду мегуфтаанд, ки ин мард киромот нишон медиҳад.

Боре бачаҳои ин деҳа писарбачаеро мефармоянд, ки худро мурда вонамуд кунад. Худашон ба назди Шехбек медаванд ва мегӯянд, ки тезтар биё, ки бача мурдааст. Шехбек саросема нашуда мегӯяд, ки дасту рӯй шуста таҳорат мекунаму меоям. Меояду дар рӯи он бача дуо хонда:

– Акнун ӯро бардошта баред, – мегӯяд.

Бачаҳо хандида мегӯянд:

– Мо туро масхара кардем, ин бача зиндааст.

Шехбек бори дигар:

– Уро бардошта баред, – мегӯяду ба роҳаш меравад.

Бачаҳо бошанд:

– Хез, хез, Шехбек рафт, – мегӯянд, аммо он бача дар ҳақиқат мурда буд. Шубҳаи мардум нисбати ин шахс аз байн меравад.

Рӯзе дар байни мардуми Ғоронзамин бемории вазнине пайдо мешаваду мардум онро «бало» меноманд. Ин бало гӯё ба шакли белчае будааст, ки дасту по доштааст. Дар остонаи кадом хонаводае, ки пайдо шавад, он хонавода табоҳ мешудааст (ҳамаашон мемурдаанд). Мардум ба даҳшат афтода, назди Шехбек мераванд ва мегӯянд, ки ту қодир ҳастӣ, ки ин балоро рад бикунӣ.

Шехбек ин балоро зада-зада аз Ғорон пеш мекунад ва ба назди ғоре омада ба мардум мегӯяд:

– Агар ягон вақт мушкилие ба саратон, биёед ба назди ғору номи маро гирифта ҷеғ занед, ман зуд меоям ва пас,

худаш ба даруни ғор даромада нопадид мегардад.

Солҳо мегузарад ва ин воқеа дар хотир ва забони мардум мемонад.

Боре чанд тан аз сокинони ин макон, ки ин воқеаро шунида буданд, ба дурустии он шубҳа намуда, ба пеши он ғор мераванд ва фарёд мекунанд: – Шехбек, баро, ки боз бало омад!

Шехбек ҳамон замон пайдо мегардад ва дурӯғ будани гапи онҳоро фаҳмида, дуди сабзе гашта нопадид мегардад. Дигар касе ӯро надидааст. Баъди ин ҳодиса ҷойи ғайб задани Шехбек зиёратгоҳи мардум мегардад ва ин ҷоро Мазори Шехбеки балогардон мегӯянд. Он асосан дар деҳаи Гулбоғи Ғорони Афғонистон ҷой гирифта, мардуми ин тарафи марз низ ин ҷойро зиёрат мекунанд.

*(Гӯяндаи ин 2 ривоят: Чоршанбиев Шоғариб (1953), зодаи кишлоқи Систи Ғорон, сокини шаҳри Хоруғ. Гирдоваранда: Муборакшоева Зарнигор, соли 2014)*

## ПУЛИ ШОҲ ВА ГАРМЧАШМА

Дар бораи Гармчашмаи овозадори водии Ғорон низ ривоятҳои зиёде мавҷуданд. Кӯҳ ансолони ин деҳа нақл мекарданд, ки дар давраҳои қадим ба ин деҳа на аз тарафи поён, балки аз ҷониби мавзеи Вогз медаромадаанд.

Дар ҷои чашмаи ҳозира аждаҳои калоне меистодааст, ки раҳгузарон ва паррандаву чарандаро аъф (ба коми худ) мекашидааст.

Гузари Ҳазрати Алӣ ба ин макон меафтад ва аждаҳо ба ӯ ҳуҷум мекунад. Ҳазрати Алӣ шамшери Зулфиқорашро аз ғилоф мекашад ва ин аждаҳо шамшерро фурӯ бурда-фурӯ бурда ду пора мешавад. Ҳазрати Алӣ шамшери хунолудашро пок карданӣ шуда, онро ба замин мезанад, аз ин ҷо оби гарм фаввора зада мебарояд. Онсӯтари ин об боз бо кордаш ба замин мезанад, аз ин ҷо оби хунук мебарояд. Ҳазрати Алӣ шамшер ва либосҳояшро пок мекунад.

Аз мобайни деҳа рӯди калон мегузашт. Ҳазрати Алӣ дастаи қамчинашро ба болои ин рӯд мепартояд, дар ин ҷо пуле пайдо мешавад ва мардум тариқи он озодона равуо мекунанд. Ҳазрати Алӣ дар болооби ин чашма ҳамчун рамзи Панҷ тани пок нақши кафи даст ва панҷ ангӯш ти зарринро мемонад, ки дар он бо ҳуруфоти арабӣ «Пули Шоҳ» навишта шуда буд. Он то солҳои Шӯравӣ низ дар болои ин чашма меистодааст. Одамон ҳеҷ гоҳ ба болои ин чашма намебаромадаанд, танҳо аз поён онро зиёрат мекарданд. Ин зиёратгоҳро Пули Шоҳ меноманд.

Баъдтар марди русзабоне онро гирифта мебарад. Ба куҷо бурдани он аниқ нест, лекин тахмин меравад, ки дар яке аз осорхонаҳои калонтарин маҳфуз аст.

*(Гӯянда: Амирхонов Иқболхон (1955),*
*сокини деҳаи Гармчашма*
*Гирдоваранда: Абибова Нозигул, соли 2014)*

## ТОРТАНАК

Ривоят аст, кофарҳо, ки Бибӣ Фотимаи Заҳроро пеш карданд, аз пеш ғор баромадааст бо ҳукми Худо. Бибӣ да(р) ғор пинҳон шудаст. Тортанак даррав тор танидасту кофарҳо омада диданд, ки ғор кӯҳ на аст, гаштанд. Бибӣ амон ёфтааст. Мегуянд, ки тортанак нафас бурдааст. Аз даҳони ҷиям шунидам.

## ҲАФТДОДАРОН

Дар осмон Ҳафтдодарон ситораҳо астанд. Маити падарашонро бурда истодаанд. Як кас аз пеш меравад, чор кас шотуи додишона гирифтанд. Як кас аз қафо барои чароғ мебарад, якто аз ақиб аз падар бебаракат шудаст, чанде медавад унора дарёб намекунад.

*(Гӯяндаи ин 2 ривоят: Ғоибназарова Лаълбегим (1943),*
*зодаи деҳаи Баршор, сокини ш.Маскав.*

*Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 2014)*

## ҚИССАИ ХОҲАРОН

Дар вақтҳои пеш аз омадани русҳо, ба кӯҳи стони мо афғонҳо, узбакҳо, бою ҷаллодону амирони ҷойдорӣ, мардумро зулм мекарданд. Дар қишлоқҷойҳо одамони беномус бисёр будаанд, ки ҳамдиёронашонро барои як луқма нони арзан, ҷав ё ки як дуди тарёк мефурухтаанд. Ман мехостам, дар бораи гузаштагонам ба таври кутоҳе нақл кунам. Зеро ки одамоне, ки ба ин корҳо шоҳид буданд, ҳама даргузаштанд.Суханҳоеро, ки ман менависам, аз забони момои бузургворам Фотима Шехова шунидаам. Мобека ном момо, ки ба Фотима ҳам хушдоман ва ҳам хола будааст, зани бобокалонам Ошур (лақабаш бачагаш – Чуршчак) будааст ва ҳамсолонаш дӯстона уро Қурошур мегуфтаанд. Ана ман набераи абераи ҳамон Қурошури шодравон астам. ӯ падари Худододи шодравон будааст. Модари ҳамин Худодод Мобека ном зани хубру будааст. Падару модари Мобекаро мири Афғонистон ба зурӣ қати хонаводаашон ба Кобул асир бурдааст. Падару модараш аз табларза мурдаанд. Аз онҳо дар Кобул ду духтар таваллуд шудаанд, яке Мобека ва дигаре Ғарибсултон. Ҳамроҳи онҳо як зани солхурдаи ғоронӣ (номашро аз момом барои хурд буданам нафаҳмидам), қати ҳамаи хешу табораш асира будааст, ки ҳамаи хешовандони ӯ ҳам аз табларза мурдаанд. Он кампир ҳам дар қатори марду зан ва кудакон ба мир ғуломӣ мекардааст. Ҳамаи онҳо дар як иморати хароб қашшоқона мезистанд. Рӯзе мир бо навкарони силоҳдораш ба сайру гашт баромадаст ва кампир уро дида фалак зада гуфтаст:

*Рӯзе, ки фалак холиқи ҷаббор кунад,*
*Пастиву баландӣ ҳама ҳамвор кунад.*
*Аз оҳану пулод бисозад занҷир,*
*Занҷир ба гардани ситамгор кунад.*

Мир гӯш кардаасту ҳеч чиз нагуфтасту ба қасраш бар-

гаштаст. Баъд обу авқот хурда, одамонашро фиристодаст, ки он занро ҳозир кунанд. Одамонаш омада дастони кампира завлона зада ба пеши мир оварда дузону шинондаанд. Мир гуфтаст: – Ту кистӣ, чӣ ном дорӣ ва барои чӣ ин рубоиро хондӣ? Кампир гуфтаст: – Ин рубоиро барои зулми беамони ту хондам, ту моро аз ватан дур кардӣ, хешу табораму наздиконам ба ҷабру ҷафои ту тоб оварда натавонистанд ва мурданд. Ман бекас мондам, агар маро бикушӣ, ман аз дори ту наметарсам. Сипас боз гуфтааст:

*Дар Қундузу Толиқон дили ғамгинум,*
*Шабҳои дароз ду пои дар занҷирум.*
*Эй бор Худо, ки бишканад занҷирум,*
*То рӯз шавад худма да(р) Ғорон бинум.*

Мир фармудаст, то дасту пои занро аз завлона халос кунанду ба ҷояш баранд. Мири хунхор аз кардааш пушаймон шуда, якбора фармон додааст, ки ҳамаи асиронро озод кунанд. Вақти шом будааст, ки одамони мир асиронро озод карда гуфтаанд, то тез раванд, ки мабодо мир аз гапаш нагардад.

*Эй бод биё, бод биё борон кун,*
*Селоба биёву Кобула вайрон кун.*
*Нимукша бикуш, нимукша нимҷон кун,*
*Ними дига(р)ша рӯ тарафи Ғорон кун.*

Баъд бачамардҳое, ки зинда мондаанд, ба ҳамдигар маслиҳат кардаанд, ки бояд тифлони ятим – Мобекаю Ғарибсултонро ҳам аз ғарибӣ бароранд. Гуфтаанд, ки агар онҳо намурданд, мерасонандашон ба Ғорон, агар мурданд, ба дасти худ таги сангашон мекунанд. Вагарна, виҷдонамон то абад моро азоб медиҳад, – гуфтаанд. Сипас, сағираҳоро бо зоду авлоди худашон, ки якто-нимто зинда монданд, дар доманҳои пустину чакманҳо зада, ин шеъро хондаанд:

*Мо беватанем, ба мо ватан ҳоҷат нест,*
*Агар бимурем, ба мо кафан ҳоҷат нест.*

Дар мобайни ҳамин мардҳо Қурбонбек ном ҷавонмард

аз Қозидеҳ (бобокалони Мамадамини Паҳлавонови духтур) будааст. Марди дуюм Мамадназар ном аз Шоҳиндараи Гармчашма (бобои Тиллои шодравон ва падари Нозимбек) марди бузург будааст. Онҳо ҳамин ду сағираи яксолаю дусоларо оварда ба Ғорон расонидаанд, ки аз хешу таборашон ҳеҷ кас дар ҳаёт намонда будааст. Мобекаро Қурбонбеки шодравон дар Қозидеҳ калон кардаасату Ғарибсултонро Мамадназари баномус ба Шоҳиндара бурдааст. Мобека ки калон шудааст, уро ба бобокалонам Ошур ба деҳаи Баршор додаанд. Ғарибсултонро ба Гармчашма ба шавҳар (номашро намедонам) додаанд. Мобека бисёр хушруй будааст ва ба мирҳои Афғонистон инро боз хабар додаанд ва ҳар рӯз аскарони мирро, ки Аштнафарӣ меномиданд, меомаданду хоҷагиашонро азоб медоданд, то занро қапида баранд. Аммо хоҷагиаш уро доим дар даруни чоҳ пинҳон мекардааст. Мобека ду писар ҳамагӣ таваллуд кардааст ва рӯи онҳоро ба серӣ намедидаст. Номҳои писаронаш – Худодод ва Худоназар. Баъд момокалони раҳматиам аз ҷонаш безор шуда ба мазоре, ки дар Баршор Хоҷа Раҷаб ном дорад, пилта метобаду фирҷа ёфта рафта мурод металабад, ки ё Хоҷа Раҷаб, ё ҷонамро бигиру ё ин суратамро, ки хоҷагиям аз барои ман дар азобу шиканҷаанд. Шаб хоб мераваду саҳар бо ҳукми Худо мебинад, ки банди биниаш шиштагӣ. Худоро шукр мегӯяд у ошкор зиндагӣ кардан мегирад. Аштнафарӣ омада мебинанд, ки ҷавонзан безеб шудааст, рафта ба мир хабар медиҳанду ҷони Мобека аз азоб халос шудааст.

Ғарибсултоне, ки дар Гармчашма дасти шавҳар будааст, ҳангоми ҳомиладорӣ шавҳараш дармегузарад. Сипас, ӯ писар таваллуд карда номашро Бӯйдоқ мондааст. Ҳангоме ки писараш аз синни ширхорагӣ баромадааст, Ғарибсултонро ба Шехмамад ном мард ба Қозидеҳ ба шавҳар медиҳанд. Зани пешинаи ин мард ҳам мурдааст ва фарзондони ятимаш – Акимбек, Панҷшамбе, Оташбек, Қурбонбек, Куканбек, духтаронаш Назарбегим, Давлатбегим ва

Хушҳолбегим будаанд. Боз аз зани дуюми Шехмамад Зарифмо, Мамадазиз, Азим, Фотима ва Заҳро дугоникҳо таваллуд шудаанд. Яке аз рӯзҳои тобистон, Шехмамад дар хона набудааст, ки боз роҳзанҳои афғон пайдо шудаанд ва мардум ҳама тарафи айлоқҷойҳо гурехтаанд. Фотима ва Заҳрои ҳаштмоҳа дар гаҳвора буданд. Модарашон вақте наёфтаст, ки онҳоро бигирад, ӯ заминҳоро гунҷишкбонӣ мекардаст ва аз тарсе, ки асир наафтад, кудаконро монда фарзандони калонро гирифта ба Лалм ном айлоқ, ки тарафи дараи Бағуш аст, фирор кардаанд. Шаб шудаасту мардуми хастаро дар айлоқ хоб бурдааст ва бародарашон Мамадазизе, ки тахмин 7-8 сола будааст, аз айлоқ гурехта ба қишлоқ омадааст ва хоҳарони дугоникашро дар гаҳвора зинда ёфта онҳоро монанди ҳезум ба банд баста пушт кардаасту як ғояти шаб ба айлоқ расонида, ҷони онҳоро аз марг раҳонидааст. Баъд аз чанд муддат модарашон Ғарибсултон мурдааст ва онҳо боз сағир мондаанд. Апаҳои калониашонро ба шавҳар додаанд ва онҳоро бародаронашон ва апаашон Хушҳолбегими модари Амирбек ва Шамсиддин Шермамадовҳо калон кардаанд.Фотимаро ба Баршор ба бачаи холааш Худодод ва Заҳроро ба деҳаи Бағуш ба Бобок ном ҷавонмард (бобои Носиров Назаршо) ба шавҳар додаанд. Ин буд қиссаи Мобека ва Ғарибсултон, ки дар Кобул аз асирони Ғорон ба дунё омаданд.

*(Гӯянда: Ғоибназарова Лаълбегим (1943),*
*зодаи деҳаи Баршор, сокини ш.Маскав.*
*Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 2014)*

# РУБОИЁТУ ДУБАЙТИҲО

Марворӣ шавӣ, назар ба руют накунум,
Гар об шавӣ, дастма ба ҷуют накунум.
Гар қавзаи гул шавӣ, ба рӯзе сад бор,
Билло ба Худо, дубора буют накунум.

Ғоронболо чӣ хушҳавое дорад,
Монандаи сурӣ духтарое дорад.
Товусу Мобека ва чанди дигаре,
Зулф(ҳ)ои базеб, чи қоматое дорад.

Додарма бубин, сӯи Бадахшон омад,
Та-таи шахо саломи пирон омад.
Партов шудаст, чакманша фута задаст,
Ай Ёғурда чу тири камон омад.

Дуто духтар таи девор мерафт,
Яке пешу дигар дунбол мерафт.
Ман қурбони ҳамон пешинагӣ шам,
Ақибнагиш мисоли бод мерафт.

Ай доиразан бубин, ки дар доира чист?
Андешаи дуру фикри бефоида чист?
Дар зиндагӣ, ки қадрма намедонистӣ,
Баъд аз мурданум гиряи бефоида чист?

Моҳе дидум, баромад аз хонаи ҷар,
Ман нола кунам, пора шава(д) банди ҷигар.
Эй додари ҷон, ҷигари садпорама дӯз,
Медӯзаму пора мешавад ҷои дигар.

Эй ҷураи ҷон, биё шикоре биравем,
Ё кӯҳи Бдорд ё Зуворе биравем.
Не кӯҳи Бдорд, не Зуворе биравем,
Аҷал, ки расид, чаро шикоре биравем.

Эй шоҳи ҷаҳон, ҷаҳон ба комат бодо,
Дар ҳар ду ҷаҳон сикка ба номат бодо.
Ҳар ҷо биравӣ, тахт ба комат бодо,
Дар тахт нишастанат муборак бодо.

Гумут кардум, шуриданут меоюм,
Ба дар бизанӣ, ба рузанут меоюм.
Ту қабзаи гул шавӣ, ба рӯзе сад бор,
Билло ба Худо, ба чиданут меоюм.

Мирзои манӣ, ки гул ба дастори шумо,
Кафш(х)ои ҳазору мехча дар пои шумо.
Кафштон бидарид зи гаштани сардараҳо,
Хоре бизаду фитода аз пой шумо.

Зумрадгаҳи сабз, ки мезанад бӯи шароб,
Ту худ шакару лаълу лабонат шакароб.
Мисли дили ман, ҳазор дил гашт кабоб,
Ту хонанишин шудию ман хонахароб.

Эй кӯҳи баланд, туро камардор дидум,
Гирди камарут ақеқу марҷон дидум.
Гуфтум, ки бирам ақеқу марҷон чинум,
Аз феъли бадум, ду мори печон дидум.

Да(р) дари хонат ниҳоли тутистонуст,
Бӯи гулҳо, шамоли тобистонуст.
Мардум меган, додармурӣ осонуст,
Ноинсофҳо, чӣ дарди бедармонуст.

Дарвоза баланд, шамолукуш салқинуст,
Ин модари меҳрабони ман ғамгинуст.
Эй модари меҳрабон, ту ғамгин набош,
Ин мурдани фарзанд ба сари чандинуст.

Дукончa баланду ҳардумон шишта будем,
Якчанд сухана ба ҳамдигар гуфта будем.
Якчанд сухане гуфта шавад ё нашавад,
Доғҳои ҷудогиро кай гуфта будем.

Айлоқ ба айлоқ малол аст маро,
Дил ошиқи зори беқарор аст маро.
Айлоқзанакҳо меган ҳар рӯз биё,
Билло ба Худо, ки айни кор аст маро.

Рафтӣ, рафтӣ, анори ширин дона,
Баргарду биё, даро даруни хона.
Баргарду биё, ки хона пурнур шавад,
Дӯстот хандону душманот кур шавад.

Қурбони ту шавам, ки ба ман ху намекунӣ,
Сад дил кабоб медиҳиву бу намекунӣ.
Гоҳе ба ҷанг астиву гоҳе ба оштӣ,
Ин ҳам ғанимат аст, ки рӯ як су намекунӣ.

Ба зери он дарахте шин, ки он пайванду бар дорад,
Ба пеши он касе биншин, ки аз дунё хабар дорад.
Марав бар кӯчаи саррофҳои беҳосил,
Ки ин кӯча на шиpу на шакар дорад.

Аз мулкаки Хоруғ дур аст Парӣ,
Монанди анор мувофиқи ҳамдигарӣ.
Ҳар кас, ки зи ёракам биёрад хабарӣ,
Ин умри азизи худ диҳам муждабарӣ.

Аз мулкаки Мулвоҷ ба Варзоб гаштум,
Аз дасти Паримо қаландар гаштум.
Ман мехостум боз биёюм ба Ватан,
Ин дастагула гирифтаву пас гаштум.

Ширин туву ширин туву ширин номат,
Дилгир шудам ба рафтани поёнат.
Ҳеҷ кас наёмад, ки кунад пайғомат,
Дар барги гули сурӣ нависам номат.

Нозима бубин, ба банди айлоқ омад,
Монанди гули лола худуш тоқ омад.
Аммекша бубин, дар (ҳ)аваси лолаи тоқ,
Ҷиекша бубин, ки оҳ кашида зи фироқ.

Ҳайронаму ҳайронзадара медонум,
Фарҳодаму тешахурдара медонум.
Гар қатраи хунукут бирезад ба замин,
Ман Юсуфи гургбурдара медонум.

Парвин ба сари қалоту ман бандаи ту,
Бишкуфта гули сафед аз хандаи ту.
Ман мол надорам, ки нисори ту кунум,
Як ҷон дорам, ҷудо-ҷудо бандаи ту.

Себе, ки дар ин ниҳол андар лаби ҷу,
Бӯи Ҳасану Ҳусайн дар меваи у.
Ду ҷура анори мо да(р) рӯи ҷаннат,
Ҳар чор шаҳиди Карбало дар таи у.

Ҳамчун шудам сағераи кӯҳ нақабо,
Не падару не модару бо раҳми Худо.
Эй бор Худо, сағераро раҳ бинамо,
Гирад раҳи лаълм(ҳ)ову даштҳои Худо.

Садбарг ай ту, гулҳои садбарг ай ту,
Ҳеҷ гуна намешавад дилам сард ай ту.
Гуфтем, ки ҷудо намешавем то дами марг,
Рӯзе, ки ҷудо маро кунад марг ай ту.

Солам ба навад расид, умрам кам шуд,
Дастам ба асо расид, пуштам хам шуд.
Оинаи равшане, ки мо медидем,
Зангор гирифту равшаноиш кам шуд.

Пирӣ ки расид, банди зиндонум кард,[1]
Ақлу ҳушама бибурду нодонум кард.
Ман дастаи гул будум ба гулзори чаман,
Монандаи хор дар биёбонум кард.

Кабутари сабзи мо ҳаво карду бирафт,
Дидум, ки ба дашти Карбало рафту гузашт.
Гуфтум биравум, хаймаву хиргоҳ бизанум,
Дастум нарасиду нолаҳо карду бирафт.

Дар мулкаки Ғорон дилум хайбар шуд,
Аз нолаи ман ду гӯши мардум кар шуд.
Аз нолаи ман фақат шумо бехабаред,
Ҷон дар баданам бисӯхту хокистар шуд.

Афсӯс, ки моҳи амбарима бурдан(д),
Садбарги сафеди сиварима бурдан(д).
Садбарги сафеди саҳарӣ доди Худо,
Ду дев шуданду як парима бурдан(д).

Мо хели кабутарему ҷо(й)мон камаруст,
Мо месӯзему модари мо бехабаруст.
Модарма бугу алови дӯзах нахарад,
(Ҳ)авли дили мо зи (ҳ)авли дӯзах батаруст.

1 Гӯянда: шодравон Ҷалолова Сафархотун (1918-2003) аз деҳаи Баршори Ғорон. Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 1995.

Дар кӯчаи шаҳр гули суман буду бирафт,
Меҳруш ба даруни дилукум монду бирафт.
Меҳруш ба даруни дилукум кард ватан,
У хонахароби беватан буду бирафт.

Рӯзе, ки забон дар даҳанум лол шавад,
Ду дидаи равшанум шаби тор шавад.
Ҳушум биравад ҳар тарафе сайлу само,
Ҷон дар кафи золимон гирифтор шавад.

Чархи фалаки дурӯза даврони ман аст,
Сайёди аҷал да(р) хона меҳмони ман аст.
Ин гурги дарранда дар сари роҳи ман аст,
Дар қасти ҳалок кардани ҷони ман аст.

Рӯзе, ки фалак қаст кунад бар ҷонум,
Бо зориву бо зӯрӣ бигирад ҷонум.
Аз рафтани ҷони худ надорум парво,
Мансури сағеру Зумради ҳайронум.

Куртат алоча тиризу остинут ман,
Сад ёр дорӣ, ёри нахустинут ман.
Сад ёр гирӣ ба қаҳру ситезаи ман,
Ҳаргиз нарасад ба меҳри якрӯзаи ман.

Ёрум сари дар, худум сари дарвоза,
Ёрум гули сурху ман панири тоза.
Ҳар кас, ки ба ин панир даст андоза,
Дастуш шиканум панир бимона тоза

Хушбӯй бунафша дар ҷаҳон афтодаст,
Дил аз паи ёри меҳрубон афтодаст.
Дил мехоҳад, ки ҳар замонаш бинум,
Ин роҳи дароз дар миён афтодаст.

Офтоб нишасту соя дар домани ҷар,
Аз сӯзиши дил пора шавад банди ҷигар.
Мардум меган ҷигари садпората дӯз,
медӯзуму пора мешавад ҷои дигар.

Эй сӯхтадилум, ҳоли ту чун мегузара,
Лахти ҷигарум ғарқа ба хун мегузара.
Ку қаламу ку дувот, ки ман бинвисум,
То тар меша ҳоли ман чун мегузара.

Дар мулки ғарибиҳо дилтанг моем.
Як қавза гули сафеди беранг моем,
Ҳаргиз надарид ҷомаи шодӣ ба танум,
Бечораву сарбараҳна дар банд моем.

Рӯзе, ки Алӣ қодири Ҷаббор шавад,
Пастиву баландӣ ҳама ҳамвор шавад.
Аз оҳану фулод бисозанд занҷир,
Занҷир ба гардани ситамгор шавад.

Эй модари меҳрубони банди дили ман,
Меҳри ту навишта шуд даруни дили ман.
Ҳар су биравам хоки сиёҳ манзили ман,
Кирмон бикананд меҳри туро аз дили ман.

Эй булбули нолон зи ғамат зор шудам,
Дар ҳасрати рӯи ту ман афгор шудам.
Ман шукрати рӯи ту накардум ҳаргиз,
Охир ба ҷазои худ гирифтор шудам.

Дунё нигарон асту гарон аст, дареғ,
Сар дар паи дунё нигарон аст, дареғ.
Ин хона барои худукут сохтаӣ,
Хонат ба насиби дигарон, аст дареғ.

Шабҳо ба ситора меравад нолаи ман,
Аз оби ду дида тар шавад ҷомаи ман.
Эй дӯст биё бишин сари болинум,
То кам бишавад сӯзи дилу нолаи ман.

Имшаб чӣ шаб аст, шаби шабон аст имшаб,
Парвин ба миёни осмон аст имшаб.
Парвин ту бирав ба ҷои худ сокит шав,
Сарриштаи кори мо парешон имшаб.

Эй дӯст фаромӯш накардӣ мора,
Шабҳои дароз нишастани якҷора.
Шабҳои дароз мову ту якҷо шинем,
Шабро ёбӣ, вале наёбӣ мора.

Аз дур садои рубоиҳот меояд,
Бӯи хуши бевафоиҳот меояд.
Бӯи хуши бевафоиҳот моломол,
Кай бовар ба ман ҷудоиҳот меояд.

Ай дур саломи пас наметонистум,
Пеғома ба дасти кас наметонистум.
Пеғом кунум мегӯи девона шудаст,
Гар сабр кунум мегӯи бегона шудаст.

Аз дурии дуриҳо ҷигар гашт кабоб,
Аз дидаи интизор мерезад об.
Рӯзе, ки фалак қасти ҷудоӣ фармуд,
Пеғом ба коғаз асту дидор ба хоб.

Ай зоғи сиях хабар бубар сӯи Ватан,
Бо ҷамъи бародарону бар модари ман.
Як дам бинишин дар таги беди чаман,
Моро набувад насибаи оби Ватан.

Ай зоғи сиёҳ, аз ту хабар мепурсум,
Аз навданиҳоли лабшакар мепурсум.
Аз навданиҳоли лабшакар нест хабар,
Аз муниси ҷону ҳам ҷигар мепурсум.

Афсӯс, ки дар айни ҷавонӣ мурдӣ,
Дар айни хушиву комронӣ мурдӣ.
Гуфтӣ: намурум замонара сайл кунум,
Дар пеши аҷал ба нотавонӣ мурдӣ.

Гул гуфт, ки ҷавонаму ҷавон омадаам,
Аз дасти ҷавонон ба фиғон омадаам,
Гул гуфт, маро пагоҳи мардон наканед,
Ман ҳам ба тамошои ҷаҳон омадаам.

Ай дӯст намедонум муқомут ба куҷост,
Ҷонум ба ту пайванду танум аз ту ҷудост.
Монандаи абр меравӣ ҳар тарафе,
Занҷири муҳаббати ту дар гардани мост.

Зардолуи зарду ҷигари бирёнум,
Рӯзе, ки аҷал теғ кашад бар ҷонум.
Ҷонум ба ҳазор ғусса берун шавад,
Хуншор шавад гирди лабу дандонум.

Рубобча бинол, ки нозанин бемор аст,
Шабҳои дароз ду чашми ӯ бедор аст.
Ёрон рафтанду ҷои худ мегиранд,
Мо ҳам биравем, ки ҷои мо бекор аст.

Дар боғчаи васли ту нашиштем, гузашт,
Ангӯш ти пушаймонӣ газидем, гузашт.
Хоҳӣ ба яке бишин, хоҳӣ ба ҳазор,
Ин ҳам намаке бибуд, чашидем, гузашт.

Хобум бурдаст та(г)и чанори пургул,
Бедор шудум, ки нола дорад булбул.
Булбул ту бигӯ, чӣ доғ дорӣ дар дил?
"Ман менолум, ҷудо мешам ман ай гул".

Обе, ки зи сарчашмаи Ғорон резад,
Хам дар хаму печ дар печу ларзон резад,
Совиданамак, ки аз намакдон резад,
Ин ҳам ғалат аст, ба мисли борон резад.

Рафтӣ, рафтӣ, яке бигардон рута,
Бо тахтаи пешонӣ хами абрута.
Боди сиварӣ агар биёрад бута,
Оё чӣ кунам, сер надидум рута.

Дар ҳавлии мо нигори бахмалдузуст,
Ситора баромадасту қасти рузуст.
Мардум меган муҳаббатут чанд рузуст,
Чор фасли сол муҳаббатум ҳар рузуст.

Субҳ бидамиду қасти бедорӣ кун,
Бархезу ба даргоҳи Худо зорӣ кун.
Ту ҳам, ки нишастаӣ дар ин кӯҳ наработ,
Ай тушаи охират хабардорӣ кун.

Эй гулбадани, бадангули гулдаста,
(Ҳ)айфи гули мо ба ҳуҷраи дар баста.
Эй бор Худо, ту ҳуҷраро рушан кун,
То бод занад ҳамин гули гулдаста.

Ин раҳ, ки ту меравӣ, раҳи Маҷнунуст,
Коре, ки ту кардаӣ, дилам пурхунуст.
Халқони ҷаҳон умри дароз металабан,
Оё чӣ кунум, дигар, ки номут гумуст.

Дар паҳлуи равзани ту дигдон дорум,
Як лаҳза ба шиштани ту армон дорум.
Нашкаст ҳавасум, нашуд муродум ҳосил,
Баргарду биё, ки ба ту армон дорум.

Офтоб нишасту соя дар домани ҷар,
Ай сӯзиш и дил пора шавад банди ҷигар.
Мардум меган, ҷигари садпората дӯз,
Медӯзуму пора шавад ҷои дигар.

Сад кош, ки модарум намезод маро,
Заҳроба ба ҷои шир медод маро.
Ман модари ғам шудаму ғам модари ман,
Аз рӯзи аввал барои чӣ зод маро.

Эй бор Худо, чӣ офаридӣ ту маро,
Як умр ғаму ғусса додӣ ту маро.
Дурузаи умри ман ба шодӣ нагузашт,
Шодӣ ки набуд, чӣ офаридӣ ту маро.

Пай дар пайуктон давиданом ҳеҷ нашуд,
Ай бори ғамтон кашиданом ҳеҷ нашуд.
Гуфтам, ки ба дарёи ғамтон ғута занум,
Дарёи ғамтон ғута задум ҳеҷ нашуд.

Ин роҳи баробарира пай мебинум,
Ин номи туро навишта дар хат бинум.
Монанди ту нақш мекашум дар девор,
Шояд, ки туро ба хоби шаб мебинум.

Дунё золуст вафо надорад ба касе,
Хуш давлати он кас, ки наранҷид зи касе.
Дар кӯҳнарубот на пир монад, на ҷувон,
Аҳволи дили ғариба нашнид касе.

Дунё реш асту кори дунё реш аст,
Вои мани бечора, ки марг аз пеш аст.
Гуфтум биравум ба хок насубат букунум,
Суҳбат кардум, ки хок бар мо хеш аст.

Шабҳо ба ситора меравад нолаи ман,
Аз оби ду дида тар шавад ҷомаи ман.
Эй дӯст биё бишин сари болинум,
То кам бишава(д) дарди сару шонаи ман.

Рубобча бинол, ки нозанин беморуст,
Шабҳои дароз, ду чашми ӯ бедоруст.
Ёрон рафтанду ҷои худ мегиран(д),
Мо ҳам биравем, ки ҷои мо бекоруст.

Аз қатраи об мешавам пайдо ман,
Бо умри дурӯза мешавам шайдо ман.
Фарзанду айёл ҳама шарики умранд,
Охир ба ҷавоб меравам танҳо ман.

Имсол ҷудо шудем зи ёри ҷонӣ,
Монанди қаландарони Ҳиндӯстонӣ
Ҳарчанд кашем ҷафою саргардонӣ.
Аз рӯзи аввал навиштаи пешонӣ.

Як қабза гула дар боғ мондум, рафтум,
Шоҳина ба чанги зоғ мондум, рафтум.
Сад кош қадам намезадум дар ватанум,
Ин дафъа ба сина доғ мондум, рафтум.

Садбарги сафеда бин чӣ ҳол(ҳ)о дорад,
Тақдири Илоҳра бин чӣ кор(ҳ)о дорад.
Гуфтум биравум, пеши фалак гиря кунум,
Аз гиряи ман фалак чӣ парво дорад.

Сарчашма дароз, оби сарчашма дароз,
Ҳарду хоҳар(ҳ)о шиштан бо мӯи дароз.
Майдаш гули арғувон, калонуш гули ноз,
Мо банда ба арғувон, ғуломи гули ноз.

Афсӯс, ки нолаҳот ба ҷое нарасид,
Ба дарди дилут ҳеҷ давое нарасид.
Ҳарчанд, ки хизмати ба ростӣ кардӣ,
Сад вой, ки хизматут ба ҷое нарасид.

Фалак моро накуш, ки мо ҷавонем,
На шодӣ дидаем, на шодмонем.
Бирав, бар кӯчаи пирон гузар кун,
Ба мо навбат расад, мо худ равонем.

Гул резад ба боғ, барги гул резад ба боғ,
Мо ҳам ду ниҳол будем, дар гӯш аи боғ.
Номард касе, ки аз аҷал бигрезад,
Паймона, ки пур бишуд, як пуфи чароғ.

Дурему зи ҳамдигар ҷудоем, эй ҷон,
Наздик ба якдигар кай оем, эй ҷон.
Рӯзе, ки қисмати Илоҳӣ бошад,
Мову ту ба якдигар биёем, эй ҷон.

Пирӣ бирасиду банди зиндонум кард,
Ақлу ҳушма гирифту нодонум кард.
Хам гашт қоматум, ду чашмум олак,
Шодӣ бигӯ зашт, дидагирёнум кард.

Қути дилукум мудом хуни ҷигар аст,
Ин нолаи ман зи булбулони сивар аст.
Рафтум ба лаби бом тамошои ҷиён,
Дидум, ки тамошои ҷиён дар гузар аст.

Ёрум туву молум туву ғамхорум ту,[1]
Дорум тамаву умеди бисёр аз ту.
Гуфтум бумурум пои ҷанозам гирӣ,
Хушнуд шавад Холиқи Ҷаббор аз ту.

Рафтӣ-рафтӣ, Худо нигаҳбони ту бод,
Шамсу қамару ситора ҳамро(ҳ)и ту бод.
Ҳар ҷо биравӣ, ба худут маскан гирӣ,
Ин мӯи сафедум лаҷоми аспони ту бод.

Афсӯс, ки гулрухон кафанпӯш шуданд,
Аз хотири ҳамдигар фаромӯш шуданд.
Онҳо, ки ба сад забон сухан мегуфтанд,
Рафтанд ба зери хоку хомӯш шуданд.

Нолум, нолум, касе надонад ҳолум,
Гундушки заифе дар сари деворум.
Хун гиря кунум, ба остином мемолум,
Ку хоҳаруку модар, бубинан ҳолум.

Сандуқи дилум хона лаби ов шудаст,
Мағзум ба даруни устухон ов шудаст.
Ҳеҷ кас надорум сири дилма сайр кунад,
Сандуқи дилум косаи зардов шудаст.

Ин раҳи бачам раҳи Самарқанд шудаст,
Хун омадаву сари дилум банд шудаст.
Ҳеҷ кас наомаду наовард хабаре,
Донистум яқин, роҳи бачам банд шудаст.

1 Гӯянда: Ҷалолова Хубон (1926), сокини деҳаи Шамбедеҳи Ғорон. Гирдоваранда: Мубориакшоева Зарнигор, соли 2013.

Қодир ба қалам қисмати моро чӣ навишт,
“Кӣ рафт ба дузаху кӣ омад зи биҳишт”.
Рафтум ба сари ду раҳ, мондум ҳайрон,
Ин ҷо раҳи дузах аст, ё раҳи биҳишт?.

Уболи худум, ки бебародар бошум,
Дар рӯи замин чу мурғи бепар бошум.
Зарро бидиҳам, ба худ бародар бихарум,
Ин додари зархарид чӣ додар бошад.

Дар дашт будум, овозаи ҷанг омад,
Мирбача будум, гурехтанум нанг омад.
Гуфтум бигрезум, паллаи номардонуст,
Нагрехтаюм, сарум дар ин майдонуст.

Саркӯҳи буланд об надорад, чӣ кунум,
Ду чашми сарум хоб надорад, чӣ кунум.
Ду чашми сарум раҳи Навруз менигарад,
Дер омадааст, тоб надорум, чӣ кунум.

Имсол чӣ кори носазо кард фалак,
Фарзанда зи модараш ҷудо кард фалак.
Гуфтум: биравум пеши фалак дод занум,
Дидум ба ҳама шаҳу гадо кард фалак.

Аз рӯи ҳаво нуқтаи зар мегирум,
Мехезуму мешинуму дармегирум.
Ай бачаи рафтагим хабар мегирум,
Санг(ҳ)ои хунука ба ҷигар мегирум.

Дар кучеки Масков ҳазоро сангуст,
Ба ҳар сари санг кабутари ҳафтрангуст.
Халқон меганд, Олимтон чӣ рангуст,
Холе ба лабуш дораду гандумрангуст.

Дар хонаи рӯ ба рӯ чароғ месӯзад,
Дар сари дилум ду пилта доғ месӯзад.
Ку дӯсти азиз, пилтаи доғма букушад,
То рӯзи қиёмат ҷои доғ месӯзад.

Аз хона баромадиву бодут бурдаст,
Ё мурғи ҳавову ё уқобут бурдаст.
Не мурғи ҳавову не уқобут бурдаст,
Тақдири Илоҳ расиду хобут бурдаст.

Обука бибин, ки меравад фаршакунон,
Бачама бубин, меравад ғамзакунон.
Як даст ба миён дораду як даст ба камон,
Раҳ гаштани нахчиру ҷирингасти камон.

Э бачеки меҳрубони рози дили ман,
Меҳри ту навишта шуд даруни дили ман.
Ҳар сӯ биравум, хоки сиёҳ манзили ман,
Кирм(ҳ)о бикананд меҳри туро аз дили ман.

Сарчашма ҳазору оби сарчашма ҳазор,
Об хурдан наметонум аз ҳайбати мор.
Урмон доштум Навруз биёяд ба шикор,
Обум диҳаду сарма бигирад ба канор.

Аз ман гу салом бачаи раҳдурира,
Ё лолаи сурх, ё гули сурира.
Ман гуфта будам, ҷудо намешам то марг,
Оё чӣ кунам фироқи раҳдурира.

Доғум кардаст, дубора доғум кардаст,
Себарга будум, даруни боғум кардаст.
Ман порчаи ях будам дар сардараҳо,
Офтоби тамус шудасту обум кардаст.

Ҷон додаракум, азизи ҷон додаракум,
Сандуқчаи сими заргарон додаракум.
Ҳар гоҳ ба додарони мардум нигарум,
Об аз ду дида резаду хун аз ҷигарум.

Ман иря будум, ки бачекум уря гузашт,
Бо ҷомаи доробию гулак сари даст.
Гуфтам: куҷо мерай, эй бачаи ҷон,
Ба мо назаре накарду бегона гузашт.

Саркӯҳ ра бубин, каҷак-каҷак мебора,
Алёша бубин, тухми шакар мекора.
Ту худ шакарӣ, чаро шакар мекорӣ,
Ё хушаи гул бикор, ё марворӣ.

Дар гӯш аи хокдон(ҳ)о тор танум абрешум,
Аз пешум рафтаст, мардаки ғул-ғул ришум.
Ғул-ғул ришум, ки рафтааст аз пешум,
Аз рафтани ӯ қаландару дарвешум.

Дар кӯчаи Ғорон сардучори ту шудум,
Монандаки банг дар хумори ту шудум.
Монанди тамоку бисузам ба чилим,
Хокистару ахгард барои ту шудум.

Ту лолаи саркӯҳ будӣ, зард шудӣ,[1]
Ё дил ба касе додаӣ, ё сард шудӣ.
На дил ба касе додиву на сард шудӣ,
Тақдири Илоҳ расиду рангзард шудӣ.

---

1 Гӯянда: Мавлододова Назарбегим (1936), сокини деҳаи Сумчин. Гирдоваранда: Хадича Ҷалолова, соли 2013.

Аз рафтани ту ҳуш маро дар сар нест,
Дер омадаӣ, ҳеҷ дилам бовар нест.
Кай рафтиву кай оӣ, ай ёри азиз,
Аз омаданут ҳеҷ маро бовар нест.

Ба танаи ту алочаи абрешум,
Эй лолаи хушрӯ, биё аз пешум.
Эй лолаи хушрӯ, надорам тоҷе,
Билло ба Худо, қаландару дарвешум.

Эй ёраки ҷон, дар Бадахшон худутӣ,
Андар лаби ҷу дарахти марҷон худутӣ.
Гуфтам биравум дарахти марҷон бихарум,
Садбарги сафед дар зимистон худутӣ.

Шинам сари кӯҳ (ҳ)о, ки бубинум Ғорон,
Дандони ту марвориду оҳу чашмон.
Эй бор Худо, кабутари сабзам соз,
Ман эча занам шохи дарахти Ғорон.

Бар мулкаки Ғорон ҳилоле дорум,
Гулғунчақадеву навниҳоле дорум.
Он ҷо, ки туӣ сабзаи тар оби хунук,
Дар мулкаки Калгарӣ чӣ ҳоле дорум.

Эй дӯст, туро чӣ шуд, ки ёғӣ гаштӣ?
Монанди брешуми хитоӣ гаштӣ.
Ман мард будам, ба қавли худ истодум,
Номард будӣ, ба як сухан баргаштӣ.

Фарёд занам, намерасад овозум,
Ман дарди туро чӣ гуна дармон созум.
Ман дарди туро ба нуги най бинвозум,
Най бишканаду хаста шавад овозум.

Ай дӯст, ҷигаркабоб аз дасти туам,
Бешарбату бешароб ман масти туам.
Ман масти туам, суд накарда, ба Худо,
Шармандаву лоҷавоб аз дасти туам.

Кобул дур асту хат равонут букунум,
Як даста гуле баста равонут букунум.
Як даста гулум баста, яке нобаста,
Худма ба даруни хат равонут букунум.

Садбарги сафеди саҳарӣ сар заду рафт,
Дард(ҳ)ои худа ба доmануш бар заду рафт.
Чанд вақт, ки набуд, майли дилам кам шуда буд,
Оли, ки омад, оташ ба ҷонум заду рафт.

Фарёд, ки ғунча дар башол афтода,
Гулғунча ба дасти лабкашол афтода.
Аз Хизри фалак нола дорем шабу руз,
Ҳар ҷо ки гул аст, ба дасти хор афтода.

Ало ёрҷон, ба Чилторут бубинум,
Маланг шавӣ, ба бозорут бубинум.
Маланг шавӣ дар байни дӯсту душман,
Чу испанде ба бозорут бубинум.

Ситора ба боми мо қатор омаду рафт,
Як ёраки шухи беқарор омаду рафт.
Як соату як замон пешам нанишаст,
Монандаи абри навбаҳор омаду рафт.

Ситора миёни осмон омад рост,
Дил дар талаби дидани дидори шумост.
Як рӯз набинаму зи сад кас пурсам,
Сад рӯз надидӣ, напурсидӣ куҷост.

Қафас танг аст, наметонум паридан,
Ватан дур аст, наметонум расидан.
Агар аз хотири ҷанг(ҳ)о набошад,
Дар ин мулки ғариби(ҳ)о чӣ зистан.

Эй бод, биё хабар бубар сӯи Ватан,
Ба ҷамъи бародарону бар модари ман.
Ку модару ку хоҳар бипурсанд аз ман,
Бегона чӣ парвост, чӣ ҳол дорам ман.

Гулаки ёсумандум, кай миёӣ?
Азизи қадбуландум, кай миёӣ?
Маро ба назди дуроҳа мондӣ,
Ниёзманди табибум, кай миёӣ?

Бар мулкаки Ғоронум, дилгир шудум,
Деруш дидам, ки аз зақаҳ пир шудум.
Ман пир шудум, муҳаббатам пир нашуд,
Афсӯси замона, по ба занҷир шудум.

Гулғунча ба бод, соя ба бодом афтод,
Имсол чӣ сол, ҳазор даврон афтод.
Ман айбу гуноҳи худ намедонам чист,
Аз оҳи дилум сиву ду дандон афтод.

Ай дӯст, бирафтию ғарибум кардӣ,
Ай лаъли лабат ту бенасибум кардӣ.
Лаъли лаби ту Худо кунад рӯзи и ман,
Бо теғи муҳаббатат шаҳидум кардӣ.

Бар осмон меравад ин абри пора,
Мусофир мешавӣ, ай нури дида.
Мусофир мешавӣ, зудтар биёӣ,
Гиребон тар шуда аз оби дида.

Қадут зира, миёни қадут зира,
Ба танаи ту ҷомаи сабзу тира.
Маро ҳар гоҳ хаёли қадут гира,
Даруни сина оташ дарбигира.

Хоб карда будум таи чанори обӣ,
Бедор шудум шакарлаби мурғобӣ.
Мурғон ба ҳаво, худум ба ҳавзи дарё,
Модар ба ватан, духтар ғарибу танҳо.

Сарам дард мекунад, сандал биёред,
Табиб аз мулки Искандар биёред.
Табиб аз мулки Искандар чӣ бошад,
Кафан аз бухчаи дилбар биёред.

Оҳубараи кӯҳӣ будум, даштӣ шудум,
Дар боми буланд будум, дар пастӣ шудум.
Рафтум-рафтум пеши Худо узр кунум,
Зери лағати ду ҷура алмастӣ шудум.

Сад шукр, ки аз аҷал амонум додӣ,
Қайюмиву қудратат нишонум додӣ.
Шак нест ба қудратат, эй аҳли ҳудуд,
Куштӣ ту маро, дубора ҷонум додӣ.

Майли дили ман ҳеҷ дар ин дунё нест,
Ғайр аз ғами ёр дар дилам савдо нест.
Тире задаӣ рост миёни ҷигарум,
Хун меравату ҷароҳаташ пайдо нест.

Андуҳу ғам аст дар диёрум, чӣ кунум?
Гар ашк ба ҳоли ӯ биборум, чӣ кунум?
Ҳар лаҳза зи ғам як хабаре мешунавум,
Гардида хазон ин баҳорум, чӣ кунум?

Гандумдаравон дос кашанд аз дилу ҷон,
Досҳо ҳама марвориду хуша марҷон.
Эй бор Худо, маро бикун абр равон,
Ман соя занам бар сари гандумдаравон.

Чашмони сиёҳи масту мастонаи ту,
Ақлу ҳуши ман фитода дар хонаи ту.
Мардум ҳама ақлу ҳуши худ медонад,
Ақлу ҳуши ман мудом дар хонаи ту.

Аз ишқаки ту дард кунад дандонум,
Монанди таноби чарх саргардонум.
Ман пилта шавам миёни ангӯш тонут,
Шояд ба уноғи ту барояд ҷонум.

Ман булбули мастаму макон гум кардум,
Ман тири фарангаму камон гум кардум.
Ман гирди ҷаҳон ҳамин сабаб мегардум,
Ман ҷони азизи меҳрубон гум кардум.

Мо ҷуфти кабутарему аз хел ҷудо,
Порсол қатӣ будем, имсол ҷудо.
Порсол қатӣ будем, қатӣ мегаштем,
Имсол ҷудо гаштем ба тақдири Худо.

Дар қили чанор ду мори печон дидум,
Дар гардани ёр ақиқу марҷон дидум.
Даст андохтум ақиқу марҷон гирум,
Аз бахти бадум ёра парешон дидум.

Не сояи беду не чаман мемонад,
Не нози бутони симтан мемонад.
Ин олами фонӣ, ки ман мебинам,
Не нозу туву ниёзи ман мемонад.

Дар мулки падар бародарум мебояд,
Дар мулки ғариб хоҳарум мебояд.
Рӯзе ки сарум фитод дар бистари ғам,
Сад сина кабоб модарум мебояд.

Ин хонаи бологира кай мебинум,
Ин ёраки рафтагира ка й мебинум.
Мебинаму мешинаму ёрҷонам нест,
Санг(ҳ)ои хунука дар ҷигар мебинум.

Рӯзе, ки ба деҳи Ғорон сафар мекардум,
Чида гули торона ба сар мекардум.
Аз дастаки ёр куртаи сурхи Роғӣ
Шабҳои дароза ман саҳар мекардум.

Эй духтаракон, ки меравед тай таи тай,
Овоз(ҳ)ои хуб доред ба монандаи най.
Гуфтам биравам бӯса занам аз рухи вай,
Хандиду ба ғамза гуфт, ай рӯи ту бай.

Дуто духтар таи девор мерафт,
Яке пешу дигар дунбол мерафт.
Ман қурбони ҳамон пешинадухтар,
Ки моҳи чор дар дунбол мерафт.

Мондаст ба Ғорон гули садбаргум,
Аз рӯи муҳаббатут дили пурдардум.
Кай бошаду кай, ай гули садбаргум,
Парвона шавум гирди сарут мегардум.

Як ёраки ҷон дорум Маскав ватанаш,
Аз барфи замистон сафедтар баданаш.
Гуфтам биравам хайма занам дар ватанаш,
Як хаймаи нозада баромад хабараш.

Дур аз назарум, дур ба дур аз назарум,
Абрешими шаштораву банди ҷигарум.
Ҳар гоҳ, ки ба ёрак(ҳ)ои мардум менигарум,
Об аз ду рухум резаду хун аз ҷигарум.

Зардиназанак гулоб гардад комаш,
Румоли паропеч қади ларзонаш.
Ман дӯст надорум, ки кунум пайғомаш,
Дар барги гули сурӣ нависам номаш.

Ало ёрҷон, муборак бошад бахтут,
Гули мехак бикорум даври тахтут.
Гули мехак бикорум бӯй надорад,
Худум гул мешавам бо гирди тахтут.

Шамолак мевазад бо хасу хоша,
Рафиқи бевафо ҳаргиз набоша.
Рафиқи бевафо суҳони умр аст,
Ки мағзи устухона метароша.

Ба Кобул рафтанут бисту ду шаб шуд,
Ки чашмонум ба роҳат тору таб шуд.
Худут гуфтӣ ба моҳи нав миёям,
Ҷаву гандум ба Шуғнон ҷон дарав шуд.

Гул гардани он шевабадан мезебад,
Лабханди арус ба зери лаб мезабад.
Домод, ки дорад нигаҳ аз гӯш аи чашм,
Бар чеҳраи он арӯси шаб мезебад.

Ба ин раҳ меравад модару духтар,
Ки модар баргу бол асту духтар кабутар.
Худоҷоно, маро боша месохт,
Ки мешиштум сари боли кабутар.

Ай ёраки бодобод, кай меёӣ?[1]
Монандаи абру бод, кай меёӣ?
Ман такя ба девори ту шиштум ба умед,
Савдогари Калгари ту кай меёӣ?

Бубин ин осиёби зиндагиро чарх мегардад,
Гаҳе ширину зебо, гаҳ чу ревзак талх мегардад.
Агар дорӣ ту ақлу ҳуш, нигар бар он зи дил берун,
Агар бар дил бигирӣ, сар зи ҷабраш сарғ мегардад.

Дар сардараҳо Малак сайёдӣ мекард,
Бо пусти паланг пайсабозӣ мекард.
Кас нест хабар барад ба устоди азал,
Каргас ба сари синааш норӣ мекард.

Бунавшаро бубин, ки бар сари кӯҳсор аст,
Бар гирди бунавша ҳар гули бисёр аст.
Монанди бунавша гул наруяд ба замин,
Аслу насаби бунавша аз кӯҳсор аст.

Дунёра чӣ ҷои бевафо мебинум,
Худро зи ғарибони Худо мебинум.
Шахсе дидам, ки моли Қорун дорад,
Дар хонаи охират гадо мебинум.

Саркӯҳи баланд шикори оҳу чӣ ба кор?
Бар пеши аҷал қуввату бозу чӣ ба кор?
Нуқрози аҷал таноби умрам бибурид,
Сар дар болин, табибу дору чӣ ба кор?

---

1 Гӯянда: Бибигавҳари Амонбек (1926), сокини шаҳри Калгарии Канада, зодаи Ғоронболои Бадахшони Афғонистон. Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 2012.

Қади баланди алифнамота садқа,
Дандони дурри садафнамота садқа.
(Ҳ)аргаҳ, ки ба ноз меравӣ рӯи замин,
Ҷои қадам(ҳ)ову хоки пота садқа.

Сад кош, ки мисли боша пар медоштум,
Рӯзе сад бор аз ту хабар медоштум.
Ту бошаи навҷуҷаву ман сайёдат,
Сад кош, ки бошаро бо худ медоштум.

Аз мулки падар сабоҳи мардон рафтум,
Бо сад аламу ду дида гирён рафтум.
Аз ҷаҳти бародарони каммеҳру вафо,
Охир ба ғарибиҳо пурармон рафтум.

Ман банда ба чашмҳои сермижаи ту,
Ё банда ба абрӯвои пайвастаи ту.
Аз ёрам ҷудо шудум аз боиси ту,
Хок бар сари ҷурагии якрӯзаи ту.

Қади алифам ҳамеша хам бошаду хам,
Андар дили ман мудом ғам бошаду ғам.
Дунёра агар дубора ғалбел зананд,
Монанди ту бевафо кам бошаду кам.

Гул ба садафу садаф ба дарё ташна,
Аз ҷаҳти садаф булбули гӯё ташна.
Мо ташна будем, миёни об афтодем,
Об аз сари мо гузашту лабҳо ташна.

Булбул наям, ки нола кунум, дарди сар кунум,
Қумрӣ наям, ки қум-қум дар гирди сар кунум.
Парвона наям дар шуълаҳо ҷон бидиҳам,
Шамъам, ки месӯзам ба кас дам надиҳам.

Ситораҷалону моҳҷалон аст имшаб,
Парвин ба миёни осмон аст имшаб.
Парвин, ту бирав ба ҷои худ сокин шав,
Ёрам ба канори нокасон аст имшаб.

Ёрону бародарон, маро ёд кунед,
Тобути маро зи чуби шамшод кунед.
Шамшод шиканад оҳану пӯлодро,
Ба хоки сиёҳ монеду фарёд кунед.

Ман мераваму намеравад ҳамраҳи ман,
Торик шудаст дашту биёбон раҳи ман.
Шерони ҷаҳон наъра зананд бар сари ман,
Ман наъра занам, куҷо шудаст ҳамраҳи ман.

Ситора ба боми мо қатор омаду рафт,
Шоҳзода ба кӯҳи мо шикор омаду рафт.
Мардум меган ӯ ба чӣ кор омаду рафт,
Дилгир шудаст, дидани ёр омаду рафт.

Дарди сари ман зи дарди дандон батаруст,
Хоби саҳарӣ зи кандани ҷон батаруст.
Ҳар кас, ки ба хоби саҳарӣ дил бандад,
Аз кофару габру номусулмон батаруст.

Сиррест, ки донои Малак медонад,
Чун мӯя ба мӯй, як ба як медонад.
Ба халқи ҷаҳон агар кунум тадбире,
Бо ӯ чӣ кунум, ки як ба як медонад.

Эй бародар, хоки поят тутиё,
Гар ту моро дӯст медорӣ, биё.
Ман, ки мурдам дар фироқи рӯи ту,
Баъди мурдан хоҳ биёӣ, хоҳ наё.

Эй гулбадани бадангули гулдаста,
Ними ҷигарум бо ҷигарут пайваста.
Ҳар кас, ки маро аз ту ҷудо мехоҳад,
Баргард биё, дари ҷудогар баста.

Дилум дарду дилум дарду дилум дард,
Қумочи тайаловӣ, руғани зард.
Дилум решу дилум решу дилум реш,
Қумочи тайаловӣ, руғани меш.

Рӯзе шавад, ки олами фонӣ хазон шавад,
Фарёду шуру ғулғула дар осмон шавад.
Он гоҳ, ки изтироби замину замон шавад,
Дар боми Каъба Ҳазрати Исо аён шавад.

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Сад кош, гадо мешуд, ба Канъон хуштар.

Ба гуристон гузар кардам каму беш,
Бидидам гури давлатманду дарвеш.
На дарвеше ба хоке бекафан рафт,
На давлатманд бурд аз як кафан беш.

Ман омадаюм, туро бубинум, биравум,[1]
Рози дилукум ба ту бигӯ юм, биравум.
Рози дилукум гуфта шавад ё нашавад,
Як бори дигар туро бубинум, биравум.

1 Гӯянда: Ғоибназарова Соябегим (1940), зодаи деҳаи Баршор, сокини ш. Душанбе. Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 2011.

Ман банда ба қади навниҳолут бошум,
Ман пилта ба мошаи камонут бошум.
Ҳар гоҳ, ки камонта сари моша кунӣ,
Тездору ба дегчаи камонут бошум.

Кафтарбачаро ба боғ мебинум ман,
Жулидаву бедимоғ мебинум ман.
Кафтарбачаро ҳай-ҳай бурданд ба дор,
Шо(ҳ)ина ба чанги зоғ мебинум ман.

Ёди ту кунум, сари забонум сӯзад,
То сабр кунум, тамоми ҷонум сӯзад.
Ман сабр кунум, Худо, ки сабрум надиҳад,
Мағзум ба даруни устухонум сӯзад.

Эй чархи фалак мисли мани зор шавӣ,
Бачат бумураду ту ҳам афгор шавӣ.
Тире, ки задай бар ҷигари сӯхтаи ман,
Ба ҷигари худ бигир, хабардор шавӣ.

Мо чор бародарем аз мулкаки Роғ,
Мо чор ниҳол шинондем дар гӯш аи боғ.
Номард касе, ки аз аҷал мегрезад,
Паймона ки пур шавад, чи Дарвозу чи Роғ.

Шаб нима гузашту ёр бар мо нарасид,
Ё гургаш бихурд, ё палангаш бидарид.
Не гургаш бихурду не палангаш бидарид,
Ӯ манзили нав гирифту бар мо нарасид.

Себарга бигӯ фт, дар замин сабза манум,
Бунавша бигӯ фт, ҷавони пурғамза манум.
Садбарг бигӯ фт, ту лофи беҳуда мазан,
Тоҷи сари ошиқони пурғамза манум.

Эй чархи фалак, чарха ба мо сохтаӣ,
Ҷон дар тани мо амонат андохтаӣ.
Гуфтум биравӯм сайр кунум саҳрора,
Сайёди аҷал аз паи мо дохтаӣ.

Афсӯс, ки аз қарина дур афтодум,
Хурдум дами обу беҳузур афтодум.
Хурдум дами обу беҳузур гашт дилум,
Рафтум, рафтум аз ҳама дур афтодум.

Кафтар шаваму сайр кунум саҳрора,
Булбул шаваму нола кунум ғамҳора.
Оҳу шавуму бидавум кӯҳ ба кӯҳ,
Моҳӣ шаваму ғута занум дарёра.

Эй зоғ, дар ин боғ тамошо чӣ мекунӣ?
Дунё сарои фонист, ғавғо чӣ мекунӣ?
Гул рафт, ғунча рафт, чаман баргрез шуд,
Мо ҳам, ки меравем, ту танҳо чӣ мекунӣ?

Кабгак сари санг, мезанад қақра ба ноз,
Фарзанд мерад, ҷони модар ба гудоз.
Эй бор Худо, дар осмон абр андоз,
Ин бачаи сафарӣ баргардад боз.

Сабзиназанак ба ғамза обум кардӣ,
Дар фасли баҳор булбули боғум кардӣ.
Ман порчаи барф будум дар сардараҳо,
Офтоби тамус шудию обум кардӣ.

Хуш омадаӣ, қадам задӣ дидаи мо,
Ту марди мусофири писанди дили мо.
Мо хоки қадамҳои тура гул созем,
Ин дида гарон шавад, бар ин дидаи мо.

Авҷибачаи мири сари ангурӣ,
Синҷитбуттаи хушбуваки хушрӯӣ.
Фахри ту кунем, ки астӣ аз зодаи мо,
Қади алифе дорӣ, каманд абрӯӣ.

Ба Лангар мераванд духтар ва модар,
Ки модар барги гул, духтар кабутар.
Худовандо, маро шо(ҳ)ин бигардон,
Занам болу бигирам пеши духтар.

Ёрум тарафи Шуғнон меҳмонӣ рафт,
Доғуш ба дилум бимонд, пинҳонӣ рафт.
Гуфтум, биравум нархуша қимат бихарум,
(Ҳ)айфи қадамуш, ки гул ба арзонӣ рафт.

Ёре, ки вафо накард, бимонуш биравад,
Аз мо, ки ҷудо шудаст, бимонуш биравад.
Бонуш биравад, саруш ба санг(ҳ)о бихурад,
Пурасрати пурҷафо, бимонуш биравад.

Ман булбули мастаму чаман нест маро,
Ман марди мусофирам, ватан нест маро.
Ин умри азиз, ки беватан мегузарад,
Кардам сафари дуру кафан нест маро.

Мусофир такя бар девол дорад,
Ба рухсори сафедуш хол дорад.
Бишин як шаб дар канори мусофир,
Магар дасти мусофир хор дорад?

Мусофир ман, мусофирвор мегардам,
Сагон дар кӯчаҳо хобанду ман бедор мегардам.
Сагонро хуни дил додему бо худ ошно кардем,
Аммо аз рӯи ёри бевафоям зор мегардам.

Чашмони сиёҳ дорӣ, мо ҳам дорем,
Ту ноз накун, ки мо намебардорем.
Ту ноз накун, ки мо ҳанӯз хурдтаракем,
Ту дастаи гул бошию мо беҳтаракем.

Чашмони сиёҳ ба ноз мегардонӣ,
Моро зи сари бурида метарсонӣ.
Мо гар зи сари бурида метарсидем,
Дар кӯчаи ошиқон намеафтидем.

Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад,
То як накунад, ки сараш сад нарасад.
Ман неки ту хоҳаму ту хоҳи бади ман,
Ту некӣ набинию ба ман бад нарасад.

Бо ёр ситам накун, ки бе ёр шавӣ,
Бисёр талаб накун, ба кам зор шавӣ.
Ба хонаи дӯсти худ ту бисёр марав,
Ҳарчанд азизӣ, оқибат хор шавӣ.

Ҳунар беҳу ҳунар беҳу ҳунар беҳ,
Ҳунар аз мулку маъвои падар беҳ.
Ҳунар дорӣ, вале толеъ надорӣ,
Ҷави толеъ зи хирвори ҳунар беҳ.

Боло бинигар, нишонаи маъво ку?
Эй шоҳи писандида, писанддоро ку?
Дар шуразамин Ҳасану Ҳусайн хобанд,
Пас Фотимаву Хадичаву Заҳро ку?

Шабҳо ҳама шаб дарди туро нола кунум,
Дар бурҷи лаҳад ёди ту ҷонона кунум.
Баъд ай сад сол агар зи хокам гузарӣ,
Бӯи ту ба ман расад кафан пора кунум.

Дунё ба мисоли як работи ду дар аст,
Ҳар лаҳза дар ин работ халқи дигар аст.
Гуфтам биравам ман ба тамошои ҷаҳон,
Дидам, ки тамошои ҷаҳон дар гузар аст.

Андар саҳарону ёри ҳамдам бошад,
Садои рубобу нолаи най бошад.
Ман бошаму ёри ҳамдаму ҷоми шароб,
Бо ҳам бихурем, ки умр то кай бошад.

Рӯзе гузарам фитод ба мулки Шуғнон,
Дидам, ки ба хун ғарқ бувад пиру ҷавон.
Ё Раб, назаре ба кӯҳ соронам кун,
Бар синаи золимон нишон тира қазон.

Аз хона баромадӣ ту бозӣ-бозӣ,
Гаштӣ ҳадафи тири сагони тозӣ.
Тире бошад, қашанг камоне созӣ,
Бар синаи золимон ту тир андозӣ.

Он ҷо, ки тура куштан(д), регистонуст,
Хуни дилукут хуроки гундушконуст.
Бигрезед ага(р), паллаи номардонуст,
Нагрезед ага(р), саруктон да(р) майдонуст.

Нолум зи фироқ, ман бинолум зи фироқ,
Мисли гули лола ғарқи хунум зи фироқ.
Мисли гули садбарг шудум садпора,
Монанди анор сарнагунум зи фироқ.

Нолум зи фироқ, ман бинолум зи фироқ,
Мисли гули лола ғарқи хунум зи фироқ.
Ҳар гоҳ, ки хаёли маргут ояд ба сарум,
Ай марг нанолуму бинолум зи фироқ.

Бар кӯча гузар накун, ки ман дар бомум,
Бар му назаре накун, ки му бадномум.
Ҳар гоҳ, ту назар кунӣ, му раҳгардонум,
Озурда нашав, ки му ҷигарбирёнум.

Дар санги калон алиф кандан чӣ илоҷ?
Дилгир шудум, зи дур дидан чӣ илоҷ?
Дилгир шудум, зи дур дидан сабр аст,
Сабрум надиҳад, ба ғайри сӯхта н чӣ илоҷ?

Ин лаъли мура лаъли Бадахшон заду бурд,
Гург омаду аз рамаи чупон заду бурд.
Ё гурги тура тир занум, ё найза,
Шояд, ки тура бимонаду бигреза.

Андар саҳарон лоларо шабнам зад,
Гул гашт хазону булбулонро ғам зад.
Эй бехабарон, хабар баред бар олам,
Айёми ҷавониша фалак барҳам зад.

Бачама бубин, ба рӯи майдон омад,
Румоли сарум ба боди ларзон омад.
Румоли сарум ягон-ягон гул дорад,
Бачама бубин, ҷои дигар дил дорад.

Эй дӯст, ба дӯстукот му кин кардум,
Тори дилукма зи риштаи сим кардум.
Тори дилукма зи риштаи сим нашуд,
Таҳсин ба ҷудогиҳои ширин кардум.

Ситора хурдакем паҳлуи маҳтоб,
Мура бе дилбарум кай мебарад хоб.
Агар дар вақти хоб ёдам биёяд,
Мисоли мори захмин мехурам тоб.

Рухсораи лаъли Юсуфита садқа,
Болои баланди муштарита садқа.
Чун дасти фитодагон гирифтӣ ба сахо,
Ҳарфу суханҳои булбулита садқа.

Дилгир ки шудум, гаҳе рубоӣ мегум,
Байду ғазала баҳри ҷудоӣ мегум.
Байду ғазал(ҳ)ом бо ту расанд ё нарасанд,
Байдора барои ёдгорӣ мегум.

Дар Қундузу Толиқон дили ғамгинум,
Шаб(ҳ)ои дароз ду пои дар занҷирум.
Эй бор Худо, ки бишканад занҷирум,
То рӯз шавад, худма да(р) Ғорон бинум.

Эй бод биё, бод биё борон кун,
Селоба биёву Кобула вайрон кун.
Нимукша бикуш, нимукша нимҷон кун,
Ними дига(р)ша рӯ тарафи Ғорон кун.

Ҳамчу Маҷнун дар биёбон нолаҳо кардам, нашуд,
Васфи рӯи он париро ҳар кучо кардам, нашуд.
Ранги зарди ошиқону чеҳраи гулгуни ёр,
Ҳарду ораз бо яке пайвандҳо кардам, нашуд.

Маҷнунаму Лайлира суроғ омадаям,
Парвонаяму гирди чароғ омадаям.
Ман булбуламу назар надорам ба чаман,
Бо бӯи бунафша сайри боғ омадаям.

Ишқ омаду хайма зад ба саҳрои дилам,
Занҷири ҷафо фиканда бар пои дилам.
Эй ишқ ба фарёди дили мо бирасӣ,
Эй вой дилам, вой дилам, вой дилам.

Дар дашт будум савори тозон омад,
Овози лаҷоми Шоҳи мардон омад.
Руяш зи Муҳаммад асту меҳраш зи Алӣ,
Аз қаҳри фалак тахти Сулаймон омад.

Аз шуълаи оразат пурнур гардид кӯҳ сор,
Аз қудуми неки ту душман бигардид шармсор.
Аз хаёли хоми худ теғе ба кӯҳ сорон кашид,
Шуд ба хок яксон тири он палиди нобакор.

Ёрону бародарон маро ёд кунед,
Шотуи маро зи чуби шамшод кунед.
Бо гул гиреду ба чаман бод кунед,
Бо хоки сиёҳ монеду фарёд кунед.

Эй лолаи саркӯҳ ҳо, чаро зард шудӣ?
Ё дил ба касе додаӣ, ё сард шудӣ?
Не дил ба касе додаму не сард шудум,
Ғамҳои туро хурдаму рангзард шудум.

Зи аввал бевафо будӣ, гули ман.
Ту матлабошно будӣ, гули ман.
Туро рӯзи аввал санҷида будам,
Ту савдогарнамо будӣ, гули ман.

Ошиқӣ накун, ки ошиқӣ бадбахт аст,
Ошиқ ба мисоли ҷомаи наврахт аст.
Ошиқ, ки шудӣ, мегуӣ дунё ба ман аст,
Гоҳе бинию гоҳе набинӣ сахт аст.

Ман тарки ишқбозию соғар намекунум,
Сад бор туба кардаму дигар намекунум.
Боғи биҳишту сояи ону ҳавои ҳур,
Бо хоки пои дӯст баробар намекунум.

Оина ба дасти рост мегирум ман,
Ёр аз тарафи Шуғнон мегирум ман.
Шуғнонӣ бало, бачаи шуғнонӣ бало,
Ҳаргиз накунад бачаи шуғнонӣ вафо.

Орум бо ту, ҳазор орум бо ту,
Шоҳдухтар шавӣ, назар надорум бо ту.
Сабза шавию хок шавӣ дар саҳро,
Абре шаваму қатра наборум бо ту.

Онон, ки шароб мехуранд, мегузарад,
Онон, ки кабоб мехуранд, мегузарад.
Онон, ки ба нони ҷав қаноат карданд,
Тар карда ба об мехуранд, мегузарад.

Даврони бақо чу боди саҳро бигӯ зашт,
Некию бадӣ ба дасти зебо бигӯ зашт.
Султони ситамгарӣ, ситам бар мо кард,
Бар гардани ӯ бимонду аз мо бигӯ зашт.

Хобе дидум, чи хоби хуррам дидум,
Худро ба канори ёри ҳамдам дидум.
Бедор шудум, ки ёр дар бистар нест,
Оё чӣ кунум, ки хоба аз ғам дидум?

Маҳтобшаб асту ман ба саҳро ҳар шаб,
Фарёди дилум ба мавҷи дарё ҳар шаб.
Фарёди дилум ба мавҷи дарё нарасид,
Болини сарум зи санги хоро ҳар шаб.

Маҳтобшаб асту ман паси хонаи ту,
Печида шуда муи ман бар шонаи ту.
Печида нашуд муи ман бар шонаи ту,
Барканда шуда пои ман аз хонаи ту.

Маҳтобшаб асту ман ба хоби мастум,
Як лоларухе гирифта банди дастум.
Эй субҳ, мадам, ки ман ба ин гул мастум,
То субҳ дамиду гул парид аз дастум.

Рӯзе гузарам фитод ба куи Ҷайҳун,
Дидам Лайлӣ нишаста доман пури хун.
Гуфтум, Лайлӣ, туро ба ин ҳол кӣ кард?
Гуфто, ки бинолам аз фироқи Маҷнун.

Ин бачаи му раҳгузаре буду бирафт,
Аҳволи дили мура напурсиду бирафт.
Аҳволи дилум аломати беморӣ,
Бар реши дилум намак бипошиду бирафт.

Ин гул, ки ба дастори ту бозӣ дорад,
Хонекум ба рафтори ту шодӣ дорад.
Метарсум аз ин хона, ки ҷоду дорад,
Абрӯи каҷут ба мижа бозӣ дорад.

Му қади тура ба қади гандум бинум,
Румоли тура ба дасти мардум бинум.
Румоли тура гируму дилма бандум,
Румоли тура ба хуни дил ранг бинум.

Як ёр дар ин диёр дорум аҷаб аст,
Сад кас ба харидории ӯ дар талаб аст.
Аз қозиву муфтӣ ҳисоб кардум саду бист,
Аз ҷумла харидори замон ҷон ба лаб аст.

Булбул ба чаман ҳамешагӣ бедор аст,
Аз беватанӣ рангу рухи мо зор аст.
Мардум меган, да(р) дилуктон чиз аламуст,
Доғ(х)ои ҷудоги(ҳ)о гирдоби ғамуст.

Дилум ҷуғзу дилум ҷуғзу дилум ҷуғз,
Қумочи тайаловӣ, руғани буз.
Дилум дову дилум дову дилум дов,
Қумочи тайаловӣ, руғани гов.

Эй Нодирамо, дар Бадахшон худути,
Бо лаб-лаби ҷу дарахти марҷон худути.
Мардум гули сурха дар баҳор мечинанд,
Садбарги шукуфтаи зимистон худути.

Сари кӯҳи баланд фарёд кардум,
Амиралмуъмининро ёд кардум.
Амиралмуъминин, ё Шоҳи Мардон,
Дили ношоди моро шод гардон.

Сари кӯҳи баланд буд хонаи ман,
Фалак тире задаст бар шонаи ман.
Фалак тире задаст пайкон надорад,
Ба ҳасрат пур шудаст паймонаи ман.

Ин бачеки хуртекуки барги гулукум,
Меҳри ту навиштаӣ даруни дилукум.
Фардо, ки шавад хоки сиёҳ манзилукум,
Кирм(ҳ)о биканан(д) меҳри тура ай дилукум.

Рафти-рафтӣ яке бигардон ру(й)та,
Бо тахтаи пешонӣ, хами абру(й)та.
Гар боди сабо ба ман биёрад бу(й)та,
Бу(й)та чи кунум, ки сер надидум ру(й)та.

Му қади тура зи дур медонистум,
Савганди тура дуруғ медонистум.
Хешони ватан вафо накардан(д) бар мо,
Ин воқеара зи дур медонистум.

Обут додум пиёла монд дар дастум,
Нодон будум, ба ту муҳаббат бастум.
Гар медонистум, ки туӣ каммеҳру вафо,
Аз рӯзи аввал меҳри хунук мебастум.

Эй чархи фалак, мисли мани зор шавӣ,
Мисли мани дилшикаста афгор шавӣ.
Тире, ки задӣ рост миёни ҷигарум,
Бар синаи худ бигир хабардор шавӣ.

Эй дида, чаро баҳори пурнам шудаӣ?
Эй дил, ту чаро хазинаи ғам шудаӣ?
Эй сина, чаро гаштаӣ ту хаставу зор?
Эй қомати зебо, ту чаро хам шудаӣ?

Бачам рафтаст, му аз пасуш гиря кунум,
Ру пас манигар, ки куртама пора кунум.
Му пора кунум арири навдухтаро,
Мардум донад, ҳоли дили сӯхта ро.

Гирум қаламу хати калон бинвесум,
Зарчубаи зарди заъфарон бинвесум.
Ёрону бародарон ҳама дар ватананд,
Аз бееватанӣ барги хазон бинвесум.

Намак шур аст, ба захми тоза нандоз,
Маро куштӣ, ба шаҳр овоза нандоз.
Маро куштӣ ба дасти худ кафан кун,
Ба дасти мардуми бегона нандоз.

Кабутари сарсафеди гардан гули нор,
Шаб қатраи боронему рӯз абри баҳор.
Мо чораи омадан надорем имсол,
Аз мо хати бандагӣ, дуои бисёр.

Дар боғи висоли ту нишастему гузашт,
Пурғамза камони нав харидему гузашт.
Хоҳӣ ба яке шиниву хоҳӣ ба ҳазор,
Ишқат намаке буду чашидему гузашт.

Дарё, ки калон шавад, шинояш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудоӣ мушкил,
Ҷоне, ки ба лаб расад, давояш кӣ кунад?

Дари хонекмон ниҳол шинондем, нагирифт,
Чанде, ки ба ноз парваридем, нагирифт.
Шондем ниҳолу парваридем ба умед,
Дари хонекмон ниҳоли бедона гирифт.

Озодаҷавон аз ин ҷаҳон бахра набурд,
Дар айни ҷавониҳо биафтоду бимурд.
Ҷуе кардаст, ки як даме об хурад,
Об омада ҷуи кардаша пок бибурд.

Гул дидуму гул дидуму гулҳо дидум,
Дар боғи худум панҷ гули раъно дидум.
Дар боғи худум гулҳо шукуфтан чапу рост,
Охир чӣ кунум, ки худма танҳо дидум.

О, бачаи ҷон, мар-марут мебинум,
Печида ба шохи ҷигарут мебинум.
Ҷону дилукма фидои ҷонут кардум,
Номард будӣ ба ҳар дарут мебинум.

Му байда намедонум рубоӣ созум,
Дард(ҳ)ои тура чигуна дармон созум.
Дард(ҳ)ои тура ба нуги най бинвозум,
Най бишканаду хаста шавад овозум.

Дарёи калону марди доно аҷаб аст,
Шондем гулу хор гирифтан аҷаб аст.
Булбул ба қафас, қафас даруни оташ,
Булбул сузад, қафас насузад аҷаб аст.

Эй моҳи баланд, баланд барой чӣ шавад?
Эй хирмани гул, зи дар дарой чӣ шавад?
Монандаи моҳи нав бубинум рута,
Ҳар ҷо биравӣ, зуд биёй чӣ шавад?

Рафтум зи ватан бо дили садпора, дареғ,
Кардум сафаре, ки роҳи садсола, дареғ.
Ага(р) намурум, ба хонекут боз оюм,
Ага(р) бумурум, бигӯ ки бечора дареғ.

Бишкаст садафи ҷало-ҷали пурнозум,
Аз даст бирафт қарчиғаи шаҳбозум.
Гуфтум ба даруни дил рубой созум,
Аз (ҳ)асрату ғам намерасад овозум.

Лаъли Яманум, гӯш аи Баршор ватанум,
Оё кӣ кунад гуру кӣ дузад кафанум.
Тобути мура сари баландӣ бубаред,
Шояд бирасад бӯи ватан бар баданум.

Навиштам андар ин коғаз ба хона,[1]
Бимонад аз мани мискин нишона.
Агар пурсанд, ки он мискин куҷо шуд,
Бигӯ бигрехт аз дасти замона.

1 Гӯянда: Ғоибназарова Лаълбегим (1943), зодаи деҳаи Баршор, сокини ш. Маскав. Гирдоваранда: Олими Ширинбек, солҳои 2012-2014.

Эй булбули хушнаво дар ин саҳни чаман,
Гаҳ нолаи ту хуш бувад, гаҳ нолаи ман.
Ту нола зи гул куну ман нола зи ёр,
Не гул ба ту вафо карду не ёр ба ман.

(Ҳ)айфи умрум сарфи ёри бевафо кардум, чаро?
Хешро бо дарди ҳиҷрон мубтало кардум, чаро?
Дорӯи дарди муҳаббат ман наёфтум аз табиб,
Дарди дил бо тири мижгон бедаво кардум, чаро?

Хобам бурдаст таи чанори хафако,
Бедор шудум дилукма бурданд бачако.
Кофарбачеко дилма ҳавоӣ карданд,
Сандуқи дилма пури рубоӣ карданд.

Мо кавгонему эчаи мо дар камар аст,
Мо мемуреми модари мо бехабар аст.
Модарма бигӯ ҷомаи ғам пора кунад,
Шаб зери сараш монаду рӯз нола кунад.

Дуруза зи умри хештан ношодем,
Аз чаҳти фалак ҳамеша дар фарёдем.
Эй чархи фалак, чигуна чархе дорӣ,
Дарёи равандаему дар гирдобем.

Гандум шудаем, зард шудаем ҳамчу ба дашт,
Ҳайфи умрамон ба ғурбату хорӣ бигӯ зашт.
Хешони ватан вафо накарданд бар мо,
Бар мо алами замона бисёр гузашт.

Як себаки сурхи дав-давон дорем мо,
Як ёр зи қишлоқи калон дорем мо.
Не хурдаки хурду не калони қади мо,
Доғи дили душманону чароғи дили мо.

Қади ту ниҳол аст, ниҳол аст, ниҳол,
Номи ту нигор аст, нигор аст, нигор.
Ман дар ҳаққи ту чигуна хизмат кардам,
Як бор нагуфтӣ, ки убол аст, убол аст, убол.

Сабза лаби ҷу, дилам гирифтори ту шуд,
Сар то қадамам моили рафтори ту шуд.
Айб аз мани бечораи дилсӯхта нашуд,
Айб аз тарафи душмани бадкори ту шуд.

Ситора баланду моҳ баланд аст имсол,
Аз феъли бадмон фалак ба ҷанг аст имсол.
Ҳар сол сари зулфи ёр болини ту буд,
Болини туи ғариб санг аст имсол.

Эй лолаи лолазор, мо ҳам рафтем,
Чашмони ту пурхумор мо ҳам рафтем.
Чашмони ту пурхумору ғамгин дили ёр,
Биншин ту дар ин диёр, мо ҳам рафтем.

Ин бачаи му гули суман буду бирафт,
Меҳруш ба даруни дилукум буду бирафт.
Меҳруш ба даруни дилукум кард ватан,
Як хонахароби беватан буду бирафт.

Ин абри сиёҳи осмон оҳи ман аст,
Зангори сиёҳ дар лабу дандони ман аст.
Садбарги сафед шукуфта дар боғи шумо,
Ин хори ҷафо ҳамеша дар пои ман аст.

Мунҷибачаи мири сари ангурам,
Хушгулбутаи хушбуваки хушбуям.
Мунҷибачама ақлу фаросат бошад,
Насиҳату ҷанҷолам чӣ ҳоҷат бошад.

Дилбарма бубин Шеваву Шуғнон мерад,
Бо дараи Сағридашт Бадахшон мерад.
Бемор шудаст, Хоруғу Ғорон мерад,
Аз дасти аҷал ба зуру ларзон мерад.

Бархез, Дилбарҷон, умрат дар хоб гузашт,
Сайри чаману шабҳои маҳтоб гузашт.
Бедор намешавӣ аз ин хоби гарон,
Бедорат намекунад Худованди ҷаҳон.

Дар шуразамин ман аминут бошум,
Дар гандуми сабз ман заминут бошум.
Дар гандуми сабз даравгарон бисёранд,
Ман марди фақиру хушачинут бошум.

Мо кавгонему сайл кунем саҳрора,
Бо нулҳои сурх канда кунем гулҳора.
Бо нулҳои сурх канда нашуд гулҳора,
Дар сар бузанем ҷуфтагули раънора.

Му рӯи тура ба моҳи тобон надиҳум,
Му нархи тура ба бои Ғорон надиҳум.
Кафтар шаваму пушти сарут лона кунум,
Офтоб шавуму ба барфу борон надиҳум.

Ин шаҳри калону ҷои истодану нест,1
Дар шаҳри калон гирифтану додану нест.
Дар шаҳри калон ага(р) ғарибон бимуран(д),
Дар пои ҷанозаи ғариб мотаму нест.

Сухи аму сат, ки майдек будем,
Ҷураи барраву буча да(р) шолек будем.

1 Гӯянда: Ғоибова Давлатхотун (1955), зодаи деҳаи Баршор, сокини ш. Маскав. Гирдоваранда: Олими Ширинбек, солҳои 2012-2014.

Шолекмон гашту мо парешон шудем,
Рафтем ба ғарибиву саргардон шудем.

Аз хона баромадӣ, рубоӣ гуфтум,
Якчанд ғазала баҳри ҷудоӣ гуфтум.
Ин чанд ғазала гӯш кунӣ ё накунӣ,
Ин байта барои ёдгорӣ гуфтум.

Бечора ҷувон аз умрукуш баҳра набурд,
Дар айни ҷувониҳош афтиду бимурд.
Ҷӯе кандем, ки якдаме об хурем,
Об омаду ҷӯи кандаро пок бибурд.

Ин куртеки хат-хатини доманчокум,
Урмон дорум бачом бубандан хокум.
Аз оби ду дидашон бишӯянд бадanum,
Аз гӯшаи футашон бидузанд кафанум.

Афсӯс, ки бо ту варнахурдем, дареғ,
Аз нахли қадут самар начидем, дареғ.
Аз нахли қадут ниҳоли умр аст ба бод,
Бо умри ду руза барнахурдем, дареғ.

Сухи аму сат будаст, ки хуртек будем,
Ду себаки сурх даруни боғчек будем.
Боғчек бигашту мо даруни баргем,
Мо хурду калон ҳама насиби маргем.

Сел омада бурд кавги айёраи мо,
Мекард кабоб ҷигари пораи мо.
Мекард кабоб, мепошид намаке,
Мегуфт, бихӯр модари ғамхораи мо.

Бедард давои дарда кай медонад,
Сӯзиш и даруни дилма най медонад.
Дардест ба ҷони мани мискини ғариб,
Аз одами дида пурс, ки вай медонад.

Саркӯҳи баланд арғувон гум кардум,
Зардиначавони паҳлавон гум кардум.
Зардиначавони паҳлавон нест хабар,
Шамшери бурранда аз миён гум кардум.

Нозук-нозук, тамоми ҷонут нозук,
Холе ба миёни абрувонут нозук.
Гуфтум: биравум, тиру камонут бихарум,
Бар китф камон, тири камонут нозук.

Сурӣ ба бунавша гуфт, чаро қади ту паст?
Пеш аз ҳама мешкуфию мемонӣ пас.
Гуфто, чӣ гул аст ин, ки маро таъна занад?
Аз бӯи хушум, ки меравум даст ба даст.

Сарчашмаю чашмасор зангор гирифт,
Омад хабаре, ки бевафо ёр гирифт.
Ӯ ёр гирифт, баробари мо нагирифт,
Аз гул бигӯ зашту домани хор гирифт.

Ман булбуламу баҳора дӯст медорум,
Себаргаву лолазора дӯст медорум.
Себаргаву лолазор дар боғи шумо,
Билло ба Худо, шуморо дӯст медорум.

Ман меравуму нигори ман мемонад,
Сабри дили беқарори ман мемонад.
Ин ёри равандаро ба худ ёр магир,
Ин меҳри раванда дар дилут мемонад.

Айёми гулу сайри чаман омадаюм,
Сармаст зи бӯи ёсуман омадаюм.
Ҳар дил ба ҳавои ишқи худ нағма кунад,
Ман баҳри сурудани ватан омадаюм.

Мусулмонон, дар ин шаҳри шумоем,
Ғарибу бекасу беошёнем.
Чилимро тоза кун баҳри мусофир,
Ки имрӯз инҷову фардо куҷоем.

Чашмони сиёҳта сиёҳ гирифтаст, чӣ кунум?
Абрӯи каҷта ҳаво гирифтаст, чӣ кунум?
Ман дар ҳаққи ту чӣ гуна хизмат кардум,
Инсофи туро Худо гирифтаст, чи кунум?

Эй куртасафед, ту дар миёни хирман,
Хуни дилукут бирехт дар барфи Яман.
Эй барфи Яман, чӣ ноз дорӣ ту ба ман,
Ошиқ дигарон, маломатат бар сари ман.

Дар фасли баҳор мегузаштум ба раҳе,
Гул чидуму дар сар задаям панҷу даҳе.
Андеша зи айёми ҷавонӣ кардум,
Нестум хабаре, ки умр рафтаст пагаҳе.

Ман булбуламу зи гул ҷудо мегардум,
Лабташна ба дашти Карбало мегардум.
Оё чӣ гуноҳ кардаям пеши Худо,
Аз дидаи равшанум ҷудо мегардум.

Мо булбули мастем, макон гум кардем,
Мо тири фарангем, нишон гум кардем.
Мо гирди ҷаҳон аз ин сабаб мегардем,
Шамшери бараҳна аз миён гум кардем.

Рафтай ба шаҳр(ҳ)о, ғамут кушт мура,
Кардӣ ба даруни дил фаромӯш т мура.
Ё нома навис, ё хати безорӣ,
Ин гуфтугузори мардумон кушт мура.

Ҳайронаму ҳайронзадаро медонум,
Фарҳодаму тешахурдаро медонум.
Ҳар гоҳ, ки хуни ту бирезад ба замин,
Ман Юсуфи гургбурдаро медонум.

Дар боғ даромадум ба бӯи гашниз,
Андешаи хотирта накардум ҳаргиз.
Бо ёри нават муборак, эй ҷони азиз,
Мо тозагулем, дар роҳ намонем ҳаргиз.

Чодар чилу чор банди чодар чилу чор,
Бечора ҷувон дар таги чодар бемор.
Бечора ҷувон худта ба куштан додӣ,
Ин модари бечорат чашмуш ба раҳ чор.

Мо ҳеҷ, замона ҳеҷ, дунё ҳама ҳеҷ,
Эй ҳеҷ, зи баҳри ҳеҷ, бар ҳеҷ мапеч.
Донӣ, ки зи одамӣ чи мемонаду бас,
Меҳр асту муҳаббат асту боқӣ ҳама ҳеҷ.

Дил доруму дилдор надорум, чӣ кунум?
Ғам доруму ғамхор надорум, чӣ кунум?
Ғам доруму ғамхор надорум бе ту,
Санг гашта дил ором надорум, чӣ кунум?

Ҷамҷон, тирут ки расид чӣ гуна ту ҷон додӣ?
Ашкут бичакид, чакид, ё ки осон додӣ?
Ку модару ку падару ку хеши қариб,
Ҷонта ба аҷал ба садҳо армон додӣ.

Ҷамҷон, ай рафтанукут агар хабар медоштум,
Сартосари Душанбе қадам мегзоштум.
Мекофтуму меёфтум қотили тура,
Ханҷар ба забонуш то ҷигар мегзоштум.

Кавгуки ҷияш аҷаб тура гум кардум,
Кӯҳ ба кӯҳу дашт ба дашт худма пир кардум.
Кӯҳ ба кӯҳу дашт ба дашт пайдо нашудӣ,
Бо кори Илоҳ тан ба тақдир кардум.

Оҳубараи сафедма ман гум кардум,
Худма ба дари хонаи мардум кардум,
Мардум меган чаро ту девона шудӣ?
Девона манам, ки булбулма гум кардум.

Бодом заррапуст, пусти бодом заррапуст,[1]
Моро бикушанд, ҷудо кунанд гӯш т аз пуст.
Ин куштани мо барои як дидани дӯст,
Сутхонум сафед шавад, майлам ба амуст.

Эй бачаи раҳдурии дур аз назарум,
Абрешими шаштораи лахти ҷигарум.
Ҷамҷон, ҳар гаҳ, ки ба ёру ҳамсолот менигарум,
Об аз ду дида резаду хун аз ҷигарум.

Умрат бигӯ зашт умри дигар нест туро,
Бигзашт ҷавоният хабар нест туро.
Сайёди аҷал хайма зада дар роҳат,
Ин раҳра гирифт, раҳи дигар нест туро.

Модар, модар дар ҷавонӣ мурдӣ,
Дар айни хушии зиндагонӣ мурдӣ.
Нагардондум ранҷи як шабатро,
Аз ин рӯ мехурам хуни дилумро.

1 Гӯянда: Ғоибова Мобека (1949), зодаи деҳаи Баршори Ғорон.. Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 2012.

Бародарон сафар бар дур рафтед,
Ҷавон рафтеду моро кур кардед.
Шуморо гашт манзил Сабзкандан,
Дареғо, ки бачам бе гуру кафан.

Дилгир шудум, зиёда дилгир шудум,
Ба лахти ҷигари гумшудам дилгир шудум.
То охири умр ду чашмукум бар роҳаш,
Шукрат мегум, розӣ ба тақдир шудум.

Ай гули наврустаам, рафтӣ ту аз ин бӯстон,
Талхтар аз заҳр кардӣ зиндагиамро чунон.
Кай хаёле доштам рӯзи сиёҳ ояд ба ман,
Кай гумон кардам, ки пеши чашми ман диҳӣ ту ҷон.

Фарёд занум, шунав ту овози маро,
Гундушкук шаву биё ба Авҷи боло.
Урмон дорум, ки як бор бубинум рута,
Бибӯсам сару руву чашмои хушрута.

Ҳар гаҳ, ки маро гирад хумору ёдут,
Хоҳам, ки баром ба кӯҳ, кунум фарёдут.
Ин модари беҳунари гӯлут имрӯз,
Дилгир шудасту мезанад фарёдут.

Ёдут кардум, зи дард месӯза сарум,
Аз ёди ту сӯхтааст тамоми ҷигарум.
Шукрат кунаму тан ба тақдир кунум,
Аммо чи кунум, бирёну хуни ҷигарум.

Шинум ба баландиҳо бинум роҳота,
Чашмам бирасад навиштаи санг(ҳ)ота.
Бинум-бинум, ҳеҷ пайдо нашудӣ,
Сад вою дареғ умри барбод(ҳ)ота.

Эй оби равон, аҷаб равон мегузарӣ,
Сарга(ҳ)т зи кучо, кучо давон мегузарӣ.
Сӯят нигарум умри равон ёд кунум,
Пас нангариву чи бенишон мегузарӣ.

Чашмам ба раҳи омаданут чор шудаст,
Гулҳои баҳор дар назарум хор шудаст.
Гулҳои баҳора бӯй кунум бӯи ту нест,
Сад шаҳра ба шаҳр гаштум монанди ту нест.

Ёди ту кунум дилум тапидан гирад,
Оби чашмам ба рӯ чакидан гирад.
Оби чашмам, ки меравад ҷуй ба ҷӯй,
Дар ҳар лаби ҷӯй сабза дамидан гирад.

Дунё ҳама ҳеч, кори дунё ҳама ҳеч,
Ин салтанату боғи ирамҳо ҳама ҳеч.
Дунёи кӯҳ ан ба кас намонад боқӣ,
Паймона, ки пур шавад, сабабҳо ҳама ҳеч.

Шинум сари санг, ки аз Бадахшон оӣ,
Дуторча ба дасту масти ғелон оӣ.
Дуторча ба даст, гӯш акуш марворӣ,
Моро ба ғамот куштӣ, чӣ урмон дорӣ?

Аз шаҳри Душанбе кавги ҳилолма бурдан,
Эй хешу табор, навданиҳолма бурдан.
Мардум меган гиря накун меояд,
Озодаҷувони чучадорма бурдан.

Гунҷишкаки чир-чирӣ зи кутал гузарӣ,
Аҳволи маро ба пеши модар бубарӣ.
Ҷиекма бигӯ гашту гадоӣ бикунад,
Аз бахшаки ман оши худоӣ бидиҳад.

Эй бачаи ҷон, сояи давлат бошӣ,
Ҳар ҷо бошӣ, си(ҳ)ат саломат бошӣ.
Ҳар шому саҳар дасти дуоям бо ту,
Дар умри сарут пури баракат бошӣ.

Духтари хабаргирум хабаргир омад,
Аз роҳаки дур сафари Помир омад.
Худовандам нигаҳбону паноҳаш,
Пеши падару модари дилгир омад.

Рӯзҳо паи ҳам меран ай пеши назарум,
Рӯзҳои сиёҳра мебаран ай назарум.
Мерам ба хаёл, гуё, ки чизе набудаст,
Чун ёд орум мерезад хун ай ҷигарум.

Маро аз ғайри ту маҳбубтаре нест,
Ба ҷонам ғайри ту ширинтаре нест.
Ба ҳар рӯзи зистаам шукрона гуям,
Ки бо ту, меҳрубонам, рӯ ба руям.

Эй Авҷи бузург, аҷаб ки санг овардай,
Мобайни ду кӯҳ дилум ба танг овардай.
Ҳарчанд кунум шукрати хасмон(ҳ)ота,
Аммо чи кунум, ру(й)ма ба ҷанг овардай.

Хуш омадаӣ ба ин ҷаҳон, шодонем,
Пои қадамат ба дида, ҷон, шодонем.
Аз омаданут хонамон пурнур шудаст,
Тоҷи сару нури дидамон, шодонем.

Зи дурӣ омадам, рӯят бубинам,
Ба паҳлуят, кунум холӣ дилумро.
Дили пурдард, ки ҳеҷ холӣ намеша,
Каме осон кунум ин мушкилумро.

Чархо фалако, чархат мудом гардон аст,
Бист сол шуду чашмум ҳанӯз пазмон аст.
Эй чархи фалак, чархта букун як бор гир,
Шояд, ки дилум халос шавад аз занҷир.

Имсол ҷудо шудем зи ёри ҷонӣ,
Ҳарчанд ки кунем ҷафою саргардонӣ.
Аз рӯзи азал навиштаи пешонӣ,
Аҷал, ки расид дареғу пушаймонӣ.

Мо хурду калон ҳама ба ном инсонем,[1]
Дар дасти замона ҳамчу ангӯш тонем.
Имрӯз агар пасту баландӣ дорем,
Фардо, ки равем ҳама ба хок яксонем.

Ай кӯҳи сафед оби шифо мехамбад,
Ай дидаи поки Мустафо мехамбад.
Мо дар аҷабем, ки Мустафоро бинем,
Фарзанди Алӣ шери Худо мехамбад.

Эй беди баланд, саргаҳат Каъбаи нур,
Бо ҳаққи Каломуллоҳу бо номи Расул.
Ҳаргиз нагирифт шохи сафедор ангур,
Ҳаргиз наравад меҳри ту аз ҷонум дур.

Садбарги сафеди саҳариро чӣ кунум?
Ман бе ту ҳаёту зиндагиро чӣ кунум?
Мардум ҳамагӣ умри дароз металабан,
Ман умри дарози ғамқатиро чӣ кунум?

1 Гӯянда: Хадича Ҷалолова (1947), сокини деҳаи Авҷ.
Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 2013.

Бачам да(р) раҳ буд, ғулоғули ҷанг омад,
Шербача буду гурехтануш нанг омад.
Шамшери қазо ба гардануш танг омад,
Хуни дили ӯ бар сари ҳар санг омад.

Дар мулкаки дур ниҳоли яктоқа бачам,
Бо рангаки зард аҳволи бечора бачам.
Душман да(р) саруш, ҳазор душман да(р) саруш,
Аз боисти душмано(н) овора бачам.

Эй панҷ биёр будед, дар мулкаки Роғ,
Ҳар панҷтон ниҳол шинондед дар гӯш аи боғ.
Дар гӯш аи боғ шинонда доғмон кардет,
Себарга будем, берун зи боғмон кардет.

Эй себаки сурх дар вуҷуди банда,
Зояъ кардай худта ба марди ганда.
Марди ганда, Худо бдяд ҷазота,
Оби дидам кӯр кунад чашмота.

Ёрам рафтасту ғамгусорум рафтаст,
Себ ай чаману гул ай канорум рафтаст.
Ин хона агар биҳишти олам гардад,
Безорум ай ин хона, ки ёрум рафтаст.

Ин роҳи баробару ин ҳам лағатут,
Мора мондаӣ, рафтӣ ба мулки дигарут.
Гунҷишкак шавем, эча занем пушти дарут,
Шояд, ки бибинимону сӯзад ҷигарут.

Аз уни ки ту рафтай, нахандидем мо,
Не сар шиштем, на ҷома пушидем мо.
Корвони бисёр омаду пурсидем мо,
Меган, ки надидаему нашнидем мо.

Ақлмон рафтасту ақлу ҳушмон рафтаст,
Зардина ҷувони пурҳунармон рафтаст.
Зардинаҷувон миёни олам тоқаст,
Асли ӯ бипурс, ки ай кадом қишлоқ аст.

Ин меваи сербар дар сари майдонум,
Дар мулкаки Қозидеҳ ҷигарбирёнум.
Рӯзе, ки фалак теға кашид бар ҷонут,
Хун ҷорӣ шудаст гирди лабу дандонут.

Дар роҳ будам, ки марг омад зи пасум,
Эй марг, амон бидеҳ, ба хона бирасум.
Ба хона расум, ки модарум дар ҳавасум,
Бӯсад лабу дандон, барояд нафасум.

Эй бачаи ҷон, дар ғам(ҳ)от беморум,
Бечораю дилшикастаи афгорум.
Ҳаргиз ба дилум набуд ҷудоӣ аз ту,
Бар кардаи тақдиру Худо ночорум.

Афсӯс, ки саҳрои ҷаҳон бешаи мост,
Заҳробаи заҳр мудом дар шешаи мост.
Заҳробаи заҳр ягон-ягон нушидем,
Мо шохи дарахтем, аҷал тешаи мост.

Эй дуди кабуд, дар осмонҳои манӣ,
Зангори фалак дарду аламҳои манӣ.
Бишкуфта гули сафед дар боғи ҳама,
Эй хори ҷафо, ҳамеша дар пои манӣ.

Афсӯс, ки як умр гадоему дареғ,
Борони баҳори бебақоему дареғ.
Сад сол агар умр вафое бикунад,
Охир, ки ҷудоему ҷудоему дареғ.

Дуде, ки аз ин хона бадар меояд,
Ман мунтазирум, аз ту хабар меояд.
Ман мунтазирум, аҷаб қиноат кардум,
Аз сӯхтадилум бӯи ҷигар меояд.

Эй себи Самарқанд, сарут пайдо нест,
Эй лаъли Бадахшон, дилут бо мо нест.
Ханҷар задаӣ рост миёни ҷигарум,
Хун мераваду ҷароҳатуш пайдо нест.

Эй моҳи баланд, баланд бароӣ, чӣ шавад?
Эй бачаи ҷон, ай дар дароӣ, чӣ шавад?
Ай дар ки дароӣ, хона пурнур шавад,
Дӯстон ҳама шоду душмано кур шавад.

Шинум дар баландиҳо туро ёд кунум,
Оюм ба гузаргоҳи ту, фарёд кунум.
Фарёд кунум, касе ҷавобум надиҳад,
Умрум ба тамошои ту барбод кунум.

Дар боғ будум, бӯи ту бо бод омад,
Як гул чидум, номи ту дар ёд омад.
Як гул чидум, варақ-варақ пора шудаст,
Ин ҷигари сӯхта гим ба фарёд омад.

Дунё ба мисоли кузаи заррин аст,
Гаҳ об дар ӯ талху гаҳе ширин аст.
Мо шод нашавем, ки умри мо чандин аст,
Аспи аҷалмон мудом зери зин аст.

Булбул ту бинол, нолама камтар кун,
Ай оби ду дида барги гулма тар кун.
Ай оби ду дида барги гул тар нашавад,
Рута ба Худо букуну нола кам кун.

Аз беватанӣ қанд ба ман нуш нашуд,
Вазъи дили мардумон ба ман гӯш нашуд.
Ҳарчанд бигаштем ба гирди олам,
Хоки ватанум зи дил фаромӯш нашуд.

Аз омаданут агар хабар медоштум,
Дар сари раҳут гули суман мекоштум.
Мекоштуму худум нигоҳ медоштум,
Хоки қадамта ба дида бармедоштум.

Фарёд зи дасти фалаки ҷомакабуд,
Ёрони маро яка-яка омада бурд.
Гар қоидаи фалак ҳамин хоҳад буд,
Як рӯзи дигар навбати мо хоҳад буд.

Дар санги сиёҳ алиф кашидан мушкил,
Хубона ба ноз парваридан мушкил.
Сад косаи заҳрро чашидан осон,
Пайвандии васлро буридан мушкил.

Эй кӯҳи калон, туро камар мебояд,
Фарзанди азиз, туро падар мебояд.
Ҳарчанд амак бипарварад бо дилу ҷон,
Ду дасти мубораки падар мебояд.

Эй вой, ғариб, ҳазору як вой, ғариб,
Бемор шудӣ, ба сар наёфтӣ ту табиб.
Ку падару ку модару ку хеши қариб,
Бегона чӣ донад, ки куҷо мурд ғариб.

Эй беди баланд, ту ба лаби дарёӣ,
Шиштам ба умед, ки рафтаӣ, меоӣ.
Гар биёӣ, бахти ману давлати ту,
Зояъ нашавад ранҷи ману меҳнати ту.

Дар дари хонат ниҳол шондум якатут,
Ё зоғи сиёҳ шинаду ё куртакабуд.
Не зоғи сиёҳ нишасту не куртакабуд,
Сад сол сиёҳ пушаму сад сол кабуд.

Ай хона баромадӣ, худоӣ кардӣ,
Сӯи ватани падар нигоҳе кардӣ.
Сӯи ватани падар шукуфтаст гулҳо,
Золим будӣ, ки ай му ҷудоӣ кардӣ.

Дилам ғам дошту ғам дошт ҳамон руз,
Мисоли лола шабнам дошт ҳамон руз.
Надонистам бигирям ё бихандам,
Ки бачам қасти рафтан дошт ҳамон руз.

Ин кутали рупару ба ман хона шудаст,
Ғам дар дили ман анори пурдона шудаст.
Мардум меган, ту ғами беҳуда нахӯр,
Ман ғам нахурум, биёрум бегона шудаст.

Ай боғи падар навданиҳолум рафтаст,
Ай хонаи ман кабки ҳилолум рафтаст.
Мардум меган, чӣ нола дорӣ доим,
Ай хонаи ман бачаи ҷонум рафтаст.

Сари сарчашма рафтум гоҳ ба вақте,
Ба оби дида биншондум дарахте.
Шамол омад дарахтум решакан кард,
Мани мискин надорум ҳеҷ бахте.

Сари кӯҳи баланд ҷуфти ситора,
Ҷавоне кушта шуд бистудусола.
Ҷавонон қадри ҳамдигар бидонед,
Худо кай медиҳад умри дубора.

Навиштум бар дари девори хона,
Бимонад аз мани мискин нишона.
Агар пурсанд, ки он мискин куҷо шуд,
Бигӯ бигрехт аз дасти замона.

Дарахти ғам ба ҷонум кард реша,
Ба даргоҳат ҳаменолум ҳамеша.
Биё, эй дӯст, қадри ҳам бидонем,
Аҷал санг асту одам мисли шеша.

Фарёд, ки ҷудоему ҷудо мегардем,
Бо амри Худо зиндаҷудо мегардем.
Амре бишавад, боз биёем ба ватан,
Соҳибватанон, ватангадо мегардем.

Афсӯс, ки дар дашту биёбон мурдум,
Дур ай ватану ҷудо зи хешон мурдум.
Як порча хате навис ба дӯстони азиз,
Дар хат бинавис, ки ман пурармон мурдум.

Эй боди сабо, хабар бибар сӯи ватан,[1]
Бар ҷамъи бародарону бар модари ман,
Модарма бигӯ , куртаи ғам пора кунад,
Шаб тои сараш монаду рӯз нола кунад.

Сафар кардӣ, сафарро дур кардӣ,
Худут рафтӣ, маро ранҷур кардӣ.
Худут рафтӣ барои луқмаи нон,
Дилукма эчаи занбур кардӣ.

---

1 Гӯянда: Бибисултон Азорабекова (1932), сокини деҳаи Қозидеҳи Ғорон. Гирдоваранда: Сардорова Сайрам.

Дар дашт будум, ки гул ба дарвоза гузашт,
Ду зулфи сиёҳу як паризода гузашт.
Му мушк наёфтум зи пасуш дуд кунум,
Дуди дилукум ба рузани хона гузашт.

Эй духтари ғоронӣ мура ёр б(и)гир,
Савғоти мура ай сари девор б(и)гир.
Имшаб, ки мура ҷои дига(р) металабан(д),
То омаданум худукта бедор б(и)гир.

Ай рафтанукут мурғи дилум дар домуст,
Чашмум нигарон, зубонукум пурсонуст.
Ними ҷигарум пухтаву нимуш хомуст,
Ними дигаруш ба това(ҳ)о бирёнуст.

Ой ғам нест, ага(р) наёӣ, ғам нест,
Гундушки рамидаро дарахте кам нест.
Ҳар шохи дарахт, ки ба сарум соя кунад,
Сар бошаду лолазору дилбар кам нест.

Худут хиргоҳу муют банди хиргоҳ,
Ба гулчинӣ бароям ҳар саҳаргоҳ.
Ба гулчинӣ бароям, гул наёбам,
Ту дар киштию ман дар қаъри дарё.

Рӯзе, ки фалак аз ту буридаст маро,
Кас бо лаби пурханда надидаст маро.
Бовар накунӣ ага(р) қасамҳои маро,
Ман донаму он ки офаридаст маро.

Сари кӯҳи баланд най мезанум ман,
Шутур гум кардаюм, пай мезанум ман.
Шутур гум кардаюм, уштури шоҳӣ,
Ҷаррангос мезанум, дилбар куҷоӣ?

Аз хона баромадум ситора саду бист,
Ман қасти сафар кардум, модар бигирист.
Эй модари ҷон, гиристанут маънӣ чист?
Мардум сари сол оянду ман рузаки бист.

Аз хона баромадӣ сабаб чист, бигӯ ?
Ранҷидани хотири ту аз чист, бигӯ ?
Ранҷидани хотирта зи мо мебинӣ,
Моро ғами ту, туро ғами кист, бигӯ ?

Рӯзе, ки сарум дард кунад, нола кунум,
Ру(й)ма тарфи кадом бегона кунум.
Бегона ага(р) ҷувоби талхум бидиҳад,
Нолон шавуму рӯ тарафи хона кунум.

Дилум решу дилум решу дилум реш,
Надорум толеъ аз бегонаву хеш.
Агар бегона бо ман хеш гардад,
Мисоли мору каждум мезанад неш.

Агар боди сабо пайдо намешуд,
Даҳони ғунчаи гул во намешуд.
Агар Лайлира медодан(д) ба Маҷнун,
Дар олам ошиқӣ расво намешуд.

Ду зулфонат ба ҷонам оташ андохт,
Ду чашмонат маро дур аз ватан сохт.
Бисузад хонаи Лайливу Маҷнун,
Ки расми ошиқӣ дар олам андохт.

Эй лаъли Яман, чӣ доғ дорӣ ту ба ман?
Ошиқ дигарон, маломатат бар сари ман.
Лаъли манию нигини дасти дигарон,
Доғи дили мардумон, чароғи дили ман.

Хоҳам, ки яке нома ба дилдор нависум,[1]
Дарди дили бечораи бемор нависум.
Гар боди сабо нома ба дилдор расонад,
Гирам қаламу нома ба такрор нависум.

Бачам рафтаст, дилум хароб аст имшаб,
Ду чашми сарум пури об аст имшаб.
Мардум меган хоб кун, хобуш бинӣ,
Эй бехабарон, чӣ вақти хоб аст имшаб.

Рафтӣ ба ғарибиҳо, ғам(ҳ)от кушт мара,
Худ рафтаю кардаӣ фаромӯш т мара.
Худ гуфта будӣ, ки мерам тез меёюм,
Тез рафтану дер омаданут кушт мара.

Ситора будум, аз ҳаво канда шудум,
Ман духтари бемодар будум, ганда шудум.
Ин духтари бемодара ҳама ҷанг кунан(д),
Ҳар шому саҳар каловаи саргумум.

Рафтед, рафтед, Худо нигаҳбони шумо,
Шамсу қамару ситора ҳамро(ҳ)и шумо.
Дар тори ҳаво фариштаҳо ҳамра(ҳ)тон,
Ин модари раҳпой ба қурбони шумо.

Сад дод зи дасти фалаки бебунёд,
Ҳаргиз гиреҳи бастаи касро накушод.
Гуфтум, биравум гиреҳро бикшоюм,
Сад доғи дигар дар сари ин доғ ниҳод.

1 Гӯянда: Худододова Сабзбаҳор (1960), зодаи деҳаи Баршори Ғорон..
Гирдоваранда: Хадича Ҷалолова, соли 2013.

Дунё бебақо, на шоҳ монад на гадо,
Не тӯшаю не музаю не ҳамраи роҳ.
Танро ба замин монанд, ҷонро ба ҳаво,
Ин қолаби нозанин дар хоки сиёҳ.

Ин себаки сурхрӯи боми падарум,1
Ғелон шудаву омаду зад дар бағалум.
Тақдири Худо будасту рӯзи азалум,
Тақдира ҷудо кардан натонист падарум.

Мусулмонон, дилум ёди ватан кард,
Намедонум, кӣ ёдум дар ватан кард.
Намедонум падар буд ё бародар,
Яқин донум, ки модар ёди ман кард.

Кабутари сарсафед, гардан гули хор,
Шаб қатраи боронию рӯз абри баҳор.
Ман қуввати омадан надорам имсол,
Аз ман хати ошиқӣ, дуои бисёр.

Макун бо хубрӯён ошногӣ,
Битарс аз заҳмати зиндаҷудогӣ.
Агар хубони олам хуб мешуд,
Намекард Лайлӣ аз Маҷнун ҷудогӣ.

Хат навиштам, умри худ кардам қазо,
(Ҳ)айфи ин қоғаз, ки ман кардам сиёҳ.
Хат навиштам, гиря кардам зор-зор,
Ман намонам, хат бимонад ёдгор.

1 Гӯянда: Ниёзмамадова Лаълбегим (1960), сокини деҳаи Авҷ.
Гирдоваранда: Хадича Ҷалолова, соли 2014.

Кошкӣ, ки намешуд хонатон дар гузарум,
Сад кош, ки намедидум, намесӯхт ҷигарум.
Ҳар гаҳ, ки ба сӯи хонатон менигарум,
Об аз ду дида резаду хун аз ҷигарум.

Шамол шавум, зулфи тура шона кунум,
Булбул шаваму ҳазору як нола кунум.
Дар лаҳзаи кор, ки мезанӣ дар ёдум,
Кора монаму ишқи туро нола кунум.

Ҳафт ранг ба ҷаҳон омад имрӯз ба умед,
Меган, ки сиёҳранг нагардад сафед.
Пас як савол дорум, ҷавобаш гуед:
Ин муи сиёҳи ман чаро гашт сафед?

Аз дараи Ғангидер касе мир нашуд,
Аз мурдани одамин замин сер нашуд.
Кас нест хабар барад ба устоди аҷал,
Мурдан фарз аст, чаро ҷавон пир нашуд?

Рӯзе, ки рубоби ишқро тор набуд,
Сарпанҷаи ӯ ба дасти устод набуд.
Устоди ҳамаи анбиё Ҷабраил аст,
Пас гуй ба Ҷабраил, устод кӣ буд?

Умрум ба поён расид, чизе нашудум,
Мақбули дили ҳеҷ азизе нашудум.
Гуфтум, ки шавум дар ҷавонӣ чизе,
Гаштум зи ғусса пиру чизе нашудум.

Дар дашт будум, аҷал биёмад зи пасум,
Эй марг, амон бидеҳ, ба хонам бирасум.
Ду гап дорум ба ҷияи пурҳавасум,
Сар дар бари ӯ монум, барояд нафасум.

Рӯзе, ки ба Делох сафар мекардум,
Чинда гули торона ба бар мекардум.
Аз дасти аму куртасурхи делохӣ,
Ин кутали Делоха ба сар мекардум.

Чун теша мабош, ҷумла ба худ матарош,
Чун ранда зи кори худ бебаҳра мабош.
Таълим зи арра бигир ту дар илму маош,
Чизе сӯи худ кашид, чизе мечошт.

Чашмони сиёҳи сода сумбулкуши ту,
Мардум ҳама ҳушёр, муюм беҳуши ту.
Мардум ҳама ақлу ҳуш дар сар доран(д),
Ақлу ҳуши ман пеши ҷамоли хуши ту.

Бишнав ту зи ман, ки ман чиҳо металабум,
Улфат зи тую меҳру вафо металабум.
Сартосари ҳарфҳороякҳарфӣ бичин,
Аз маънии ҳарфҳо ҳамон металабам.

Ҳайрон шудум, ки гардиши гардон чист?
Бе илму ҳунар зиндагии инсон чист?
Ҳар кас, ки зи илму маърифат бехабар аст,
Пас фарқ миёни одаму ҳайвон чист?

Фарзанди касе намекунад фарзандӣ,[1]
Гар тавқи тилло ба гарданаш барбандӣ.
Ин тавқи тилло ба гардани хар бандӣ,
Ҳам бор кашаду ҳам кунад фарзандӣ.

---

1 Гӯянда: Салим Қаландаров (1956), сокини деҳаи Авҷ.
Гирдоваранда: Хадича Ҷалолова, соли 2013.

Модар-модар, ба ҷон баробар модар,
Мардум меган хола ба ҷои модар.
Фандум назанед, сӯзиш и модар дигар,
Не холаю не амма намешан модар.

Ман мемурам, фасли баҳорон бошад,
Дар мурдани ман хешутаборон бошанд.
Дар тои сарум модари ман гиря кунад,
Дар пеши поюм падари ҷонум бошад.

Ситорара бин, дар осмон рангин аст,
Модарма бубин, дилаш аҷаб ғамгин аст.
Эй модари ҷон, мабош ғамгин ҳаргиз,
Ин зиндаҷудоӣ бар сари чандин аст.

Модар-модар, чаро калонум кардӣ?
Ширум додию қаста ба ҷонум кардӣ.
Ширум ту мадеҳ, қаста ба ҷонум ту макун,
Овора ба шаҳри мардумонум ту макун.

Сарам дард мекунад, ку модари ман,
Ду дасти худ гузорад бар сари ман.
Ду дасти худ гузорад бо муҳаббат,
Гузорад, кам шавад дарди сари ман.

Эй модари ҷон, ту хоби хомӯш накунӣ,
Гапҳои дуруғи мардума гӯш накунӣ.
Гапҳои дуруғи мардум(ҳ)о бисёран(д),
Аз духтари раҳдурит фаромӯш накунӣ[1].

1 (Гӯянда: Қаландарова Аслимо (1952), зодаи деҳаи Мулвоҷ, сокини деҳаи Шитхарв. Гирдоваранда: Хадича Ҷалолова, соли 2013)

Эй майдагулак, гуле ба буют нарасад,
Румоли алифшакар ба муют нарасад.
Дар шаҳри шумо хубрӯён бисёран(д),
Ҳеҷ гуна хубруй ба тори муют нарасад.

Ситораҷалон, ҷалон дили афгорум,
Ин модари хомхаёли вайронкорум.
Ту дасти мура ба дасти нокас додӣ,
Як бори Худо нагуфтӣ, ки духтардорум.

Ҳамчун шудаям гандумаки зард ба дашт,
Ҳайфи умрам, ки дар ғарибӣ бигӯ зашт.
Хешони ватан ёд накардан(д) мара,
Бар мо алами замона бисёр гузашт.

Ай лоларухон гули суман мемона(д),
Ай булбули хушхон чаман мемона(д).
Хат дар вараќи сафед бимонад сад сол,
Ман мемураму хатум зи ман мемона(д).

Фарёд, ниҳоли пурсамар гум кардум,
Шаҳду шакару қанду асал гум кардум.
Шаҳду шакару қанду асал ҷоми шароб,
Тарзест, ки фарзанди падар гум кардум.

Фарёд, ки ҷони бемадор охир шуд,
Як гул нагирифтему баҳор охир шуд.
Як гул нагирифтем зи боғи чаман(ҳ)о,
Як дам нашиштему хумор охир шуд.

Дар дашт будум, ки бод бардошт мура,
Овард ба ғарибиҳову партофт мура.
Гуфтум биравум хизмати модар бикунум,
Аз рӯзи азал дӯст намедошт мура.

Дар ҳавлии мо об набуд, боз омад,
Себарга набуд, ҷавони танноз омад.
Хостам, ки ба дасти рост обуш бидиюм,
Обуш додум, дилум ба парвоз омад.

Он ҷо, ки туӣ бунафшазори Балхуст,
Инҷо, ки манум, мудом шомум талхуст.
Шоме, ки ту мехурӣ, маро ёд бикун,
Гуё, ки замину осмон дар чархуст.

Аз дураки дур илоҷгар нест маро,
месӯзаму чорае дигар нест маро.
Хостам, ки ба ҷониби ту парвоз кунум,
Болам бишикаст, боли дигар нест маро.

Гундушкуки чир-чирӣ чил пар дорад,
Дар тои саруш навиштаи зар дорад.
Ҳар кас, ки дар ин замона духтар дорад,
Мисли дили ман дили қаландар дорад.

Бачек дорум, зи банди шаҳро уря,
Пеғому салом кардум наомад иря.
Як дастагула ба хуни дил тар кардум,
Шояд, ки ба бӯи гул биёяд иря.

Дар мулкаки Шамбедеҳ се тоқасавор,
Пешангикуш кист? – Додарум тоқасавор.
Саллеки калон дораду пурнақшу нигор,
Абрешими қирғизиш бо духти бухор.

Имсол дилум аҷаб шудаст паснигарон,
Дар мулкаки Шамбедеҳ задаст барфи гарон.
Эй барфи гарон, мара ба модар бирасон,
То дар дили сӯхта гим намонад урмон.

Имсол баҳори мо ба ғам мегузарад,
Шодӣ ба дили сӯхта кам мегузарад.
Шодӣ талабум, шодӣ бубинум кам-кам,
Ғамбезорум, фитода хирман-хирман.

Ай кӯҳи баланд назар ба паст андохтум,
Бар гардани зебои ту даст андохтум.
Бар гардани зебои ту дастум нарасид,
Ай ҷаҳти ту худма ба бало андохтум.

Эй бачаи қадбаланди дуррдандонум,
Дар ҳасрати дидори ту сӯхта ст ҷонум.
Ман пилта шавум миёни ангӯш тонут,
Шояд ба фироқи ту барояд ҷонум.

Кафтарбачата ба боғ мондӣ, рафтӣ,
Ин хонама бечароғ мондӣ, рафтӣ.
Кафтарбачата ба хуни дил парвардӣ,
Охир, ки ба чанги зоғ мондӣ, рафтӣ.

Моҳ мераваду ситора пас мемонад,
Бачам рафтаст, бачаш ба кас мемонад.
Эй бачаи ҷон, бачата со(ҳ)ибӣ букун,
Ин бачаи ту ба хору хас мемонад.

Ай хона баромадай, самандар мерай,
Тӯшат таи каш, ба пеши модар мерай.
Модар мега, тушаи ман бисёруст,
Як лаҳзаи диданут ба ман даркоруст.

Мағзор ай ман, гӯш аи мағзор ай ман,
Бориктар аз он гӯш аи дастор ай ман.
Дастора набанд бе ризои дили ман,
Ҳар печиши дастори ту доғи дили ман.

Шамол(ҳ)ои кӯҳ кӯҳ ора меларзонад,
Нолиши бачам ҷигарма месӯзонад.
Хабар бикунед хоҳари раҳдуриша,
Биёяд, бубинад биёри армониша.

Қади ту ниҳоли бесамар кард мара,
Ғами ту гадою дарбадар кард мара.
Гуфтум, ки зи кӯҳи ғами ту сад туба,
То дида бидид, тубашикан кард мара.

Дар дашт биравум, сайли гули лола кунум,
Аз мурдани ту ҳазору як нола кунум.
Дар кунҷи лаҳад агар ба ёдум бизанӣ,
Ёди ту кунум, кафанма садпора кунум.

Ёди ту кунум, дилум шарар мерезад,
Тарки ту кунум, лахти ҷигар мерезад.
То охири умр агар ту бошӣ бо ман,
Дар косаи оби ман шакар мерезад1.

Аз хона баромадум бо дидаи тар,
Чашмум ба баробар асту ба мулки падар.
Хуш давлати он касе, ки дар мулки падар,
Бечора ғариб худум, ки дар ҷои дигар.

Ҷудоӣ оташи кори ҷаҳонуст,
Дил аз дасти ҷудоӣ нотавонуст.
Ҷудоӣ шерро рӯбоҳ созад,
Ҷудоӣ умрро кутоҳ созад.

---

1 Гӯянда: Мамадкаримова Муслимо (1952), сокини деҳаи Мулвоч.
Гирдоваранда: Хадича Ҷалолова, соли 2013.

Ин шохи дарахти мо зи пайванд бирафт,
Ин бачаи ман аҷаб касалманд бирафт.
Тои сари мардумону пеши дида,
Зоғ омада ҳарду дидама канду бирафт.

Дар паҳлуи хонаат дорум дегдон,
Дар паҳлу нишастани ту дорум урмон.
Нашкаст ҳавасум, нашуд муродум ҳосил,
Баргарду биё, дубора дорум урмон.

Ин хонаи рӯпарура бод овурдаст,
Бӯи гули синҷита шамол овурдаст.
Хешони ватан, маро маломат накунед,
Моро ба ғарибиҳо Худо овурдаст.

Ин дашти калон, гул ҷудо, лола ҷудо,
Аз дӯст фаромӯш ему аз хеш ҷудо.
Гундушк шавум пар букушоюм ҳама ҷо,
Хабар бигирум аз дӯстони зиндаҷудо.

Вой аз ману вой аз ману вой аз ҷонум,
Ин ҳазрати Изроил шудаст меҳмонум.
Ин ҳазрати Изроил, ки ҷон металабад,
Шояд, ки ба осонӣ барорад ҷонум.

Эй мушки Хутан, агар ба буют бирасум,
Оҳе бикашум, агар ба куют бирасум.
Халқон донанд аҳволи зори дилиа,
Урмон дорум ду чушм ба руют бирасум1.

Мо панҷ биродарем, як бобои пир,
Ҳар панҷ камон дорем, ҳар панҷмон тир.
Дар об шиноварем, дар кӯҳ нахчир,
Дар ҷанг баҳодурем, дар марг асир.

1 Гӯянда: Фирайдуншоева Содатсултон (1934).
Гирдоваранда: Хадича Ҷалолова, соли 2013.

Сарчашмаи боғу бӯстони ватанум,
Хушбоду ҳавост кӯҳистони ватанум.
Гар бод маро барад ба сӯи ватанум,
Дил пора кунум, ёди ғарибӣ накунум.

Модар-модар, чаро калонум кардӣ,
Ширум додӣ, ту қасти ҷонум кардӣ.
Аввал ба азизиҳо калонум кардӣ,
Охир ба ғарибиҳо равонум кардӣ.

Дар дашт будум, ки пири бечора гузашт,
Бар дил аламу синаи садпора гузашт.
Гуфтум, бобо, чӣ доғ дорӣ дар дил?
Гуфто, бачаме, умри садсола гузашт.

Шабҳо ҳама шаб насиҳатум дод падар,
Ҳаргиз ту ба куи нокасон ранҷа мабар.
Гар ранҷ барӣ, ба одами асл бибар,
То ранҷи ту зоеъ нашавад, ҷони падар.

Ҳар дам нафасе мабош бе ёди Алӣ,
Ҳиммат талаб аз Алию авлоди Алӣ.
Ҳар воқеае агар туро пеш ояд,
Кун ёди Алӣ, ёди Алӣ, ёди Алӣ.

Эй Холиқи халқ, раҳнамое бифирист,
Бар бандаи бенаво навое бифирист.
Кори мани бечора гиреҳ аст гиреҳ,
Раҳме бикуну гиреҳкушое бифирист.

Донӣ, ки рубоби мо чиҳо мегӯяд ,
Аз мадҳи Алии Муртазо мегӯяд .
Як пораи чуби хушк бо қудрати Ҳақ,
Бе кому забон худ Худо мегӯяд .

Бе илму амал биҳишти ризвон маталаб,
Бе рузаю бе намоз имон маталаб.
Хоҳӣ, зи пули сирот осон гузарӣ,
Озори дили ҳеҷ мусулмон маталаб.

Хуш умри касе, ба сабзаи боғ равад,
Хуш умри касе, ки ёраш айлоқ равад.
Айлоқ равад, ба пеши ёруш бирасад,
Руз гармӣ кунад, дар шаби маҳтоб равад[1].

Фарёд, ки фарёдрасе нест мара,
Дил месӯзад, илоҷрасе нест мара.
Гуфтум, ки ба ҷониби ту парвоз кунум,
Бар худ нигарум, болу паре нест мара.

Эй дӯст, биё, ки ҳардумон нола кунем,
Аз хуни дилум хоната гулмола кунем.
Аз хуни дилум хонаат гулмола нашуд,
Булбул шавему нолаи садсола кунем.

Кавг аз лаби дарёчаи Ғорон хеза(д),
Дурр аз лабу дандони ҷавонон реза(д).
Бе ҳукми Худо барг нарезад зи дарахт,
Дар хоки сиёҳ мӯи ҷавонон реза(д).

Дар дари хонат суфа қатор афтодаст,
Дар тори мӯят чангу ғубор афтодаст.
Гуфтум, ки дар он суфа сар мемонум,
Дидум, ки дар он суфа мазор афтодаст.

Дар фасли баҳор гул ба дастум додӣ,
Дар айни ҷувониҳо шикастум додӣ.
Ман даст ба домани ту кардум ба умед,
Ту косаи номедӣ ба дастум додӣ.
Дари хонат ҳавлӣ кашидӣ ба миён,[1]

---

1 Гӯянда: Ҳаким Сайфов (1958), сокини деҳаи Систи водии Ғорон. Гирдоваранда: Хадича Ҷалолова, соли 2013.

Гоҳе худакат шинию гоҳе меҳмон.
На вақти нишастани ту шуд, на меҳмон,
Худат рафтию ҳавлит монда ҳайрон.

Кӯҳи Ғорон чӣ кӯҳи оин бошад,
Дар ҳар дарааш эчаи шо(х)ин бошад.
Дар ҳар дарааш гулҳо шукуфтан(д) чапу рост,
Дил дар сари ёраки Ғороним бошад.

Бар кӯҳи Ғорон аён-аён мегузарӣ,
Бо корду камон дар миён мегузарӣ.
Ду ҷура сагон дорӣ, бо майли шикор,
Ту дар назарум чу паҳлавон мегузарӣ.

Кабутари сарсафеди болуш канда,
Ғоронибача шакарлаби пурханда,
Ҳар кас, ки ба ғоронибача дил банда,
Ёдаш бикунед, ки дар ғарибӣ банда.

Аз хона баромадаст ҷавони сифатӣ,
Та(х)ҷомаи чит дораду боло фараҷӣ.
Корде да(р) миён дораду гулғунча қадӣ,
Чашмони сиёҳ дорад, абрукаҷакӣ.

Ҷонона гузашту ман надидум руша,
Дастора кашид бар хами абруша.
Гуфтум, биравум бӯса гирум аз руяш,
Метарсам аз он, ки бад набошад хуяш.

Гул дидуму гул дидуму гулҳо дидум,
Тоқини заррин бар сари Раъно дидум.
Тоқини заррин бар сари Раъно хубӯст,
Як тоқа гула ба боғ танҳо дидум.

1 Гӯянда: Мақбулшоева Мушкиноз (1945), сокини деҳаи Мулвоҷ. Гирдоваранда: Хадича Ҷалолова, соли 2013.

Духтар-духтар, ҳавот мастум кардаст,
Хок дар сари бепулӣ, ки пастум кардаст.
Ман мол надорум, ки бдем падарша,
Як шаб ба канор бигирум духтарша.

Сурхтоқибача, ту об кардӣ мора,
Як вега ба сар шароб кардӣ мора.
Як вега ба сар шароби ту дида нашуд,
Ту лоф задӣ, кабоб кардӣ мора.

Эй духтари мардумон, номи ту Айёт,
Дар гӯш аи ру(й)моли ту пурқанду набот.
Ҳар кас, ки тура саъй кунад, шӯ бдяд,
Дасти ману домани ту дар пули Салот.

Бедут бошум, такя ба бедут бошум,
Даствона ба даст(ҳ)ои сафедут бошум.
Гар хоб равӣ, такяи хобут бошум.
Бедор шавӣ, чанги рубобут бошум.

Ғоронидухтар, дар қади пастут бумурум,
Дар нозу карашмаҳои мастут бумурум.
Аргон, ки назар бар мани девона кунӣ,
Дар рӯи сафеди чашми мастут бумурум.

Қади алифут баромадаст бомунда,[1]
Сармо задаст пигаи мардонунда.
Гундушк шавӣ бигирумут ҷойунда,
Монанди ту нест водии Ғоронунда.

1 Гӯянда: Хайлоев Ҷумъахон (1911-1994), сокини деҳаи Бағуш. Гирдоваранда: Муллоев Мавлодод.

Эй бачаи Ғоронӣ, аволут штарӣ?
Сухтӣ дили мо, кабоб карди ҷигарӣ.
Ҳар раҳгузаре ояд, пурсум хабарӣ,
Ман дар ғами ту ҳалок, ту бехабарӣ.

Ай кучеки Шамбедеҳ гузаштум шомӣ,
Сесад ғазалу ду байт хондум олӣ.
Халқон меган, чӣ бало, хушхонӣ,
Ёрум рафтаст, хонамон даст холӣ.

Дар мулкаки Шамбедеҳ баромад аспут,
Дар шаҳраки Алма-Ато камон бар дастут.
Ман садқа ба наълукои сумби аспут,
Ман банда ба чушмои сиёҳи мастут.

Имсол дилум хазинаи ғам гаштаст,
Оби чашмум баҳори пурнам гаштаст.
Ай оби ду дидаюм бисозед киштӣ,
Эй давлати камбақо, чаро кам гаштӣ?

Ғофил манишин, ҳамнишинут назанад,
Ду дев шиштан, дар каминут назанад.
Ин саманди бадлаҷоми одамкушро
Оҳиста бидав, ки бар заминут назанад.

Нигоҳам бо нигоҳат тоза афтод,
Дар ин шаҳри азим овоза афтод.
Ҳанӯз дастум ба дастут норасида,
Ду чашмум бар дари дарвоза афтод.

Дар ин кӯча гули бодом дорум,
На шабҳову на рӯз ором дорум.
Навиштум бо қалам дар пушти қоғаз,
Ки ман ба ёри худ пеғом дорум.

Ватан дур асту дур аст аз вилоят,[1]
Дуоят мекунум, оӣ саломат.
Биёӣ, боз агар руят бубинум,
Ки урмонум намонад то қиёмат.

Да(р) боми баланд мебарояд ёрум,
Да(р) хона ба ноз медарояд ёрум.
Як соату як дам бушин дар пешум,
Оли мерай, ки мебарояд ҷонум.

Аз хона баромадум, ёр дар сари раҳ,
Як бӯса талаб кардум аз муи сияҳ.
Як бӯса намедиҳад аз муи сияҳ,
Ҷонукма фидош мекунум дар сари раҳ.

Имсол чӣ соли пурмаломат бошад,
Аз ёрум ҷудо шудан қиёмат бошад.
Аз ёрум ҷудо шудум, дилум месӯзад,
Ҳар ҷо бошад, ёрум саломат бошад.

Ин ёраки хуртекуки ширинсуханум,
Аз меҳру муҳаббатуш сӯхта ст ҷигарум.
Дар меҳру муҳаббати ту астум шабу рӯз,
Бар ман назаре накард, чашм(ҳ)ои тарум.

Эй ёраки ҷон, мулки Шамбедеҳ ватанут,
Шо(ҳ)ин шаваму сайл кунум дар чаманут.
Аз боиси ту гирди ҷиён мегардум,
Шояд, ки бубиниву бисузад ҷигарут.

Гундушк будум, дар тагов афтодум,

1 Гӯянда: Нисо Зайдова (1944), сокини деҳаи Шамбедеҳи Ғорон. Гирдоваранда: Муллоев Мавлодод.

Озода будум, дар азоб афтодум.
Гуфтум биравум, дона хурум, боз оюм,
Ин донара нахурда, ба дом афтодум.

Эй дӯст, ба дӯстии ту ман ҳайронум,
Чун оҳани сурх ба сари сандонум.
Бо амбури каҷ сахт гирифтӣ ту маро,
Ин теғи бурро мекашӣ бар ҷонум.

Болохона, тагӯш кабутархона,[1]
Қум-қум мекунад ду кафтари бегона.
Бегона манум, ин ҷо хари думхона,
Ман меравуму хона ба кӣ мемона.

Эй модари ҷон, бедимоғум зи ғамут,
Танҳо монум, бо кӣ бигӯ юм аламут.
Танҳо монум, Худо ки сабрум надиҳад,
Боз ояму сар занум ба ҷои қадамут.

Модарма бинед, ба банди айлоқ омад,
Монанди гули сурии яктоқ омад.
Духтарша бубин, ба ҳасрати лолаи тоқ,
Бачаша бубин, унам ба фироқ омад.

Дар лаби дарё гули пиёз рӯи даст,
Даруни дарё ёри ба ноз хобидаст.
Гуфтум, биравум, ҷеғ занум ёри ба ноз,
Дарёш бурдаст, раҳи дароз хобидаст.

Дарёра бубин, ки навниҳола бурдаст,
Нозук танұманду нозиёна бурдаст.
Нозук танұманду нозиён ёраки ман,
Паймонаш, ки пур шудаст, обуш бурдаст.

1 Гӯянда: Мирзоев Шоназаршо (1942-2013), сокини деҳаи Шамбедеҳи Ғорон. Гирдоваранда: Муллоев Мавлодод.

Дар ҳасрати рӯи ту афгор дилум,
Ай хурдани ғам захму зангор дилум.
Шодии дилум зи дарду ғамҳо пур шуд,
То охири умр ҳамеша бемор дилум.

Мепурсӣ мара, ки (ҳ)ол чун мегузарад,
Раг-раг ҷигарум ғарқ ба хун мегузарад.
Ку қоғазу ку қалам, ки ман бинвисум,
То бинвисум, ки ҳол чун мегузарад.

Сол(ҳ)ои дароз ай ғамут беморум,
Ай бахти ками худум аҷаб менолум.
Ку (ҳ)амсари меҳрубону ку ғамхорум,
Ман марги худма ба зиндагӣ менолум.

Эй апаи ҷон, ай сарут мегардум,
Ай (ҳ)алқаи гӯш у ай сарут мегардум.
Ту апаи меҳрабону ман хоҳари ту,
Ай лаъли лаби чун шакарут мегардум.

Апама бубин, ба рӯи мағзор омад,
Пояш ба даруни кафши булғор омад.
Ба нозу карашма(ҳ)ош мо ташнаву зор,
Гуё, ки табиби дили бемор омад.

Эй апаи ҷон, (ҳ)оли ғарибе дорӣ,
Не дарду давову не табибе дорӣ.
Не ёр вафо кард ба ту, не зару мол,
Зояъ ба худут, аҷаб насибе дорӣ.

Ку хоҳари меҳрубон, биёяд як бор,
Обут бидиҳад, сарта бигирад ба канор.
Аз мардуми бегона надорем озор,
Аз дасти раҳи дур надидем дидор.

Ай роҳи дароз суворит осон омад,
Тоқини сарут ба боди ларзон омад.
Тоқини сарут гулуш гули олуча,
Эй бачаи ҷон, куҷо шудӣ ай кӯча?

Дар пуштаи тар ҷувони зебо хобуст,
Дил ай ғами ӯ чу кузаи зардобуст.
Ҳар гоҳ, ки ба ёди мо меояд ӯ,
Дил месӯзаду дида ғарқи обуст.

Борони баҳору дидаи намнокут,
Борон борад, сабза дамад дар хокут.
Ку хешу табор, сабзара обуш бидяд,
Шаҳр(ҳ)о гаштӣ, оқибат дар хокут.

Эй бачаи ҷон, ту лолаи саркӯҳӣ,
Дар байни бачо фақат худут хушруӣ.
Баҳор шуду гулҳо шукуфтан чапу рост,
Мечинем аз он гулҳо, ки ту мебӯӣ.

Чархи фалако, пур шуда паймонаи мо,
Обод нашуд манзили вайронаи мо.
Кишти ҳама саркашидаву дона гирифт,
Афсӯс зи киштукори бедонаи мо.

Модар, ки тура шоҳи ҷаҳон сохта буд,
Номи тура Ҷамшеди ҷаҳон дохта буд.
Абрӯи тура тиру камон сохта буд,
Баҳри худукуш сӯзиш и ҷон сохта буд.

Ин дард чӣ дард, ки қапидаст сарша,
Ку дӯсти азиз, хабар кунад модарша.
Ку модари меҳрубон, бигирад сарша,
Нуқрози аҷал буридаст болу парша.

Нолӣ, нолӣ, ай нолишут беҳолӣ,
Гундушки заиф дар сари деворӣ.
Ку бачаи гумгаштаву бе ному нишон?
Ғилчҳои ура то мурданут менолӣ.

Ту булбули мастиву макон гум кардӣ,
Ҳам тиру туфангу ҳам нишон гум кардӣ.
Ин хешу табор ба ту маломат накунанд,
Фарзанди шаҳиди пурармон гум кардӣ.

Ин Кӯҳи Лаъл ба кӯҳи Зок афтодаст,
Ин мутриби мо ба зери хок афтодаст.
Ин мутриби мо мудом дар маърака буд,
Ай мобайни мутрибон ҷудо афтодаст.

Ҷои рафтат бунафшазори Балхуст,
Ай мурдани ту ёру бародар талхуст.
Ин ёру бародар ҳама дар ёди туанд,
Гуфтори тура мегану саршон чархуст.

Ай лоларухон гули суман мемона,
Ай булбули хушхон чаман мемона.
Рубоб да сутун ай ту бимонад сол(ҳ)о,
Рафтай туву рубоб нишон мемона.

Ин кутали Кӯҳи Лаълат ай кард мутриб,[1]
Рафтан(ҳ)ои маъракара бас кард мутриб.
Гуфтем, мутриб, биёю дар маърака бош,
Ай ҷаври аҷал гуфторша қатъ кард мутриб.

1 Гӯянда: Қурбоншоева София (1956), сокини деҳаи Дашти Ғорон. Гирдоваранда: Ҷалолова Гулбика.

Эй хости Худо, тақдири пастум додӣ,
Дар айни ҷавониҳо шикастум додӣ.
Бахти ҳамаро ту шоду хуррам додӣ,
Бахти мани бечораро ай ғам додӣ.

Садбаргаму садпора шудум дар ғами ту,
Девонаю рангзард шудум дар ғами ту.
Аз гардиши чарху ҳам ситамҳои фалак,
Хокистару ахгард шудум дар ғами ту.

Ман модари маст будум, макон гум кардум,
Ҳам тиру туфангу ҳам камон гум кардум.
Ман гирди ҷаҳон аз ин сабаб мегардум,
Ду бачаи хушрӯи пурармон гум кардум.

Дар ғурбат агар марг расад бар баданум,
Оё кӣ канад гур, кӣ дузад кафанум.
Тобути маро паҳлуи бачом монед,
Шояд, ки расад бӯи бачом бар баданум.

Ситораи равшанма куҷо кардӣ, фалак?
Субҳро дар миёни шом ҷудо кардӣ, фалак.
Дорам, фалак, аз ту то қиёмат гилае,
Ай бачои ширинум ҷудо кардӣ, фалак.

Ин моҳра бубин, дар осмон нимкола,
Нимуш гули арғувон, нимуш лола.
Лола ба даруни худ сиёҳӣ дора,
Бачама бинет, аз му ҷудоӣ дора.

Ғаме дорум, зи муи сар зиёда,
Ғами бачам ба ҷони ман фитода.
Ғами бачам зи ёди ман намера,
Ки ғам чобуксавору ман пиёда.

Кавгак ба сари пушта танобум кардаст,
Ғамҳои бачом аҷаб харобум кардаст.
Яксу ғами мурданшон, яксу ғилчошон,
Мурдан расмуст, ғилчошон доғум кардаст.

Ҷонум таи хок, бачои ҷонум таи хок,
Ин навдои беди гулфишонум таи хок.
Сад ҷомасафед, пиру ҷавонон таи хок,
Ин бачои кудаки пурармонум таи хок.

Шабҳо ба алам, рӯз ба ситам мегирям,
Аз дасти бачом пуралам мегирям.
Мегирям зору менависам ба қалам,
Аз гиряи зори ман қалам мегиряд.

Нодидани ру(й)тон беморум кард,
Савдои ру(й)тон ба ғам гирифторум кард.
Дар хобуки шаб агар ба ёдум бизанед,
Сад ханҷари ғам аз хоб бедорум кард.

Имсол фалак хокотона мебезад,
Хун аз ҷигарум шому саҳар мерезад.
Тири ғам(ҳ)отон чӣ сӯзиш ҳое дорад,
Умрум ба мисли барги дарахт мерезад.

Дунё барбод, кори дунё барбод,
Лаънат ба касе, ки дил ба дунё биниҳод.
Ҳар кас, ки дар ин хирмани мо мекуна бод,
Коҳаш ба замин резаду донаш барбод.

Ин рӯ тоқуст, он рӯ ниҳоли тоқуст,
Рухсораи хушрӯи бачам дар хокуст.
Хокуст, хокуст, ҷиекшон ғамнокуст,
Ин ҷиеки бечораш гиребончокуст.

Имрӯз дилум намекушояд бе шумо,
Сад шаҳд хурам заҳр намояд бе шумо.
Дар ҳолати ташнагӣ лаби оби равон,
Ин оби ширин талх намояд бе шумо.

Гул дидуму гул дидуму гулдон дидум,
Ин бачои хушрума да(р) хокдон дидум.
Да(р) хокдони торики пурармон дидум,
Ин ҷияи бечорашон айрон дидум.

Гирён чашмум, ки жола меборад аз он,
Бирён ҷигарум, ки нола меояд аз он.
Кас нест, ки саҳрои дилма сайл кунад,
Ғамҳои ҳазорсола меояд аз он.

Дарё, ки калон меравад, ҷӯшаш ман,[1]
Оташ, ки аланга мезанад, дудаш ман.
Оташ, ки аланга мезанад пинҳонӣ,
Зардоби дили пурғама кай медонӣ.

Бодоми лабат писта надидему гузашт,
Худ мову тура шишта надидему гузашт.
Ман қади тура ба гул имоят кардум,
Ҳам рӯи тура сер надидему гузашт.

Шаҳр(ҳ)о рафтӣ ту бачаи нодонӣ,
Дар байнуки шаҳриё ту дармемонӣ.
Дармемонӣ, даста да(р) сар мемонӣ,
Чанд вақти дигар маси ватан менолӣ.

1 Гӯянда: Шодмонбекова Марзия, сокини деҳаи Дашти Ғорон. Гирдоваранда: Ҷалолова Гулбика

Имсол чӣ соли футабандон омад,
Шуд қаҳри Худо, марги ҷавонон омад.
Эй хок, ту хуш бош, ки меҳмон омад,
Як қабзагули сурхи пурармон омад.

Долони баланд, соҳиби раънои ту ку?
Рафтум ба чаман, ҷои тамошои ту ку?
Рафтум ба чаман, гулҳо шукуфтан чапу рост,
Эй дашти калон, зиннату зебои ту ку?

Ҷононаи мо, ту рафтаӣ ғамзакунон,
Ай ғамзаи ту сер нашуд ин дилу ҷон.
Урмон дорем, ки боз биёӣ ба ҷиён,
Ҷонона ту рафтию мо мондем ҳайрон.

Ай дасти ту парвонаи бепар гаштум,[1]
Сӯхтаст ҷигарум, кабоби ахгар гаштум.
Сӯхтаст ҷигарум, кабоби сузон дили мо,
Дар фикру хаёли ту қаландар гаштум.

Субҳ дамидасту дилум ғамзадагӣ,
Дос да(р) барукум, ба сӯи гандумдаравӣ.
Меган, ту нарав, додарут тез меоя,
Дар сандуқи сурх рез-марез меоя.

Чашмут бипариду абруят бозӣ кард,
Дӯстут бигиристу душманут шодӣ кард.
Эй душмани ман, макун ба маргам шодӣ,
Ту ҳам бимирӣ, на оҳану пулодӣ.

1 Гӯянда: Мирзоева Фариштамо (1930), сокини деҳаи Дашти Ғорон. Гирдоваранда: Ҷалолова Гулбика.

Ин раҳи Делох раҳи рафтуои мануст,
Ҳар сангу хору хасуш ғаму оҳи мануст.
Ҳар чубу хаси ура ба чушм мемолум,
Дар синаи хоки у, ҷияи ҷони мануст.

Дар боғи калон меваи тар мебинум,[1]
Дар ҳавлии зебои падар мебинум.
Ку модару ку падар, куҷо соҳиби боғ?
Сад ханҷари теза дар ҷигар мебинум.

Эй духтари ҷон, бо ту озорум нест,
Дилгир дилуму забони гуфторум нест.
Маро бибаран(д) бе ту ба саҳрои биҳишт,
Саҳрои биҳишт бе ту даркорум нест.

Эй Седини ҷон, раҳи баробар дорӣ,
Кӯҳ ҳои васею каҳҳои анбар дорӣ.
Мардуми Ғорон дар ҳасрати Сединанд,
Афсӯс, ки раҳи дура дар бар дорӣ.

Эй Ғорони ҷон, рангу ба рангут бинум,
Гулҳора ба кӯҳи сарбаландут бинум.
Гул мечинум, бунавшаи хушбута,
Дар хоб худма ба рӯи бандут бинум.

Армон, ки ба Седин айлоқ бошум,
Ҳамсоя ба Оинамоҳи сартоқ бошум.
Аз Гавҳари бемехр надорум гилае,
Му такя ба хасмон(х)ои айлоқ бошум.

---

1 Гӯянда: Ғуломасайнова Гулхотун (1970), сокини деҳаи Дашти Ғорон. Гирдоваранда: Ҷалолова Гулбика.

Аз дасти ҳавои бад нолон моем,
Дар шолаи Седин намоён моем.
Эй Седини гулпуш, надорӣ ҳезум,
Бо поруби тар гӯш наву ҳайрон моем.

Эй бехабарон, хабар баред ай мурдан,
Ай моли ҷаҳон ичи нахоҳед бурдан.
Ай моли ҷаҳон ба мо расад як кафанӣ,
Он ҳам ба гумон, ки мебарӣ ё набарӣ.

Додар, чӣ хуш асту номи додар чӣ хуш аст,
Тобути апа ба китфи додар чӣ хуш аст.
Дар сабза бимон, ҷаноза хонад додар,
Дар хок бимон, фотиҳа хонад додар.

Дар раҳаки дур мисоли гард афтодем,
Аз хурдани ғамҳо ба дард афтодем.
Аз хурдани ғамҳо намурдем ҳаргиз,
Носуда будем, ба ранги зард афтодем.

Дунёра мисоли кӯҳи ларзон дидум,
Худро ба аҷал мушту гиребон дидум.
Шерони Худо куҷо шудан(д), медонем,
Аз дасти аҷал халқагурезон дидум.

Маргук, ту ҳазор хона вайрон кардӣ,
Чандин ҷони ҷувона беҷон кардӣ.
Ҳар гавҳари пурқимат, ки омад ба ҷиён,
Бурдиву ба зери хок пинҳон кардӣ.

Гармчашма дар асл биҳишт дар Ғорон аст,
Сарсабзу базеб зи арчаю торон аст.
Саршор дилам ҳам ази обаш бошад,
Савганд ба Худо, ҷои ҷавонмардон аст.

Ғорон, ту бо чашмаҳои худ пайдоӣ,
Бо чашмаи Гарму Жунду Ғорҷ зебоӣ.
Ҳар рӯз кунем саҷда мазор(ҳ)ои туро,
Аз ростӣ, ки биҳишт дар дунёӣ.

Ғорон, ҳама вақт ба барфу борон астӣ,
Дар асл макони номдорон астӣ.
Лаъл дар бағалу чашмаҳот муъҷизаанд,
Сад шукр кунам, фахри Бадахшон астӣ.

Ман сайри баҳору боғ бе ту наравум,
Ман домани боғу роғ бе ту наравум.
Чун булбули маст меравӣ ёри азиз,
Ман карда туро суроғ, бе ту наравум.

Имсол ду кӯҳ ра сар басар мебинум,
Навхатбачама сари сафар мебинум.
Навхатбачама ақлу фаросат бошад,
Пайғому салом ба ӯ чӣ (ҳ)оҷат бошад.

Роҳ мегардум ба роҳи як шохчазамин,
Эй модари ҷон, аҳволи духтарта бибин.
Гар нашносӣ, куртаи рангин дорад,
Як рангаки зарду дили ғамгин дорад.

(Ҳ)айфи умрум, будаву нобуда гузашт,
(Ҳ)айфи умрум, салоти беҳуда гузашт.
Аз рафтани умрукум аҷаб бехабарум,
Носуда умрум ба ғам(ҳ)о олуда гузашт.

Духтар, ки ту меравӣ, ба дӯстут куза,
Оҳе, ки ту мекашӣ, дилум месӯза.
Аз лаъли лаби ту гар бигирум бӯса,
Сесад рагу пай ҷудо-ҷудо месӯза.

Эй духтаракум, рафтию хорум кардӣ,
Ба духтари мардумон зорум кардӣ.
Бо ҳам, ки будем, шодмонӣ кардем,
Афсӯс, ки хоки кӯчасорум кардӣ.

Эй беди баланд, ба боди ларзон наравӣ,
Эй духтаракум, ба шаҳр пинҳон наравӣ.
Бо ҳаққи ҳамон мазор дар мулки шумо,
Қавле, ки ту кардаӣ, пушаймон наравӣ.

Маҳтобшаб асту ман ба хоби мастум,
Як нодирае гирифт банди дастум.
Гуфтум, ки шаба рӯз кунум дар пешуш,
То субҳ бидамид, гул парид аз дастум.

Хандон-хандон ба бод додем тура,
Гирён-гирён кушо бишурем тура.
Ту нуқра шудӣ, ба дасти заргар рафтӣ,
Симоб шавем, кушо бишурем тура.

Афсӯс ай ин дил(ҳ)ои кулфатмандум,
Дастори сарша фута ба миён бандум.
Дастори сарут ба хуни дил олуда,
Кай ман бимурум, ки бишавум осуда.

Он раҳ, ки ту меравӣ, рег асту дурушт,
Як рахнара гул бипошум, як рахнара мушк.
Не тоқати гул доруму не тоқати мушк,
Оё чӣ кунум, доғи ҷудогит мура кушт.

Эй модари ҷон, модари дилсузум,
Ғамхору ғамгусору ҳам дилсузум.
То он ки будӣ, сухтӣ аз ба(ҳ)ри ман,
Оли сари хокдони ту месӯзум.

Имшаб чӣ шабаст, мисли чароғ месӯзум,
Ба бачаи ҷон куртаи нав медӯзум.
Сузан шиканад ба нуги най медӯзум,
Ресмон биканад ба муи сар медӯзум.

Як дона дуррам ба лолазор уфтодаст,
Абруш ба қалам, мижаш хумор уфтодаст.
Руяш ба мисоли моҳ, қоғаз бадануш,
Бо гирди лабуш холи қатор уфтодаст.

Модар дигаруст, сӯзиши модар дигаруст,
Дар меҳр уқоби ҷуҷапарвар дигаруст.
Модар бимурад, падар пиандар гардад,
Рӯзи сияҳи фарзанд сияҳтар гардад.

Бачекма бубин, ба банди айлоқ омад,
Монанди гули лола худуш тоқ омад.
Модарша бубин, ки оҳ кашидаст ба фироқ,
Ҳарду хоҳар(ҳ)о дар (ҳ)асратуш тоқ омад.

Ҳаргиз ба дилум набуд, ки ҷое биравӣ,
Себи бағалу гули канорум биравӣ.
Ин шохи чаман шикасту афгорум кард,
Ин дарду ғамут охир беморум кард.

Субҳ бидамиду мо даруни хокем,[1]
Печида кафан ба синаи афлокем.
Гуфтем, намурем, сабзаро об диҳем,
Ин сабза дамиду мо даруни хокем.

Офтобуки сари ниҳол беҳолум кард,

1 Гӯянда: Муллоева Нурсултон (1936), сокини деҳаи Қозидеҳ.
Гирдоваранда: Қучқорова Раъно.

Марги бачаи ҷувон беморум кард.
Марги бачаам мисоли сад ханҷари тез,
Сад ханҷари тез бизаду афгорум кард.

Ширин туву ширин туву ширин номут,
Ширин саллабастани лаби дигдонут.
Зангори сиёҳ аломати беморӣ,
Зангори сиёҳ гирди лабу дандонут.

Дами мулкуки Баршор фитодум танҳо,
Ба ҳар паҳлум нига(ҳ) кунум санг(ҳ)ои сиё(ҳ).
Не чораву не илоҷ, эй бори Худо,
Ин боғ биёбону ман зоғи сиё(ҳ).

Маҳтобшаб асту ман паси хонаи ту,
Гӯш (ҳ)ом нашунид садои ҷононаи ту.
Ҳарчанд гӯш андохтум, наомад овозут,
Барканда шудаст пои ман аз хонаи ту.

Бачом гуманду ғамгусор(ҳ)ом гуманд,
Бачои базебу зеби хоном гуманд.
Халқо меган, бубин, ки девона шудаст,
Девона манум, ҳар се бачеком гуманд.

Он роҳ, ки рафтаед, аҷаб борик аст,[1]
Он ҷой, ки хоб кардаед, аҷаб торик аст.
Он ҷое, ки рафтаед, намеоед дигар,
То охири умр доғ мондед ба ҷигар.

Саркӯҳи буланд ба дав-давон омадаям,
Аз ҷаҳти ёри меҳрабон омадаям.
Ман омадаям, ки ёр дар хона набуд,
Шемон шудам, ки ман чӣ кор омадаям.
Афсӯс, ки як лаҳза дилум шод нашуд,
Дар чоҳ фитодаюм, ки фарёд нашуд.

---

1 Гӯянда: Сафарова Подшо (1925), сокини деҳаи Баршор. Гирдоваранда: Қучқорова Раъно.

Кас нест, шунавад аҳволу ҳоли зорум,
Сад нола кунум, намешнавад дилдорум.

Ҳар кас, ки Алӣ шинохт, диндор бувад,[1]
Аз кулли бало Алӣ нигаҳдор бувад.
Ҳар кас, ки адовати Алӣ дар дили уст,
Дар дузахи ҳафтумин гирифтор бувад.

Сабзоширини гулнигин бахмали ман,
Худ медонӣ, зарур шудаст рафтани ман.
Аз рафтани ман ту ғам махур, дилбари ман,
Ин ҷо дили ту харобу он ҷо дили ман.

Ман мераваму нигори ман мемона,
Сабри дили беқарори ман мемона.
Ҷуғзе ба сари кулбаи ман омаду гуфт,
Ин кулбаи вайрона ба мо мемона.

Ёрон, ёрон, шумо аҷаб ёронед,
Ёрум рафтааст, шумо намегардонед.
Гар гардонед, ба хонамон расонед,
Мо медонем, шумо мусулмононед.

Афсӯс, ки марҷони нигинум рафтаст,
Лаъли чаману нуқранигинум рафтаст.
Халқои ҷиён, маро маломат накунед,
Аз бахти бадум кавги зарринум рафтаст.

Муллобачаи баландқади сустфута,
Меҳроби дари масҷиду меҳри кӯча,
Як бор бигардон ту рухи гулдаста.
Гул ай қади ту резаду мушк аз фута.

Бо роҳи баробарӣ кардӣ ғамза,

1 Гӯянда: Бобоков Ғуломалӣ (1928), сокини деҳаи Бағуш. Гирдоваранда: Қучқорова Раъно.

Чиндум сари зулфи ёру бандум дарза.
Аз ҷаҳти ҳамон ёраки пур аз ғамза
Бастум дарза, банди дилум меларза.

Боло мерай, боло шамол(ҳ)о дора,
Гул мешукуфа, лола тамошо дора.
Савдогара бин, молоша савдо дора,
Ғамгин дили мо, беғам чӣ парво дора.

Ёрукма бигӯ , ки ёр мегирум ман,
Мехонуму ихтисос мегирум ман.
Аз гап-гапи мардумо надорум парво,
Хушкардама рӯи рост мегирум ман.

Моҳи нава бо лангари боло дидум,
Гӯш вори зара ба гӯши Раъно дидум.
Гӯш вори зара ба гӯши Раъно чӣ хуш аст,
Охир сари бевафома танҳо дидум.

Дар хона даромадум, маро мор газид,
Аз нолаи ман хона ба фарёд расид.
Мардум меган мусофира мор газид,
Аз толеъи бад сарум ба девор расид.

Дар боғ будум, бӯи ту бар боғ омад,
Як гул кандум, номи ту бар боғ омад.
Як гул кандум, варақ – варақ гардондум,
Ин ҷигари сӯхта гим ба сад доғ омад.

Гандуми кабуд дар тагов афтодум,
Беақл будум, ки дар азоб афтодум.
Гуфтум, биравум, дона хурум, боз парум,
Як донаи нохурда ба дом афтодум.

Аз шаҳраки дур гули анор овардан(д),

Сесад гули сурхи панҷадор овардан(д).
Сесад гули сурхи панҷадор бӯи ту нест,
«Шаҳмард»-и тура, ки шаҳсавор овардан(д).

Ин табли ҳаво бар ин ҳаво барзаду рафт,
Ин хайма ба дашти Карбало барзаду рафт.
Халқони ҷаҳон аз ин бало метарсанд,
У даста ба домани бало барзаду рафт.

Дар шаҳраки дур ниҳоли якдона худут,
Бо рангаки зард аҳволи бечора худут
Душман ба сарут, ҳазор душман ба сарут.
Аз ҷавраки душманон овора худут.

Фарёд аз ин дил(ҳ)ои кулфатмандум,
Дастори сарут бошаду дилма бандум.
Дастори сарут ба хуни дил олуда,
Кай мемураму дилам шавад осуда.

Ин гул чӣ гул аст, гирди гиребони мануст,
Ҳар ҷо биравӣ, доғи ту дар ҷони мануст.
Ҳар ҷо биравӣ, оби равон пеш ояд,
Ин оби равон дидаи гирёни мануст.

Се моҳи муаррамай, ки ғоиб шудаӣ,
Бо мардуми бегона ту моил шудаӣ.
Дар мулкаки мардум(ҳ)о хариди хона,
Оё ба кадом шаҳр мусофир шудаӣ.

Эй беди баланд, дар лаби дарёӣ,
Шиштум ба умед, ки рафтаӣ, меоӣ.
Гар боз оӣ, бахти туву давлати ман,
Ҳаргиз накунӣ ҳавас бар подшо(ҳ)ӣ.

Ай дӯст, ҳамеша бедимоғум зи ғамут,

Танҳо шинум, бо кӣ бигӯ юм аламут.
Танҳо шинум Худо, ки сабрум надиҳад,
Боз оюму сар ниҳам ба хоки қадамут.

Ай мулки падар сабо(ҳ)и мардон рафтӣ,
Бо сад аламу дидаи гирён рафтӣ.
Аз ҷаҳти бародарони каммеҳру вафо,
Охир ба ғарибиҳо пурармон рафтӣ.

Саркӯҳи баланд об надорад, чӣ кунум?
Ду чашми сарум хоб надорад, чӣ кунум?
Ду чаши сарум роҳи тура менигара,
Дер омадаӣ, ҷавр ай сарум мегузара.

Рӯзе,ки сарум дард кунад, нола кунум,
Ру(й)ма тарафи кадом бегона кунум.
Бегона агар ҷавоби талхум бидиҳад,
Гирён шавуму рӯ тарафи хона кунум.

Сарчашма хунук, оби сарчашма хунук,
(Ҳ)айфи қади нозукут дар ин хоки хунук.
Ай хок, ту хуш бош, ки меҳмон омад,
Садбарги шукуфтаи пурармон омад.

Чашмам ба раҳи омаданут чор шудаст,
Гулҳои ҷиён дар назарум хор шудаст.
Гулҳои ҷиёна бу кунум, бӯи ту нест,
Сад шаҳра ба шаҳр гаштум, монанди ту нест.

Ай майдагулум, гуле ба буют нарасад,
Румолаки мушкинут ба руют нарасад.
Дар шаҳри афғон хубру бисёр аст,
Ҳеҷ гуна касе ба тори муют нарасад.

Аз рафтанакут сари дилум сухт басе,

То омаданут гапе надорум ба касе.
Ту қабзаи оташиву ман мушти хасе,
месӯзаму дам намезанум пеши касе.

Имсол маро задӣ ба чуби ахман,
Шарманда кардӣ ба пеши дӯсту душман.
Гуфтам, ки гурезам, аз вилоят биравум,
Не дӯст бубинад, на бихандад душман.

Дарёи калону марди доно аҷаб аст,
Гул коштану хор буридан аҷаб аст.
Булбул ба қафас, қафас даруни оташ,
Оташ сузад, қафас насузад, аҷаб аст.

Ай хонаи худ нигоҳ кунум хонаи ту,
Мардум ҳама ҳушёру ман девонаи ту.
Мардум ҳама ақлу ҳуш дар сар доран(д),
Ақлу ҳуши ман ҷамоли ҷононаи ту.

Ай бачеки рез-марезум, як рез биё,
Аспут гули бодому ҷилаврез биё.
Аспут гули бодому худут нуқраи хом,
Як бонек ба худ бисозу бархез биё.

Э бачеки дуринаи дури назарум,[1]
Абрешуми шашторaи банди ҷигарум.
Ҳар гаҳ, ки ба амсолои ту ман менигарум,
Об аз дида мерезаду хун аз ҷигарум.

Дар Қундузу Толиқон дили ғамгинут,

---

1 Гӯянда: Раҳмонбекова Мобегим (Борон), (1933), сокини деҳаи Вогз. Гирдоваранда: Муборакшоева Зарнигор, соли 2013.

Шаб(ҳ)ои дароз ду пои дар занҷирут.
Як рӯз агар Худо марҳамат бикунад,
То рӯз шавад, ила шавад занҷирут.

Ин чархи фалак боғи мура вайрон кард,
Андар дили мо оташи ғам гирон кард.
Ин ҷавру ситам, ки бар сарум кард фалак,
Ин умри мура ба хоки нам яксон кард.

Эй чархи фалак, чарха ба мо сохтаӣ,
Ҷон дар тани мо амонат андохтаӣ.
Бо ҳукми Худо, ки мебаран(д) хонаи нав,
Ин хонаи беравзан ба мо сохтаӣ.

Ай хона баромадум, дилум ҳайронуст,
Чашмам ба раҳу забони ман ларзонуст.
Ними ҷигарум пухтаву нимуш хомуст,
Ними дигарум ба мурданут ҳайронуст.

Булбул ба чаман нолакунон омаду рафт,
Дар шохаи гул сабр наёмад, нанишаст.
Булбул ба забони ҳол бар мо мегуфт,
Ин зиндаҷудоӣ ба сари чандин аст.

(Ҳ)айфи гулукум, гулум гули гулдаста,
(Ҳ)айфи қадукуш ба хонаи дарбаста.
Аз он, ки уро бурдан ба хоки туда,
Санг донаду хоку қолиби носуда.

Як субҳ баромадему рафтем ба роҳ,
Бе тушаву бе музаву бе ҳамраҳи роҳ.
Танро ба замин супурда, ҷонро ба Худо,
Ин қомати нозанин бар хоки сиёҳ.

Ин марг ҳазор хонаро вайрон кард,

Чандин ҷавона ҷонукуш беҷон кард.
Ҳар гавҳари қиммате ҷонуш бигирифт,
Партофт зи по, ба хокушон яксон кард.

Оюм ба раҳи рафтаат, фарёд кунум,
Сад оҳу фиғон аз дили ношод кунум.
Фарёд кунум, садо наояд аз ту,
Хок(ҳ)ора бигирум, ба сарум бод кунум.

Чодар чилу чору барги чодар чилу чор,
Зардинаҷувон дар таги чодар бемор.
Зардинаҷувон миёни олам тоқ аст,
Асли ватани ӯ аз кадом қишлоқ аст.

Чубе, ки ба дасти мутрибон дод фалак,
Камона ба дасти паҳлавон дод фалак.
Сайде, ки ба як тир муяссар нашавад,
Ғамро ба дили пиру ҷавон дод фалак.

Андар саҳарон лоларо шабнам зад,
Гул гашт хазону булбулонро ғам зад.
Ай бохабарон, хабар баред сӯи фалак,
Айёми ҷавониро фалак барҳам зад.

Ёрону бародарон, маро ёд кунед,
Шотуи маро зи чуби шамшод кунед.
Бо гул бандеду бо суман бод кунед,
Бар хоки хунук монед, фарёд кунед.

Дар кӯчаи Ғорон гузарум афтодаст,
Санг аз паси санг бар сарум афтодаст.
Аз даҳшати барфу тармаву чархаву сел,
Ай дида ба рӯ ашки тарум афтодаст.

Модар, ки туро зеби ҷаҳон сохта буд,[1]
Абрӯи туро мисли камон сохта буд.
Чашони сиёҳи мисли оҳу доштӣ,
Туро ба худуш душмани ҷон сохта буд.

Он ҷо, ки туӣ, бунафшазори Балхуст,
Ин ҷо, ки манам, мудом шомум талхуст.
Шаҳде, ки ту мехурӣ, маро ёд бкун,
Оё чӣ кунум, замину осмон сахтуст.

Он раҳ , ки ту рафтаӣ, аҷаб борикуст,
Шоме, ки ту хуфтаӣ, аҷаб торикуст.
Он роҳ, ки ту рафтаӣ, раҳи Маҷнунуст,
Ай он, ки ту рафтаӣ, дилум пурхунуст.

Ин раҳаки мусофирӣ каҷу печонуст,
Дур рафтани духтарум балои ҷонуст.
Мардум меган, ки рафтануш осонуст,
Осон нестай, чу дарди бедармонуст.

Ёрум дур асту хат равонуш букунум,
Як даста гула баста равонуш букунум.
Як даста гули баста ба пешуш нарасид,
Худма ба даруни хат равонуш букунум.

Эй бачаи ҷонум, ба ту дилгир шудум,
Дер омадиву дар ғамукот пир шудум.
Ман пир шудум, нарафт ғамут ай дили му,
Розӣ ба нависандаи тақдир шудум.

1 Гӯянда: Асадбекова Садбарг (1939), деҳаи Вогзи Ғорон
Гирдоваранда: Муборакшоева Гулнор, соли 2012

Эй шоҳ, зи насиятат дилам хурсанд аст,
Бозичаи кудакони дунё фанд аст.
Ҳаргиз ту набанд дил ба дунёи дағал,
Як риштаи ҷони одамӣ фарзанд аст.

Об аз лаби дарёчаи Ғорон резад,
Кабк аз камару кӯҳ ҳои Ғорон хезад.
Мо лоф задем, ки мо ҷавонӣ дорем,
Дар хоки сияҳ, муи ҷавонон резад.

Гули лолам ба кӯҳи Зок афтодаст,
Як найшакарум ба зери хок афтодаст.
Ин найшакарум мудом ғурбатзадагӣ,
Дар косаи шарбатум хок афтодаст.

Ҷоҳо ҳама ҷо, манзилу маъвои ту ку?
Рафтум ба чаман, ҷои қадам(ҳ)ои ту ку?
Рафтум ба чаман, гулҳо шукуфтан ҳар сӯ,
Нолум зи фироқ, ҷои тамошои ту ку?

Ман булбуламу майли гулистон дорум,
Не фикри тамусу не зимистон дорум.
Ҳар ҷабру ҷафое, ки биёяд ба сарум,
Ман такя ба пирони кӯҳи стон дорум.

Мо масту ту масту ҳам ҳарифон ҳама маст,
Мо май хурдем, пиёла афтоду шикаст.
Ай бор Худо, пиёларо пайвандон,
Аз дӯстаки ман ниҳол афтоду шикаст.

(Ҳ)амчун шудаӣ гандумаки зард ба дашт,
(Ҳ)айфи умрут, ки дар ғарибӣ бигӯ зашт.
Ай хешу табор ёд накардӣ ҳаргиз,
Моро алами замона бисёр гузашт.

Дар шуразамин булбули нолон моем,
Дар гиря ба мисли абри борон моем.
Чашми ҳама кофару мусулмон ба ватан,
Дур аз ватану ҷудо зи ёрон моем.

Дар дашт будум, қатраи оташ дидум,
Аз додари меҳрубон хабар нашнидум.
Омад касе, ки додаратро дидум,
Ман нимаи умри худ ба вай бахшидум.

Гунҷишкаки ман миёни санго пар-пар,
Ин бачаи хуртекукма шаҳро ту мабар.
Шаҳро мерай, ба ман гули лола бухар,
Дар қоғази зар мушка печонда бухар.

Шом омадаюм, намози шом омадаюм ,
Дар пеши дарут мисли ғулом омадаюм.
Зардинаҷавон, нишастаӣ дар хона,
Як бор баро, ки ман салом омадаюм.

Тутӣ ба сари гулоб мебинам ман,
Худма ба дили хароб мебинам ман,
Эй тутии сабз, туро кадом бод овард,
Ин ҳам ғалат аст, ба хоб мебинам ман.

Ай дарду ғамот дам ба дам месӯзам,
Монандаи чуби тар ба нам месӯзам.
Фарёд занум, гирди вилоят гардум,
Носуда танум, ки дар кафан месӯзам.

Дунё ба мисоли духтари орус аст,
Монандаи шамъ дар сари фонус аст.
Писар, ки гапи падар нагирад, аҷаб аст.
Безорам аз он писар, ки беномус аст.

Аз кутали Толиқон касе тер нашуд,
Аз мурдани одамӣ замин сер нашуд.
Гуфтум, биравум пеши фалак дод кунум,
Мурдан фарз аст, чаро ҷавон пир нашуд?

Сарчашма баланду боғу бӯстон ватанум,
Оё кӣ кунад гӯр, кӣ дузад кафанум?
Кирмони лаҳад, ки меканан тан-баданум,
Ин хуни сиёҳ мечакад андар кафанум.

Ман мемураму хокум кунед дар Барбар,
Фардо сари хоки ман биёяд духтар.
Эй духтари ҷон, чаро ту дер омадаӣ,
Ман зинда намешавам ба сад соли дигар.

Имсол барои мо чиҳо кард фалак,
Руза зи миёни шаб ҷудо кард фалак.
Дорум ба фалак то ба қиёмат гилае,
Дӯстдора зи дӯсти ӯ ҷудо кард фалак.

Пудинаи лаби ов, хуш меваи тар,
Ру ҷониби ман дориву дил ҷои дигар.
Дилут, ки ба ман намебуд аз рӯзи азал,
Чаро ту дили сӯхта ра кардӣ хабар.

Субҳ, ки бидамид, қасди бедорӣ кун,
Бархезу ба даргоҳи Худо зорӣ кун.
Дар кӯҳ наработ на пир монад, на ҷавон,
Аз гӯш аи охират хабардорӣ кун.

Чашмат наҷаф аст, даври чашмат наҷаф аст,
Ҳар кас, ки туро бинад, насузад, аҷаб аст.
Булбул ба қафас, қафас даруни оташ,
Булбул сузад қафас насузад, аҷаб аст.

Қадат ба мисоли ғимчаи лабобӣ,
Муят ба мисоли чангаки мурғобӣ.
Гуфтум, биравум, даст кунум мурғобӣ,
Чангак бишикасту дастум мондаст холӣ.

Қади алифум мудом хам бошаду хам.
Андар дилукум ҳамеша ғам бошаду ғам.
Дунёра агар дубора ғалбел занум,
Монанди ту нозанин кам бошаду кам.

Саркӯҳи баланд қабои зар гум кардум,
Шаҳбози сафеди резапар гум кардум,
Шаҳбози сафеди резапар гирён шуд,
Баргард биё, ки хонекут вайрон шуд.

Эй дӯст, ба дидори шарифи ту қасам,
Бо ҳар сухану табъи латифи ту қасам.
Бовар накунӣ аҳду қасамҳои маро,
Бар ҳар сари дандони зарифи ту қасам.

Мурғи сиварӣ бонг занад дар гӯш ум,
Дар Пули Сирот ақл бирафту ҳушум.
Ин косаи шарбате, ки бо ҳам хурдем,
Фардо ба таги хоки сиёҳ рупушам.

Кофарбачеке дилма ҳавоӣ кардӣ,
Сандуқи дилум пур ай рубоӣ кардӣ.
Сандуқи дилум пур ай рубоӣ бо ту,
Бемеҳр бачае, охир ҷудоӣ кардӣ.

Имсол фалак ба мо чӣ дилсузӣ кард,
Шодира гирифту ғам ба мо рузӣ кард.
У ҷомаи мардумора гулдузӣ кард,
Навбат, ки ба мо расид, сиёҳпушӣ кард.

Хуб аст Алӣ, хубруй аст Алӣ,
Зебокамари ғулғуламуй аст Алӣ.
Рӯзе, ки Алӣ ба кофаро меҷангид,
Сад найзаи Зулфиқор бо дасти Алӣ.

Рӯзе, ки Алӣ ба ҷанги Хайбар мерафт,
Дулдул ба мисоли боди сарсар мерафт.
Аз ҳайбати Зулфиқор ларзида ҷаҳон,
Сарҳора бурида назди кофар мерафт.

Абр омадау осмона чун мол гирифт,
Зоғ омаду донара ба минқор гирифт.
Дурдонаи дурр ба дасти ундуи сиёҳ,
Ислом гузашту мулка куффор гирифт.

Ай хона баромадӣ, шудум девона,
Ай мардуми бегона харидӣ хона.
Не хона вафо кунад, не бегона,
Баргарду биё даро даруни хона.

Имсол дилум ҳавои абри кутал аст,
Ин рафтани бачекум аз ин гандатар аст.
Ин мулк агар биҳишту ҷаннат гардад,
Безорум аз он, ки бачекум дар сафар аст.

Эй бачаи ҷон, ту бевафоӣ накунӣ,
Бо гуфтаи душманон хатоӣ накунӣ.
Душман ба қадут тулаи зар холӣ кунад.
Ай зар гузару зи ман ҷудоӣ накунӣ.

Аз дур назора мекунум сардарара,
Полези кабуду хонаи якдарара.
Мардумо чидан гулҳои сурхи сарара,
Ба мо мондан гулҳои шабнамзадара.

Аз кӯҳи Ғорон аён-аён мегузарӣ,
Бо корду ғилофу бо камон мегузарӣ.
Ду ҷура сагон дориву як аспи саманд,
Ту дар назарум чу паҳлавон мегузарӣ.

Офтобаки шин-машин руям ба мазор,
Ё Ҳазрати Ҷабраил, дуои бисёр.
Ё Ҳазрати Ҷабраил, бикун осонам,
Шояд, ки ба осонӣ бигирӣ ҷонам.

Чархи фалаки дуруза даврони ман аст,
Сайёди аҷал ба хона меҳмони ман аст.
Сайёди аҷал, ки аз ман ҷон металабад,
Гург аст гурусна, рӯзиаш ҷони ман аст.

Хобум бурдаст таги чанори калатон,
Бедор шудум, ҳамрама бурдаст аламон.
Ҳарчанд давидум, давидум думшон,
Эй чархи фалак, ту кор гардон осон.

Гург омаду ай рамаи чупон заду бурд,
Марг омаду ай хели ҷавонон заду бурд.
Эй гург, зи корди ман хун мерезад,
Шояд, ки туро бимонаду бигрезад.

Умрум бигӯ зашт, умри дигар нест маро,
Бигзашт ҷавониҳо, хабар нест маро.
Сайёди аҷал омаду роҳам бигирифт,
Ин раҳра гирифт, раҳи дигар нест маро.

Эй бачаи ғоронӣ, сарут пайдо нест,
Эй лаъли бадахшонӣ, дилат бар мо нест.
Ханҷар задаӣ рост миёни ҷигарум,
Хун меравуду ҷароҳаташ пайдо нест.

Эй беди баланд, саргаҳат зард шудаст,
Поят ба вилояти дигар банд шудаст.
Дар банд шудаст рангу рухат зард шудаст,
Омадан наметонӣ, дилат танг шудаст.

Сад кош, ки умрукут мукаммал мешуд,
Айёми ҷавониҳот ай сар мешуд.
Меришт таноби умрта бо чарх фалак,
Ин чархи фалак ба дасти модар мешуд.

Кабгак сари сангу мезанд қақра ба ноз,
Бачам ба раворав асту ҷонум ба гудоз.
Эй бор Худо, дар осмон абр андоз,
Бачеки равандама ба ман маътал соз.

Бемодарима ба худ алам мегирум,
Нақши бари девора қалам мегирум.
Бемодарира агар ба ёдум гирум,
Санг(ҳ)ои хунука ба ҷигар мегирум.

Қади алифат дар назарам чун дол аст,
Як лаҳза ҷудоиҳот ба ман сад сол аст.
Пеши ту қасам хурдаму бовар накунӣ,
Рухсораи зарди ман гувоҳи ҳол аст.

Нозукбадане, ки аз Хутан меояд,
Аз мулки ғарибӣ ба ватан меояд.
Ҳарчанд бигаштем ба гирди олам,
Ғурбатзадаро ёди ватан меояд.

Эй дӯст, ба куи ту расидан мушкил,
Об аз лаби ҷуи ту чашидан мушкил.
Об аз лаби ҷуи ту чашидан осон,
Ҷон додану рӯи ту надидан мушкил.

Ёракма бибин, чӣ гуна ёруш форид,
Гулғунчара монду барги хоруш форид.
Ман тозагулум, дар роҳ намонам ҳаргиз,
Шоҳабри сиёҳи пурғуборуш форид.

Аз хона баромадӣ, офтоб набуд,
Аз рафтанакот касе хабардор набуд.
Аз рафтанукот душмана шод кардӣ,
Ба ғайри Худо ба ту касе ёр набуд.

Бархез ҷавон, ки фурсати хоб гузашт,
Тарфи чаману шабҳои маҳтоб гузашт.
Бедор намешавӣ ту аз хоби гарон,
Як лаҳза назар кунӣ ба мову ба ҷаҳон.

Саркӯҳи буланду арғавон гум кардум,
Шамшери заррина аз миён гум кардум.
Шамшери заррину бо ғилофи бахмал,
Зардинаҷавони паҳлавон гум кардум.

Гул гуфт, маро зи боғ гулдаста баред,
Ман нозукаму зи боғ оҳиста баред.
Дар маҷлиси ошиқон маро металабанд,
Ман бегунаҳам, чаро маро баста баред?

Аз хона баромадум, дастум додӣ,
Бо дафтараки ғамот китобум додӣ.
Аз дафтари меҳри ту нахондум варақе,
Дар айни ҷавониҳо шикастум додӣ.

Фарёд занум, пора кунум кӯҳ (х)ора,
Шо(ҳ)ин шавум, сайр кунум дунёра.
Ман ҷуғз шавум, ба ҳоли худ гиря кунум,
Ай тангии гуру кулфати дунёра.

Эй дӯст, чӣ дидӣ, ки ба ман кин кардӣ,
Тори дилама ба риштаи сим кардӣ.
Тори дилукум зи риштаи сим нашуд,
Тоқат ба ҷудоиҳои ширин кардӣ.

Эй дӯст, чӣ дидӣ, ки рамидӣ аз ман,
Ту домани дӯстӣ буридӣ аз ман.
Ман домани меҳри ту гирифтум ба умед,
Ту домани номедӣ буридӣ аз ман.

Эй дӯст, ба ҳамдигар саҳар мегаштем,
Доим ба суроқи ҳамдигар мегаштем.
Нагзошт фалак ба ихтиёри ману ту,
Чанд соли дигар ба ҳамдигар мегаштем.

Дар боғ будум, бунавшаву гул дидум,
Дар гирди мазор ҳазор булбул дидум.
Қасде қардум, ки булбулонро гирум,
Булбул бипариду аз пасуш ғам дидум.

Фарёд зи дасти фалаку афлок ҳам,[1]
Дар тан бидарид ҷомаи садчокам.
Халқон меган, аз ҷаҳон мегузарӣ,
Сад ҳайф, ки меравад танам дар хокам.

1 Гӯянда: Мубаракшоева Қурбонбегим (1943), зодаи деҳаи Шамбедеҳ
Гирдоваранда: Мубаракшоева Зарнигор, соли 2013.

# ШОИРИҲО ВА ҲАЗЛҲО

Раҳи Седин дуродур,
Седин дорад каҳи зур.
Гову буз аз каҳ махмур,
Бучам намеравад дур.

Зарифбеки меҳрабон,
Худо тура нигаҳбон.
Меҳрат мондаст ба дилмон,
Монанди Ошурбекҷон.

Омад шамоли боло,
Аброра бурд ба Росто.
Оинамои каҷкуло,
Порубта дарун парто.

Эй Гулҷони депутат,
Пулма гирифтӣ қимат.
Шола накардӣ ҳиммат,
Ба мо додӣ як лабат.

Подшобегим меҳрабон,[1]
Кор кардум ай дилу ҷон.
Дарзома бурдӣ ба бом,
Назрира кардӣ бадном.

1 Гӯянда: шодравон Амонбекова Назрибегим (1932–2014), сокини деҳаи Гармчашма.
Гирдоваранда: Нозигул Абибова, сокини деҳаи Гармчашма.

Фаросати меҳрабона мекнум зорӣ,
Зорит бикунум, аҷаб зани хушкорӣ.
Имсоли дига кунем фермакорӣ,
Нонҳои хушру мепазӣ, мекнем норӣ.

Ин кулбаи вайрона ба ту ёфтаанд,
Зулфони туро ба думби хар бофтаанд.
Ту гуфта будӣ, аҷаб ҷувони хубест,
Баҳри ту аҷаб хирсаки нав ёфтаанд.

Ҷононаи ҷон капаи килкин дорӣ,
Худ Нодирамову ёри чиркин дорӣ.
Ман ёри тура ба думби хар мебандум,
Гург ояду хар гуреза ман механдум.

Ту куртаи чит дориву ман пайвандӣ,
Ту ёраки хуб дорӣ, ба ман механдӣ.
Ман ёри тура ба думби хар мебандум,
Гург ояду хар гуреза, ман механдум.

Як ёр дорум, яксаду бистсола чувон,
Дар кому даҳони худ надора дандон.
Аз донаи пундона шинонум дандон,
То дар дилукуш дигар намона урмон.

Як ёр дорум, гандахуру гандамиҷоз,
Чашмони сиё(ҳ) дораду линг(ҳ)ои дароз.
Ай дастуш бигирум, бизанум гирди ҷувоз,
Қурбоқа шава, вақ-вақ куна соли дароз.

Ёрукма бугу, ки бар вуҷудуш лаънат,
Бар хешу табору зоду будуш лаънат.
Худ медонум, ӯ ёри нав мегира,
Бо ёри нави харкуррадоруш лаънат.

Эй себаки сурх, дар вуҷуди банда,
Зоеъ кардум умра ба ёри ганда.
Ёри ганда, Худо бдяд ҷазота,
Курут букуна, ки набинӣ пеши пота.

Фарёд зи дасти фалаки бебасаре,1
Аз одами пешина намондаст асаре.
Он ҳам, ки саре буд, фурӯ рафт ба хок,
Он ҳам, ки харе буд, баровард саре.

Чину Мочинуш мура девона кард,
Зулфи пурчинуш мура девона кард.
По(й)ма бурдум бар рикоби байталуш,
Дуди саргинуш мура девона кард.

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.
Чилим гуфто, ки ман дуди хазонам,
Чилимкашро ба дузах мерасонам.

Аз боми баланд афтию афгор шавӣ,
Ичи нашавӣ, як ҳафта бемор шавӣ.
Дилукум намешавад дуокут букунум,
Занут бумурад, ба ғам гирифтор шавӣ.

Қурбоққа гуфт, ман заргарум,
Тавқи тилло ба гарданум.
Ғис-ғиси чархи модарум,
Гулдасташоҳ бародарум.

Ман омадум ба дарут,

1 Гӯянда: Иброимбекова Муборакхотун (1951), сокини қишлоқи Хасхоруғ . Гирдоваранда: Муборакшоева Зарнигор, соли 2013

Шинг-шинги дӯствонают,
Шона занум ба сарут,
Аз боисти духтарут.

Дари хонат сум(б) задум,
Рубаҳ ворӣ дум(б) задум,
Лушмидум ба пушт задум,
Аз боисти духтарут.

Пир шудеду пир шудед,
Хук барин кампир шудед.
Ҷавон будед, лундабоз,
Оли тасбеҳгир шудед.

Духтари шоҳи парӣ,
Дуға кучо мебарӣ?
Ба мо наменигарӣ,
Мо мурдем аз ташнагӣ.

Ба гирди гардanут айкал набандӣ,
Ба ҷои аспи тозӣ хар набандӣ.

Сафедӣ бо сиёҳӣ нақш бандад,
Сиёҳӣ бо кабудӣ, хар бихандад.

Боми ҳама бому боми му дар пастӣ,
Ёри ҳама ёру ёри му алмастӣ.

Шерону ҳарифона надодум гардан,
Шафтолуи пажмурда, чӣ бошад хурдан.

Торона биёред, ба ёрон бизанем,
Сад дуд ба рӯи ғалладорон бизанем.

Байдук мегум, байдуки айлоқ бошад,

Халтек будузум, ба поюкот чоқ бошад.

<u>Аз гуфтори бобо Рустам[1]:</u>

Хуҷанултобук, нулукта бутоб,
Сари шоҳ бошӣ, дулукта бутоб.

Эй гови алеки муташохук,
Омухта шудем ба и(н) сумохук.

Харгӯш аки ланги мо куҷо шуд?
Аз рахна париду кадхудо шуд.

* * *

Салому сад салом, ай нури дида,
Саломи коғазӣ бар мо расида.
Ҳамон лаҳза, ки нома менавиштам,
Ҳазорон ашк дар коғаз чакида.
Гаҳе шодону гаҳ ғамгинам,
Туро хона куҷо бошад?
Гаҳе дар байни халқонам,
Гаҳе дар дашт урёнам.
Зи тифлу пир пурсонам,
Туро хона куҷо бошад?
Гаҳ Юсуф бо Зулайхоям,
Гаҳе Фарҳоду Ширинам,
Гаҳ Маҷнуни биёбонам,
Намедонам, намедонам,
Туро хона куҷо бошад?
Гаҳе чун абр гирёнам,
Гаҳе чун лола хандонам.
Гаҳе себарга дар гулзор,
Гаҳе хори биёбонам.
Зи аҳли мардумон пурсам,

1 Қурбонов Рустам (1915-1985) сокини қишлоқи Авч, ки табъи баланди шорӣ дошт ва аз ӯ абёти зиёде дар байни халқ боқӣ мондааст.

Туро хона куҷо бошад?
Гаҳе чун бод ларзонам,
Гаҳе чун ғунча рақсонам,
Гаҳе чун жолаву борон,
Гаҳе барфи зимистонам.
Намедонам, намедонам,
Туро хона куҷо бошад?

* * *

Зайдулмои моҳи мо,
Тура гирад оҳи мо.
Зайдулмо дар таи тут,
Мепӯшад сурху кабут,
Месӯзад хонаи шут,
Зайдулмои моҳи мо,
Тура гирад оҳи мо.
Зайдулмо чиҳо кардӣ?
Ба афғон савдо кардӣ,
Рӯи худ сиёҳ кардӣ.
Зайдулмои моҳи мо,
Тура гирад оҳи мо.

* * *

Худукут хирмани гул,
Қадукут хирмани гул,
Сар то қадамут гул,
Даҳанут гул, баданут,
Пираҳанут гул.

* * *

Дастма бурдум ба печат,
Рӯи сафеди кулчат,
Ба қумғоли ятимчат.

**ШЕЪР АЗ БОЗИИ**

## ҚАДИМИИ КУДАКОНА

Атикан, тутманикан, монисикан,
Маҳтобро, офтобро,
Дег-деги самарқандӣ,
То филла пазад бибӣ,
То сер хурад тутӣ,
Эй тутии тутагон,
Эй духтари дуррдандон,
Як ҳалқата бичунбон.

## АШЪОРИ ҲАЗЛОМЕЗ БАРОИ КУДАКОН

Қумб-қумби фохта,
Ба ҷамоли кистӣ?
Ба ҷамоли (ҳ)абашӣ,
(Ҳ)абашӣ хора кашӣ.
Корд(ҳ)ора тез кун,
Ба сари кал маҳмез кун.
Як кампири кур омад,
Аз раҳаки дур омад.
Ошуш додум дар чумча,
Муштуш задум дар арқа,
Хилмуш парид дар кандан,
Кандана кофтум, кофтум,
Кандан ба мо дарзеке дод.
Дарзека бурдум ба хирман,
Хирман ба мо ғаллеке дод.
Ғаллека бурдум ба осиёб,
Осиёб ба мо ордаке дод.
Ордака бурдум ба нова,
Нова ба мо хамере дод.
Хамера бурдум ба тахта,

Тахта ба мо ростаке дод.
Ростака бурдум ба дегдон,
Дегдон ба мо пухтаке дод.
Пухтака бурдум ба ҷиям,
Ҷиям ба мо ҷиҷике дод.
Ҷиҷика бурдум ба додим,
Додим чапоти сузоне дод.

* * *

Буд-набуд будгор буд,
Замин набуд шудгор буд.
Як кали айёр буд,
Ба кор бемор буд,
Ба хурдан тайёр буд.
Дар заминуш мор буд,
Мори гундушкхор буд.

* * *

Маҳтобук лаби рузан,
Гаҳ торику гаҳ рушан,
Лай кун, бачаме, лай кун.

Рустам ба шикор рафтаст,
Пас гаштаву хоб рафтаст,
Лай кун, бачаме, лай кун.

Афсона ба сӣ сона,
Чил мурғук да(р) як хона.
Лай кун, бачаме, лай кун.

Да(р) тоқуки ганҷина,
Як тепуку як сина.
Лай кун, бачаме, лай кун.

* * *

Пишук-пишук, короте,
Дум-думи руболоте,
Рафтани зебокоте,
Муза намонд да(р) поте.

* * *

Дангон бача дангоне,
Шухи садафдандоне,
Чупони бурбаргоне,
Баргона хурд гургоне,
Бача омад гирёне.

* * *

Ҷонбача бозӣ мекард,
Замонасозӣ мекард.
Навбат, ки бар мо расид,
Ҷомаш дарозӣ мекард.

* * *

Бачаҷони тиллоӣ,
Қевут кунум биёӣ,
Ба сари пули шоҳӣ.
Аз дур менамоӣ,
Ин қадар камнамоӣ.

* * *

Аз боло ов миёяд, дилум дилум дилума,
Бӯи палов миёяд, дилум дилум дилума.
Хонека ҷоруб занед, дилум дилум дилума,
Бачаи мо миёяд, дилум дилум дилума.

Бачаҷони ҷонона, дилум дилум дилума.
Қадуш қади дулона, дилум дилум дилума.
Дулонара об бурдаст, дилум дилум дилума.
Бачаҷона хоб бурдаст, дилум дилум дилума.
* * *

Кишто кеште кишто кишт,
Бачам давид, зад ба пушт,
Пишук омад пуштша лишт.
Кишто кеште кишто кишт.

* * *

Ҷонум ба гирди сарут,[1]
Билло, мешам навкарут.
Бигардум гирди дарут,
Ту шоҳу му навкарут.

* * *

Аз хона кардем сафар,
Модари мо бехабар,
Дар Пиш шуд мошин авар,
Аҷаб азоб кашидем.

Аз мошини Наҷимхон,
Аз ӯ кафид ду балон,
Ҳамамон мондем ҳайрон,
Аҷаб азоб кашидем.

Дар Ғожак менишастем,
Ба шофир нигаристем,
Ба ҳоли ӯ гиристем,
Аҷаб азоб кашидем.

Мошин овардан ба мо,
Таги по(й)мон мондан коҳ,
Даромадем боз ба роҳ,
Аҷаб азоб кашидем.

1 Гӯянда: Ғоибназарова Лаълбегим (1943), зодаи деҳаи Баршор, сокини ш.Маскав. Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 2014.

Ғелида рафтем аз роҳ,
Задем дар лаби дарё,
Беҳуш шудан(д) одам(ҳ)о,
Аҷаб азоб кашидем.

Ёқуб гуфто, духтар(ҳ)о,
Дар хушкиет, ё дарё?
Мо намедодем садо,
Аҷаб азоб кашидем.

Дар мошини испидис,
Мора бурдан ба балнис,
Ёрмамада бурд милис,
Аҷаб азоб кашидем.

Ман шоири навқалам,
Навиштум шеър да(р) як дам,
Студент дорад вақти кам,
Ин аст аз қисмати ман,
Аҷаб азоб кашидем.

* * *

Да(р) айлоқтон нест қаймоқ,
Гова задум ба тиёқ.

* * *

Дузанда машав,ки оқибат кур шавӣ,
Бофанда машав, ки зинда дар гур шавӣ.

* * *

Пишак гуфтаст: Мушак чӣ бувад, ки лофу қофаш,
Шамшери каҷу нуқра ғилофаш.
Мушак гуфтаст: Пишак чӣ бувад, аз ӯ бигрезум,
Дар тори бурути ӯ бимезум.

* * *

Кулусук ту аҷаб нонӣ,
Дар дашту биёбонӣ,
Чун санги фалахмонӣ,
Дар гулум дармонӣ.

* * *

Атола то паси сар,
Кулусук ҷонма бихар.

* * *

Афсона саное буд,
Буз марди гадое буд.
Хар париду ҷурте кард,
Буз гуфт, чӣ балое буд?

* * *

Қут-қутус, қут-қутус,
Ба пот медӯзум чамус.
Барои болои бом,
Бонг задӣ ба сад илҳом.
Дили рӯбоҳак кабоб,
Омадаст аз Шаҳритус.
Ғам нахурӣ, ай хурус,
Ҳаргиз тура нахурад,
У нест иқа беномус.

* * *

Куч-кучоник, куч-кучоник,
Мамадалӣ кушта шуд,
Ҳарду зануш бева шуд,
Беваи дармонда шуд,
Куч-кучоник, куч-кучоник.

* * *

Каду мегум, кадуе,[1]
Каду хуроки мир аст,
Каду кулчапанир аст.
Каду худта наґелон,
Каду моро натарсон.
Каду мегум, кадуе.

1 Гӯянда: Ғоибназарова Соябегим (1940), зодаи деҳаи Баршор,сокини ш.Душанбе. Гирдоваранда: Олими Ширинбек, соли 2014

# ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО

Агар бинӣ намешуд, и чашм ӯ чашма мехурд.
Аз пашша фил сохтан.
Аз гургхурда – пуст.
Аз бекорӣ – кадукорӣ.
Аз пишук чӣ меруяд? – Мяв.
Аз мард бурут, аз зан муй.
Ай кори бад пушаймонӣ.
Ай дӯст ҳарчӣ расад, накуст.
Ай гап гап мехезад.
Ай найнавоз як пуф.
Арзунро гундушк мехурад, калтук ба ҷони будана.
Аспи сур аз гала дур.
Ба аспи хуб як қамчин, ба одами хуб як сухан.
Ба афғон нумук надеҳ, ба ёбу ҷав, афғон курнамак асту ёбу камдав.
Ба бӯи хода нашав, буттаро қап.
Ба доно кор осон.
Ба хар, ки заруш нарасид, ба полунуш мезанад.
Ба як ҷавонмард чил ҳунар кам аст.
Ба хонаи дӯсти худ бисёр марав,
Ҳарчанд азизӣ, оқибат хор шавӣ.
Банд дар борикӣ меканад.
Барои як кайк пустинро насузон.
Бегона агар вафо кунад хеши мануст,
Хеше, ки вафо накард, дилреши манауст.
Бе меш бошу бе хеш не.
Болои сӯхта намакоб.
Бори вазнин – зарари ҷон.
Бори кач ба манзил намерасад.
Боҷа боҷара дӯст медораду гов кунҷорара.

Бузак бузак намур, ки ба(ҳ)ор ояд.
Буз да(р) ғами ҷону қассоб да(р) ғами чарбу.
Гадо ба гадо, паноҳи ҳарду-ш ба Худо.
Гиреҳи даста ба дандон накун.
Гандум ҳама ҷо, кайбону ҷо-ҷо.
Гапта дандон бзан.
Гови қисир душмани гусола.
Гови калон, да(р) дари хонаи мардум гусола.
Говро, ки ай оғел буровардӣ, ҳоҷати дандонша дидан нест.
Гузар надида, чамус кашида.
Гундушк чию шӯрбо-ш.
Гӯсолаи нармз(а)бон ҳамаи гова мемакад.
Гӯсола ба думби гов, ту нухта бутов.
Гуспанди нар ба сарбурӣ.
Гурга чупонӣ.
Гӯш на дар хоб нон мебинад.
Дар кисаат пул намонду дар чошдон нон,
Хешон ҳама бегонаю зан душмани ҷон.
Дартароши бедар.
Дар хона, ки обу нон нест, занро писанди дил нест.
Дара задем, девор кафид.
Дасти худро каср бисозу миннати нокас нагир.
Дили одаткарда балои ҷон.
Дил, ки нахост, баҳона бисёр.
Доя кудакро дӯст медораду танбал сояра.
Дуди хонаро равзануш медонад.
Дуруғгуй – душмани Худо.
Ё коргар бош, ё корфармо.
Ё хара пеши бор, ё бора пеши хар.
Забони мурғонро мурғон медонан (д).
Зеби мард – бурут.
Кайф кайфи безанӣ, фатир пази тоқа занӣ.
Кор ай зани мардумону лоф ай зани мо.
Кури худу бинои мардум.
Кур як бор дар чаҳ мезанад.

Кур курро таъна мезанад.
Курра паси модиён.
Лоф дар ғарибӣ, тика дар торикӣ.
Луч шудӣ, бурҷа мегирӣ, гӯш на шудӣ, дашта.
Мард дар майдон, зан дар каҳдон.
Меҳмон, ки ба хонаи ту ояд, иззатуш букун, ки боз ояд.
Мо дузд шудем, шаб маҳтобӣ.
Модара бин, духтара бар.
Мор ба эчаи худ рост медарояд.
Моргазида аз банди ало метарсад.
Моргазидаро хоб мебараду гӯш наро не.
Мулло хар дошт, харуш навкар.
Муши берун омад, муши хонаро ҳай кард.
Накукорӣ аз пуркорӣ.
Нашикан ту нони касро, ки падар надида бошад.
Нони мулло хурдӣ, ҷони мулло хурдӣ.
Оби дари хона тира, духтари ҳамсоя хулминин.
Оби рехта ҷамъ намешад.
Одам ба сухан мераваду ҳайвон ба банд.
Пагаҳхезиро аз кӣ ёд мегирӣ? – Аз ҳамсоя.
Пагаҳхезӣ – бехи саломатӣ.
Роҳи муш ба осиёб.
Рӯзи пагаҳта бегаҳ накун.
Рӯи сафеди маро ришум сиёҳ кард.
Руққос, ки руққосӣ натонист, мегад пога(ҳ) танг.
Санги тобистон, қути зимистон.
Серро аз ҳоли гӯш на чӣ хабар.
Сухангирӣ – бехи давлат.
Тавари мардумон зеркундаш санг.
Тире, ки зи мо гузашт, нишонуш бари санг.
Тире, ки аз камон баромад, пас намегардад.
Фалакро бубин ба ҳоли дурушт,
Гаҳе зинсавору гаҳе зин ба пушт.
Фарзанди халаф диҳад муродам, ҳар нохалафе диҳад ба бодам.

Харбузара бухур, туро ба полез чӣ кор.
Хешӣ ба хушию савдо ба мурод.
Холаи ҳамакора, ҳамаи коруш нимкола.
Хоҳарзода ба сӯи холук.
Худкардаро даво нест.
Хурдагиҳо пушаймон, нохурдаҳо дар урмон.
Хурус дар ҳама ҷо як хел бонг мезанад.
Чашми бад санга мекафонад.
Чизе надеҳ дарвешро, чизе нагу дарвешро.
Шиками серро бақое нест, бадтар аз гӯш нагӣ балое нест.
Ғайбатчӣ рӯи худро сиёҳ мекунад.
Ғалла дар чаҳ, бача дар ҳасрати кулча.
Қанд (ҳ)ам хурдӣ, дам назан, фанд(ҳ)ам хурдӣ, дам назан.
Ҳама чиз садқаи сару сар садқаи номус.
Ҳамсояи ту хуш хурад, ту хуш хобравӣ.
Ҳар ки буд ба зиндагӣ, баъд ки мурд ба гандагӣ.
Ҳарчанд хасум, ба ту басум.
Ҳар ҷо, ки сангуст, ба пои бузи лангуст.
Ҷое, ки лабаст, ба дандон сабр аст.
Эй боди Вахон ту хер махерум кардӣ,
Гӯш ома буридӣ, аз ҷон серум кардӣ.
Эй нокардакор, туро ба ин кор чӣ кор,
Як чушмут ба му яки ба говон, говдушут шикаст, ба му чӣ товон.
Яке ба доно дармемонӣ, яке ба нодон.
Яфтал, нон тал.[1]
Аввал пурсиш, баъд кушиш.
Аввал бубин ҷои худ, баъд бимон пои худ.
Аввал халқу баъд Худо.
Аввал зан, охир зан, он гоҳ зану мард.
Ай одами бад доғи дил мемонад.
Ай мард лафзу аз зан феъл.

1 Гирдоваранда: Муллоев Мавлодод, зодаи деҳаи Шамбедеҳи водии Ғорон.

Ай шаҳристон умеду аз гуристон не.
Ай сар лулӣ – ай по курӣ.
Ай сустии саг рубаҳ ба бом мепарад.
Ай оташ дур бишин, ки насузӣ.
Ай одами нек обу гил мемонад.
Ай ноумедӣ басе умедӯст, поёни шаби сиёҳ сафедӯст.
Ай дӯстон ишора, ай мо ба сар давидан.
Ай девори кач парҳез.
Ай хук – муй.
Алғиёс, алғиёс, ҳадди падарта бишнос.
Аспро наъл кардан(д)у қурбоққа пояшро боло кард.
Ақл гоҳ дар сару гоҳ дар по.
Ақл дар хурдию калонӣ нест.
Ақл чизи шарифест, ба ҳар кас нарасад,
Пари товус бузург аст, ба каргас нарасад.
Ба бада бало намерасаду ба нека бақо.
Ба доно ишора, ба нодон гап.
Ба дӯст хор, ба душман зор накунад.
Ба гӯш на нон додан, гуфтаст ҷавин.
Баъди Навруз чил кунда бисуз.
Баъд ки рафтӣ аз сари нону намак, не касе мегад тағою не касе амак.
Ба як гул баҳор намешавад.
Бо иззати худ бишину хорӣ маталаб.
Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.
Бо(з) аму А(ҳ)мад(ук)и порина.
Ба кар гап занӣ, мега дар бом рап-рап.
Ба хурусин ғолиб ояд мокиё.
Бача давиданаша медонаду ғалтиданша не.
Бача азизу адабуш аз ӯ азизтар.
Ба ҳавои аспи ҳамсоя накуну ҷилави аспи худро гир.
Бедавлат агар кишт кунад, об наёбад.
Безебӣ ба мо кам буд, дамбуқбача сарборӣ.
Буз дар обу думбуш туқ.
Бугу, бугу ба дашти аргу.

Ганҷ – пинҳон.
Гар дар Ямانию бо манӣ, пеши манӣ,
Гар пеши манию бе манӣ, дар Яманӣ.
Гард ба домонуш нест.
Гов дар оғел, ғусса дар дил.
Гови бешир садои буланд дорад.
Гул ба пирон хуш аст, ҷавонон худ гуланд.
Гур сузаду, дег ҷушад.
Гурга гиря, хара ханда.
Гӯш т бе устухон намешавад, чой бе шамма.
Давидани гусола – то дари ағел.
Дар баста, бало баста.
Дарди бада давои бад.
Даромадут як танга, зарарут то қиёмат.
Дар шутур савору дар куфонаш пинҳон шудан.
Дар ҳамаи ош қатуғ.
Дар ҳар соат, дар ҳар дам, дигаргун шавад аҳволи одам.
Даҳонро ба ханда намону забонро ба лақидан.
Даҳ бор чен кун, як бор бур.
Девона бигрез, ки маст омад.
Деги Худо дер ҷуш меояд.
Деги камбағал дер ҷӯш меояд.
Дер ояду шер ояд.
Дили модар ба бача, ай бача ба санги кӯча.
Дила ёбу қанда хур.
Дил мекашад, по мебарад.
Дилозорӣ як дақиқа.
Дуд беҳ аз сармо.
Дузд тарсончак аст.
Дузд бош, баинсоф.
Дузд ирғаю, соҳибмол шарманда.
Дунё ба умед.
Ду чиз одамро мебарад ба зур, яке обу дона, дигар хоки гур.
Ёри дағала ёри дағал мебояд, шамшери каҷа ғилофи каҷ мебояд.

Ёр зиндаву суҳбат боқӣ.
Забондонӣ ҳунар аст.
Забон бе устухон аст.
Забони сурх сари сабзро медиҳад барбод.
Забон дар даҳон посбони сар аст.
Зани ҷавону шуи пир, сабад бумону ҷуҷа бигир.
Илма такрор, замина шудгор.
Ин диёр, ин мазор.
Кал додари кур.
Кам бухуру ғам нахур.
Каҷ шину гапа рост бигӯ .
Кори шабу хандаи руз.
Кӯҳ ҳам амуву муй ҳам аму.
Курро чӣ мебояд? – Ду дидаи равшан.
Луқма ба ёрон хушаст, хок дар он луқма, ки танҳо хурӣ.
Манигар, панҷа ба рӯ.
Марг хоҳад, Қундуз равад.Меган: афтода шудаст.
Мо аз паи ризқему аҷал аз паи мо.
Моли муъмин – хуни муъмин.
Мор морбачаро намегазад.
Мулки Худо танг нест, пои ғариб ланг нест.
Муш ба мушэча нағунҷаду ғилбол аз қафояш.
Нафси бад балои ҷон.
Не салому не алек, мепара да(р) сари дег.
Нони ҷавини хеш беҳ аз гандуми касон.
Дар хона нони гандум набошаду забони гандум.
Нону пиёз – пешонии воз.
Номарда баъд ай ҷанг ёд меояд.
Об – рӯи ях.
Одамин – шири хомхурда.
Одам – як дам.
Осёб нов дорад, ҳар кор тов дорад.
Ош то дари фурош.
Пешопеши гӯш на – хлесук.
Поёни шаби сиёҳ сафедӯст.

Пурсидан айб нест.
Пушок гуфтаст: “Ту мура таҳ, му тура шаҳ”.
Ранҷ бар муъмин.
Раҳгузар нон мехураду аблаҳ ғам.
Раҳи дур – тушаи зур.
Саг аз ману ҷахидануш дар боми мардум.
Саги тару паси дар.
Саг меҷахад, корвон мегузарад.
Садо аз ду даст мебарояд.
Сад рӯз ба гирди кору як рӯз ба гирди ёр.
Санге аз кӯҳ афтад, сад сангро беҷо мекуна.
Сар, ки ба дастор аст, лоиқи гуфтор аст,
Сар, ки ба дастор нест, лоиқи гуфтор нест.
Табақ омад, сабақ бархест.
Талқон да(р) да(ҳа)нашу дамуш гир.
То бо чушмут набинию бо гӯш ут наш(у)навӣ, гапро бовар накун.
То оне, ки дам аст, ғам аст.
То реша дар об аст, умеди самаре аст.
То ки ҳастӣ дар сари нону намак, як кас мегад тағою сад кас амак.
Тоқати меҳмон надошт, хона ба меҳмон гузошт.
Ту мура да(р) хок, му тура да(р) хокистар.
Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст,
Варна нохуш гузурад, ними нафас бисёр аст.
Фарбе(ҳ)гира фақат гусфанд мебардорад.
Хар агар Макка равад, боз ояд аму хар.
Харуш аз овринг гузашт.
Хар ҳамон хару полонуш дигар.
Хар – дар рег.
Хобҷогаҳта бубину пота дароз кун.
Хонаи гург бе устухон намешавад.
Худо ба ҳама диҳаду аз мо фаромӯш накунад.
Худо додаст туро моли фаровон,
Ту канносӣ кунӣ, касро чӣ товон.

Худозада бошу арвоҳзада не.
Худситоӣ пешаи шайтон бувад,
Ҳар ки худро кам занад, инсон бувад.
Хурдани бисёр раҳи аҷалро намегирад.
Хурди калонкор.
Чиз аз паи ҷон аст, на ҷон аз паи чиз.
Чизе, ки дар дег бошад, дар кафлес мебарояд.
Чизита сахт бигиру ҳамсоята дузд нагир.
Чӣ бугум, ки ай гуфтанум ногуфтанум беҳ.
Чӣ бугум, ба кӣ бугум.
Шаб дарозу Худои кор соз.
Шамшери каҷа ғилофи каҷ мебояд.
Шанбе зи худ кам макун, якшанбе – зи моли худ.
Шаҳри якчушма рафтӣ, як чушмта кур кун.
Шуд овӣ, нашуд лалмӣ.
Шутура ба чумча об додан.
Шутура чию полезкорӣ.
Як дари баста, сад дари кушода.
Як осмону панҷ маҳтоб.
Якта ба ман хешу да(ҳ)та ба хешони ман хеш.
Як рӯз бошу хурус бош.
Ғалбели тангбезум, сунори бамаҳмезум.
Қади баланд ба тутхурӣ, қади паст ба обхурӣ.
Қа(ҳ)рут хест, лавта бугаз.
Қатра-қатра дарё гардад.
Қурбон шавам Худора, як бому ду ҳавора.
Қурбоқа гуфтаст: бур-бур кунум об да(р) да(ҳ)анум пур меша, накунум, дилум мекафа
Ҳамон коҳу ҳамон дос.
Ҳар кас, дар гури худ хоб меравад.
Ҳар кӣ парид, чарид, ҳар кӣ хоб кард, хоб дид.
Ҳар кас, ки надонад ҷои хар бастани хеш,
Ҳам гардани хар бандаду ҳам гардани хеш.
Ҳарҷо, ки расад сумбу соқи Қатаған,
Не мурда кафан ёбаду не зинда ватан.

Ҳақ гуфтуму носазо шунидум,
Сазои сарум, ки ҳақ бигӯ фтум.
Ҳеҷ зоғ бе доғ нест.
Ҳеҷ шинанда раванда нашудаасту ҳеҷ раванда – шинанда.
Ҷавоне, ки беадаб бошад, гар ба пирӣ расад, аҷаб бошад.
Ҷони нодон дар азоб.
Ҷондорукум сиҳат бошад, верак паси дар.
Ҷақ-ҷақуко ру-рӯи бом, хап-хапуко коршон тамом.
Ҷоруби нав тоза мерубад.[1]
Аблаҳ як ваҷаб ҷора медона.
Аввал нон – баъд имон.
Ай хирс му кандан.
Ай морбача мор меруя.
Ай ов гузаронд.
Ай дасти зани ганда, ҷурғот намебанда.
Ай ростӣ, ки гилам мебофа.
Ай санг ҷувоб, асту ай ту не.
Ай сояш метарса.
Ай ту дил неву санг.
Ай худут бубин.
Ай хурда чукидуш.
Ай пушти як кайк гилама сухт.
Алба, муш болот парид.
Аловшурук наша.
Аҷаб дасти кушод дора.
Аҷаб бетурумӣ.
Баъди ханда гиря.
Ба гандара зан мадеву тухмуш букана.
Ба гӯш тӣ мебарано?
Ба дидан сер мешаё?
Бисёр пуртук накаш.
Балора ба ту кор нест, тура ба бало чӣ кор?
Боло туф кунӣ, да(р) рут мезана.

1 Гирдоваранда: Ширинбек Давлатмамадов.

Ба пинуки сузан гузарондуш.
Бра, ки даштуст.
Ба ту мегум, ё ба девол?
Бахт да бозор нест.
Бӯи (ҳ)афт хари мурдор мезана.
Ба як тир – ду нахчир.
Гандаи худут, нағзи мардум.
Гапуш назанан(д), ки духтари шоҳи Эронуст.
Гова ба пеши корд мебарано, ё корда ба пеши гов.
Гузина нони ҷавин бона.
Г(у)ла бу мекунан, гандаро не.
Гули майлис шудаст.
Гусола то кадон медава.
Гург чупонӣ намекуна.
Гурми дилуш пухт.
Гӯш ти баданма бухурум.
Да(р) бари ҷар бдаё?
Да(р) девэча задаё?
Да(р) замбурэча, ки санг партой.
Да(р) сари Звордараё?
Да(р) сарум ови хунук рехт.
Да(р) хамер му мешура.
Да(р) хамермодонуш каҷуки орд нест, мега серум.
Да(р) ҷувонишам ичӣ набуд, оли ку пируст.
Да(р) шпуш сувор шдаё?
Да(р) шурвои мо сухт.
Дев кира мезана? – Пустинакира.
Дила болои гурда бмон.
Дилша ки нафора, бмонуш бирава.
Даста ба косаи тар намебара.
Ду по да як чамус.
Дур нара, гургут нахура, қариб наё, шаклта набинум.
Духтарина – санги флахмон.
Зубонуш гирди саруш мепеча.
Имсол задум сумба, соли дига меҷумба.

Ишқ дарди бедавост.
Ка(ҳ)дон будӣ, холӣ шудӣ.
Кал доим тоқӣ мешура.
Каргас вахти мурдан Помер мера.
Лави таблук омадаст.
Мо ёри равундаем, ами каппа басуст.
Нест мулки пударут, хандақи пеши барут.
Нона ба гадоӣ намёва, да боғи зоғон ридани.
Осиёв ба навбат меган.
Пас мебина, пеш медава.
Пеш аз туй тум-тум.
Пишука пову қудумуш.
Пишукша пиш намеган.
По ба лави гур.
По неву сапал.
Пустут чанд ҷувол ка(ҳ) мебара.
Пустинма чапона напушм.
Руба ё шер омадӣ?
Рулушмки та(ҳ)хароб.
Рута Худо бибина.
Рут ба куни дег.
Рута ба панҷ панҷа сияҳ кардай.
Санга, ки да қул партовӣ.
Сари салла мебина.
Сияҳдарунӣ нак(у)н.
Сузангулуи ғудорашикам.
Султон омад ай Қошғар, ай чушм куру ай по шал.
Суқсуқа нафармо.
То сару фусук расидем.
Тумбара ай гӯш ут бупарон.
Ту фулу, му труқ.
Фандукта ба худут бгу.
Фандуш да ҷебуш.
Фонаи чуб ай танаи чуб.
Хафхури паси дар.
Хоки қоқ ба девол намечаспа.

Хокистардони пударут иҷо набоша, чӣ лоф мезанӣ?
Худта бармол нандо.
Худта иқа нагӣ.
Худта напшевон.
Худша ба нодонӣ мезана.
Худша морворӣ да афтов питов дохтаст.
Чӣ харворӣ патра задай?
Чуба метурӣ?
Шахи намкаш.
Шинанда барои раванда.
Як бор сарта ба тойсарӣ бимон.
Як гови рхин ҳамара рхин мекуна.
Як качук мондаст.
Яксаду сӣ сута задум, мурча хабардор шуд,
Пашша омад, зад лағату фили мо мурдор шуд.
Қатиш ба му раҳ гаштан.
Ҳарҷо, ки тую посуст, Газнии мо руққосуст.
Ҷувонӣ рӯз ба руз, пирӣ як руз.[1]
Аз гандадара гандашамол меояд.
Аз гови шохзан ағели холӣ беҳтар.
Аз чакук гурехтем, да борон мондем.
Ба бебузука Худо буз надиҳад, аз ҷиг-ҷига ҳама кар мешан.
Ба чак задан рут сурх намешад.
Гап бзанум мезанадум, дам бзанум, мебарадум.
Гап да(р) гандаю шупуш да(р) ҷанда.
Да(р) рузани кофар задан.
Дули ману дули ман, ш(и)ками чақури ман.
Де тау де боло, шандақ бузан.
Дунё, ки ба коми нокасон розӣ шуд,
Асп(ҳ)о рафтану харкура тозӣ шуд.
Мардум да(р) куҷо кучу девона да(р) сартурошӣ.
Мо ба шумо на гундушк, аз сари и хор ба сари ӯ хор,
Мо ба шумо на харгӯш , аз таи и пуш ба ӯ пуш.
Одамҳо ҳар қисм зиндагӣ мекунан: як қисм гирди алови

1 Гирдоваранда: Қучқорова Раъно.

зиндагӣ мегардан(д), як қисм як бор да(р) даруни алов медароян(д)у мебароян(д), як қисмуш доим да(р) даруни алови зиндагӣ месӯзан(д).
Паст бдрав (бидарав).
Рубука ба чухт задаст.
Рут қурут.
Фоси фос – чундури нос.
Хар ба мурдануш бошад, боруш да раҳ намемона.
Шикамсери чушмгӯш на.
Ҳавои ганда хуб мешад, одами ганда хуб намешад.
Ҳар як кас бараката аз прничуш мегирад, ага нагирад, Макка брад, меояд, бебарака.
Ҳезумуш троша, ҷези зануш чӣ боша?1
Ай бекорӣ – кадукорӣ.
Ай бечорагиш луқмара зоғ ай да(ҳа)нуш мебара.
Ай сивуду дандонуш гап намебароя.
Зувордарара Ғардез нагу.
Ай як сувор чӣ гард мехеза.
Аспта хар нагуфтем.
Ба худуш батпаз неву ба диго кочитев.
Ба хурдан, ки сер нашудӣ, ба лесидан намешай.
Бахш ҷудову дандон осуда.
Бегона агар вафо, кунад хеши мануст.
Ин гург агар пашм диҳад, меши мануст.
Бедард давои дарда кай медона?
Бозӣ-бозӣ, мурдум ай хафанозӣ.
Вирди банда – гирди банда.
Да(р) замбурэча, ки санг бзанӣ.
Дил,ки бӯсуза, ай чушми кур ов мереза.
Лухчук да пуштум, Худо накуштум.
Марда дар сафар мешиносан.
Моро аҷаб ояд, ки аз ин зан писар ояд.

---

1 Гирдоваранда: Бодурбекова Муродбегим (1975), зодаи деҳаи Мулвоҷ, сокини ш. Душанбе.

На ба Худо бандаву на ба подшоҳ раят.
Об ай сари мо гузашту лабҳо ташна.
Ови рехта ҷамъ намеша.
Пеши табиб нараву ай дардпахсида бупурс.
Пойлуч ай ов далер.
Ризқта, ки да сари санг мондӣ, зоғ мебараш.
Хуб, ки шуд, ай мову ганда, ки шуд, ай ту.
Худо дергири сахтгируст.
Эй нокардакор, туро ба ин кор чӣ кор?
Як сару ҳазор савдо.
Як сарукуш як соекуш.
Ҳамсоя – даст соя.
Ғурбатзадаро ёди ватан меояд.
Ҷигар ҷигару дигар дигар.[1]
Адаб тоҷест аз нури Илоҳӣ,
Ниҳӣ бар сар, бирав ҳарҷо, ки хоҳӣ.
Аз бесамарӣ касе ба маҳсад нарасад.
Ана гуй, ана майдон.
Ба мардум табибу ба худут ғариб.
Ба хар бастана лоиқ нест.
Ба чил бангира авқот.
Бедардонро бод аз таг мевазад.
Буза ғами ҷону қассоба ғами чарву.
Гов ки омад, гусола мехезад.
Дарди му ба ту девол.
Душман, ки камбудӣ дига(р) наёфт, мегад думби сагут каҷ.
Ёфтӣ худша бизан, наёфтӣ ҷо(й)ша бизан.
Зеби гардан аз муҳра.
Кал ай ки камуст?
Кӣ мегад хамери му туруш?
Кори бача – хача.
Кури худу бинои мардум.

1 Гирдоваранда: Муборакшоева Бибисултон (1958), сокини деҳаи Шамбедеҳ.

Мезанумут, аз Қундуз тарбуз миёрӣ.
Муши дар омад муши хонара баровард.
На орои шиштану на орои хестан.
Номарда баъди ҷанг ёд миёяд.
Пишук думбара бурду калидон сахт шуд.
Рӯбоҳ думша гувоҳ мекашад.
Рузум биде(ҳ), ки ҷонум ба осонӣ барояд.
Сабр кун, аз ғура ҳалво мепазад.
Саг аз мо, ҷахидан ба боми дигарон.
Саг меҷахад, корвон меравад.
Сакал дарида рӯ ба порги.
Сари мурда чӣ руболо, чӣ калапо.
Сера чӣ парвои гӯш на.
Симурғ ба кӯҳи Қоф нолон аз зан.
Хари мурда полонуш заррин.
Хар ба мурдануш бошад, боруш намемона(д).
Хар, ки пир шуд ирға меша(д).
Хушгов ворӣ мезанумут, пахта ворӣ мешукуфӣ.
Хонашери майдонғариб.
Хубони ҷаҳон ҳар чи кунанд, хуб ояд.
Чил дари чавгонира шандақ задум, чита му ноқобилум?
Чил калу чил калбача,
Сари ҳар кал яки чумча.
Шерону (ҳ)арифона надодум гардан,
Шафтолуи пажмурда чӣ ҷои хурдан.
Шутур каҷии худша намедона(д), ба дигар(ҳ)о каҷ мегад.
Ҳайфи атлас ба чалфас.
Ҳар кас бачаи падари худуш.
Ҳар ки оши худша чумча бизана(д).
Ҳар мор ба эчаи худуш рост.
Қурбоққа шӯ дорад, обру дорад.
Ҷо(й)ҳо ҳама ҷою сад во ифчуки мо.
Ҷомаи бамаслиҳат кутаҳ намеояд.[1]

1 Гирдоваранда: Ғоибназарова Лаълбегим (1943), зодаи деҳаи Баршор,

# ОХИРСУХАН

Эҷодиёти шифоҳии ҳар як халқияту миллат ифодагар ва бозгӯкунандаю ифшогари таърих, суннат, этнография, табиату характер, вазъи рӯзгор, мавқеи ҷуғрофӣ ва эҳсосоти дорандагону барандагони эҷодгари ин эҷодҳо мебошад.

Тибқи тадқиқоти пажӯҳишгарони риштаи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, фолклори мардуми тоҷик таърихи хеле тӯлонӣ дорад ва дар тӯли мавҷудияти худ аз ҳисоби теъдоду шакли эҷодҳо рушду пешрафт намуда, дар фосилаи замону маконҳо ғанӣ шуда, то ба наслҳои давронҳои баъдӣ омада расидааст.

Агар ба таърихи суннатҳои мардуми тоҷик мутаваҷҷеҳ шавем, собит мегардад, ки онҳо аз лиҳози мазмуну ҳадаф дар умум яке ҳастанд, вале дар иртибот ба мавқеи ҷуғрофӣ, вазъи зиндагӣ, табиат ва муҳити зисти мардум байни онҳо фарқияти ҷузвӣ ё гоҳо куллӣ ба назар мерасад. Ба пайдо шудани ин гуна дигаргунӣ дар шаклу маънии суннатҳои мардумӣ омилҳои зиёде таъсир мерасонанд.

Барои тасдиқи ин андешаҳо таваҷҷӯҳи кӯтоҳе ба жанри рубоӣ ва сайри таърихии он мекунем, ки агар рубоӣ аз ҷониби як нафар эҷод шавад, аз даҳон ба даҳон гашта, дар маҳалҳои гуногун аз худ карда шуда, эҷодгарон ва ровиён вобаста ба маҳали зисту вазъи рӯзгору завқи худ дар он номе ё маъниеро ҳазф карда, исме ё андешаеро зам кардаанд. Ҳамин сабаб шуда, ки як рубоӣ метавонад 2-3 қарина ё бештар аз онро дошта бошад. Ин амалро мо нисбати жанрҳои дигари фолклорӣ (дубайтӣ, афсона, қисса, ривоят, чистон, мақол ва ғ.) низ мушоҳида карда метавонем.

Ғорон як қисмати ноҳияи имрӯзаи Ишкошим мебошад, ки дар тарафи поёнии он ҷойгир шуда, дар самти роҳи сӯйи шаҳри Хоруғ ҳамшафат бо ҳиссае аз ноҳияи Шуғнон

---

сокини ш.Маскав.

мебошад ва қисмати болоии он ба маркази ноҳия пайваст мешавад.

Намунаи эҷодҳои мардуми Ғорон равшангар ва баёнгари ҳолати рӯҳӣ ва рӯзгори сангини мардум мебошанд. Бубинед дар рубоии зерин модар барои фарзанди дурмондааш, ки дар аҳди пештар ба кишвари афғон барои мардикорӣ рафтааст, оҳ дар дилу забон дорад ва аз қалб модарона фарёд мекашад:

*Дар роҳаки афғон гулаки анҷирум,*
*Бачама бугу, ки модари дилгирум.*
*Дилгирии дилма Худо худуш медона,*
*Дигар чӣ кунум, раҳи дароз раҳгирум.*

Мардум бештар ба тавассути рубоӣ, дубайтӣ ё фард ғаму андӯҳи рӯзгори миёншикан ва тоқатфарсоро бо алами даҳчанд иброз мекарданд ва шакли назмии гуфтор мушаххастар, муассиртару созгортар будааст.

Модар бо ранги заъфаронӣ (каҳгили девор) дар бистари беморӣ афтода, дар рӯёрӯи аҷал қарор дорад ва ба одами ба дил наздиктарин – духтараш дар қолаби рубоӣ ҳолати худро бо гӯиши ғоронӣ ифшо намуда, ҳушдор медиҳад, ки духтараш зуд ба дидани модараш ҳозир шавад, то барои дидорбинӣ дер нашавад:

*Духтарма бугӯ, ки модарут беморуст,*
*Рангӯш ба мисоли каҳгилу деворуст.*
*Духтарма бугу, қадамша тез бндоза,*
*Ҳушуш рафтаасту маътали дидоруст.*

Дар рубоиҳо баъзан ишораҳо ба таъриху зиндагиномаи мардум шудааст, ки метавонад ба дигарон ҳам маълумоти таърихӣ муҳайё намояд ва ҳам тасдиқ бар вуҷуди ҳаводису воқеоти таърихӣ гардад.

Дар авроқи китобҳои таърих ва хотираҳо сабт шуда, ки

замоне мардуми зиёд, аслан духтаронро аз деҳаи Хасхоруғи Ғорон ба диёри Қундузу Толиқони Афғонистон чун ғанимат мебурдаанд. Волидони аз фарзанд дурмонда ва дар муқобили ин зулмҳо беқудрату бе пушту паноҳ шабу рӯз нолаву фиғон доштанд ва аз Худованди мутаъол умедвору интизор буданд, ки фарзандашон рӯзе ба хона бармегардад:

*Дар Қундузу Толиқон дили ғамгинут,*
*Шабҳои дароз ду пой дар занҷирут.*
*Як рӯз агар Худо мар(ҳ)амат бикунад,*
*То рӯз шавад, ила шавад занҷирут.*

Дар ин миён дубайтиҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки розу ниёзи ошиқона аз рӯдхонаи қалбҳои пурҷӯшу хурӯши ҷавонон мисли мавҷи нооромм бадар меоянд. Духтаре аз дурӣ ва ҷудоии маҳбубаш сиришк бар дида ва оташ бар ҷигар менолад ва лоилоҷ аст. Танҳо бо навиштани номи ошиқаш дар барги гул дили нозукашро таскин бахшиданӣ мешавад:

*Аз дурии дуриҳо ҷигар гашт кабоб,*
*Аз дидаи интизор мерезад об.*
*Дилсуз надорум, ки кунум пайғомут,*
*Дар барги гули сурӣ нависум номут.*

Ё ки қалби духтари ошиқ дар фасли баҳори дилангези Ғорони хушманзара ба ваҷд омада, зебоиҳои кӯҳу камари Ғоронро бо ревзаку торону пиёзи кӯҳӣ васф месозад ва пас, номи дилдодаашро ба забон оварда, ӯро дар миёни ин ҳама зебоии баҳорон дидан мехоҳад:

*Ревзак, ки ба куву камари Ғоронуст,*
*Як пораи ними дигаруш торонуст.*
*Росто биравӣ, пиёзи хушбу дорад.*
*Собир ба миёни ҳардушон меҳмонуст.*

Як арзишу хасоиси ҷаззоби ин намунаҳои назми мардумӣ дар он аст, ки дар онҳо ҳақиқату самимият бештар мавқеъ дорад, ҳар андешае, ки баён мегардад, забони дил ва ҳарфи рӯзгори гӯянда аст. Имрӯз ҳам ин намунаҳои дилнишини назми мардумӣ, махсусан, дар хотири афроди калонсол ва инчунин нафарони ҳунари эҷоддошта ҳифз шуда, ба наслҳои баъдӣ интиқол мешаванд.

Фолклор маҷмӯи мероси пурғановати мардумӣ буда, дар тӯли солиён ва асрҳо эҷод гардидаанд. Дар ниҳоди ҳар ҳарфу вожаи ин офаридаҳои халқ замону макон, орзую омолу ормон, умеду навмедӣ, заъфу рушд, хандаву гиря, ишқу нокомӣ, дарду дармон, васлу ҷудоӣ, шавқи зиндагию ғами марг садо медиҳанд. Истилоҳи фолклор маҳфуми хеле васеъ буда, мураттиби ин китоб танҳо ба баъзе ҷабҳаҳои он таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Дар ин китоб бештар жанрҳои рубоӣ, афсона, мақолу зарбумасал ва ривоятҳои водии Ғорон гулчин шудаанд.

Жанрҳои рубоӣ, афсона, мақолу зарбумасал ва ривоятҳо дар байни мардуми Ғорон хеле маъмуланд. Мавқеи ҷуғрофии хеле ноқулай, муддати дарози роҳбандию зимистони тулонӣ мардумро водор месохт, ки ба ингуна эҷодиёт рӯ оваранд. Мардум дар дегдонҳо алав монда, вақте, ки алав паст мегардид пойҳояшонро ба дегдони гарм монда ба ҳамдигар қиссаву афсона ва ривоятҳо нақл мекарданд. Дар баъзе мавридҳо “ рубоибарак” низ ба авҷи аъло мерасид. Гӯяндагони рубоӣ ба кадом ҳарфе, ки рубоиашонро тамом мекарданд бояд шахси дигар аз ҳамон ҳарф рубоии дигарро мехонд. Ҳамин тавр, ин эҷодиёти халқ аз даҳон ба даҳон гузашта то ба замони мо расидааст.

Рубоиёте, ки дар мавзӯи марг сароида шудаанд, дар байни мардуми ин водӣ хеле маъмул буда, қарнҳо аз забон ба забон мегузаранд. Ин рубоиётро занҳо бо савти махсусе дар рӯзҳои азодорӣ месароянд. Марг бо вуҷуди сахтии ҳаёти пешини кӯҳистон даҳшаттарин рӯз барои модар, падар, хоҳар, ҳамсар ва хешу пайвандони шахси фавтида ба

ҳисоб мерафт. Дар ин рубоиҳо тамоми ҷиҳатҳои марг аз беморӣ то фавт инъикос меёфтанд.

*Дунё реш асту кори дунё реш аст,*
*Вои мани бечора, ки марг аз пеш аст.*
*Гуфтум биравум ба хок насубат букунум,*
*Суҳбат кардум, ки хок бар мо хеш аст.*

*Зардолуи зарди ғурарангем ҳамамон,*
*Мо пиру ҷавон насиби маргем ҳамамон.*
*Мо хурду калон дуруза шодӣ бикунем,*
*Дар гӯш аи як манзил хобем ҳамамон.*

Падаре сахт бемор буда, мурданашро аниқ медонад, аз нокомӣ дар назди аҷал ва ятим мондани фарзандонаш гуфтааст:

*Рӯзе, ки фалак қасд кунад бар ҷонум,*
*Бо зорию бо зурӣ бигирад ҷонум.*
*Аз рафтани ҷони худ надорум парво,*
*Мансури сағеру Зумради ҳайронум.*

Марг зишттарин рӯз аст:

*Рӯзе, ки забон дар даҳонум лол шавад,*
*Ду дидаи равшанум шаби тор шавад.*
*Ҳушум буравад ҳар тарафе сайру само,*
*Ҷон дар кафи золимон гируфтор шавад.*

Дар ҷойи дигар аз абадӣ ба хонаи дарбаста (гуристон) рафтани гуландоме гуфта шудааст:

*(Ҳ)айфи гулукум, гулум гули гулдаста,*
*(Ҳ)айфи қадукуш ба хонаи дарбаста.*
*Аз он ки уро бурдан ба хоки туда,*
*Санг донаду хоку қолиби носуда.*

Дар замони қадим сокинони Ғоронзамин аз зулму шиканҷаву асорати афғону узбак хеле азият мекашиданд.

Мегӯянд, ки замоне дар деҳаи Хасхоруғ марду занро кучрон карда (пеш андохта), ба Қундузи Афғонистон мебурдаанд. Дар роҳ дам мегиранд ва ду духтараке (ду хоҳар) ба сари санге нишаста бо шеваи ғоронӣ фалак мезананд:

*Рӯзе, ки Алӣ қодири ҷаббор шавад,*
*Пастиву баландӣ ҳама ҳамвор шавад.*
*Аз оҳану фулод бӯсозанд занҷир,*
*Занҷир ба гардани ситамгор шавад.*

Ин фалаки маҳзуни духтаронро саркардаи онҳо мешунавад ва чунон муттаассир мешавад, ки фармон медиҳад, духтаронро баргардонида ба макони зисташон бурда расонанд. Мардуми водии Ғорон, ки дар соҳили дарёи Панҷ зиндагӣ доранд, барои кор ва ризқи фарзандон ба он сӯи дарё (он вақт сарҳад набуд) рафта бе ному нишон мегаштанд. Ҳамаи ин дар забони модару ҳамсар ва хоҳари онҳо рубоӣ мешуд:

*Ай майдагулум, гуле ба буют нарасад,*
*Румолаки мушкинут ба руют нарасад.*
*Дар шаҳри афғон хубру бисёр аст,*
*Ҳеҷ гуна касе ба тори муют нарасад.*

*Як бачеки майдекукум аз ов уря,*
*Пеғому салом кардум наомад иря.*
*Як қавза гула ба хуни дил тар кардум,*
*Шояд, ки ба бӯи гул биёяд иря.*

Дурию ҷудоӣ аз фироқи ёру дӯст дар эҷодиёти даҳанакии мардуми водии Ғорон зиёд ба назар мерасад:

*Аз дурии дуриҳо ҷигар гашт кабоб,*
*Аз дидаи интизор мерезад об.*
*Дилсӯз надорум, ки кунум пеғомут,*
*Дар барги гули сурӣ нависум номут.*

*Ёди ту кунум дилум тапидан гира,*
*Ови дидам ба рӯ чакидан гира.*

*Ови дидам, ки мерава ҷӯй ба ҷӯй,*
*Дар ҳар сари ҷӯ сабза дамидан гира.*

Ин як қатрае аз эҷодиёти шифоҳии мардуми Ғоронзамин аст, ки тадқиқи муфассал ва ҳарҷонибаро тақозо дошта, дохил намудани он ба адабиёти китобӣ аҳамияти пурбаҳои илмӣ ва тарбиявӣ хоҳад дошт.

Дар хусуси фолклори ин ҷо муҳаққиқони бумӣ дар ковишҳои илмиашон ҷо-ҷо таъкидҳо карда, ба ин ё он муносибат аз фолклори ин қисмати ноҳияи Ишкошими Ҷумҳурии Тоҷикистон алгуе ҳам овардаанд, аммо чун тадқиқи маҳзи фолкори Ғорон ҳадафи онҳо набуда, ба маълумоти хеле мухтасар иктифо кардаанд.

Воқеан, дар ин самт донишҷӯёни риштаи филологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев низ баъзе корҳоро анҷом додаанд. Онҳо намунаҳоро аз эҷодиёти шифоҳии мардуми Ғорон ҷамъоварӣ намуда, бар масдари ин мавод корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломӣ таълиф кардаанд. Аммо ин корҳо наметавонанд он маъноро натиҷагирӣ кунанд, ки дар ин росто дигар коре намонда, мурочиат ба фолклори мардуми ин минтақаи тоҷикнишин минбаъд бемантиқ хоҳад буд. Ҳаргиз не.

Ҳатто ин китобе, ки дар он намунаҳои фолклори бошандагони Ғорони ноҳияи Ишкошим гирдоварӣ шудааст ва алъон барои нашр омода мегардад, наметавонад фарогири кулли эҷодҳои мардумӣ бошад, дар ин самти ковиш асоситарин корҳо ҳанӯз дар пеш хоҳанд буд.

Танҳо ин нуктаро метавон таъкид намуд, ки ҳанӯз китобе нашр нагардидааст, ки маҳз намунаҳои фолклори мардуми Ғоронро дар бар гирифта бошад. Аз ин рӯ, нашр шудани чунин китоб қадами нахустин ва амсоли гоми тифлона хоҳад буд, ки ҳанӯз комил нашуда.

Ҳадаф аз ҷамъоварии маводи фолклории мардуми Ғорони ноҳияи Ишкошим ва нашри ин китоб танҳо як чиз аст, ин намунаҳои мардумӣ, ки ҳанӯз байни донандагони суннату таърих баробар ба ҷилд-ҷилд китоб хоҳанд буд,

аввалан, рӯйи саҳифа омада, ҳифз шаванд, дуввуман, барои аҳли илми фолклоршиносӣ ва доираи васеи ихлосмандони эҷоди бадеӣ дастрас гарданд ва саввуман, ҳушдор ва ишорае барои муҳаққиқони ин соҳа аст, ки ковишро дар ин самт аз пештар бештар намоянд.

Ин намунаҳои гирдовардашуда шаҳодат медиҳанд, ки танҳо дар як гӯшаи начандон калони Тоҷикистони мо чӣ қадар эҷодҳои ғании мардумӣ бо мардум ва байни мардум ҳастанд ва чӣ қадар арзишманд мебошанд.

Инак, китоби «Ганҷинаи Ғоронзамин» (намунаҳои фолклорӣ) ба хонандагон пешкаш карда мешавад. Бешубҳа, ҳар навишта наметавонад аз хато орӣ бошад ва китоби мавриди назар низ аз ин истисно нахоҳад буд.

Ин китоб афсона, нақлу ривоёт, рубоиёт, дубайтиҳо, мақолу зарбулмасалҳоро дар бар гирифта, дар охир луғат ва тавзеҳот ҷой дода шудааст.

Матни рубоиёт, мақолу зарбулмасалҳоро бештар дар ҳамон шакле, ки мардуми ин маҳал талаффуз ва қироат мекунанд, ҷой додем.

Ниҳоят, чопи ин китоб як кӯшише хоҳад буд, то барои дӯстдорони каломи бадеъ аз фолклори мардуми Ғорон ҳамчун «муште аз хирвор» намунаҳо пешкаш карда шаванд.

***Лаълҷуба Мирзоҳасанов,***
*номзади илми филология, дотсент,*
*устоди Донишгоҳи давлатии Хоруғ*
*ба номи Моёншо Назаршоев,*
*Раиси бахши бадахшонии*
*Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон .*

***Зарнигор Муборакшоева,***
*Аълочии Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*корманди Китобхонаи вилоятии ба номи А.Рӯдакӣ.*

# ЛУҒАТИ ВОЖАҲОИ ЛАҲҶАИ ҒОРОНӢ

## А

Авгор – афгор, заифу нотавон
Агане – агар не
Ай боисти ту – аз барои шумо
Айкал – тумори гардан
Айлоқ – маконе, ки тобистон раммаро он ҷо мебаранд
Айхрда – аз дилу ҷон
Айёл – зан, оила
Айғир – аспи нар
Ази – аз ин
Ала – ало, сиёҳу сафед
Алабӣ – зарфи хурокхурӣ, коса(шояд аз калимаи “Ҳалаб”(шаҳри Сурия) бошад)
Аламон – роҳзан
Алафту балафт – сафсата
Алахшоу – ҷоғ
Алба – албатта
Алов – оташ
Аловшурук – сим ё чӯб, ки оташро бо он мекобанд
Алочаи абрешум – як навъи матоъ, атлас; карбос
Алоҷонук – эй ҷонак
Амбарӣ – алафи хушбӯй
Амбӣ – сангтӯда
Амел – муҳраи гардан
Ами – ҳамин
Аму – ҳамон
Амтарӣ –ҳамин хел
Амуқа – ҳамон қадар
Анчан – асбоби рузгор, ки аз химча тайёр карда мешавад
Ар мезана – гиря мекунад
Аргон – ҳар гоҳе
Аргу – аз ин гӯш ба он гӯш
Арқа – камар, китф
Афтафам – ба маънии гап дер мерасидагӣ

Афтов – офтоб
Афунат – зирак
Ахман – як навъ растании буттагии мевадор
Ағел – оғил
Ақибнагӣ – аз қафо мерафтагӣ

**Б**

Бадмош – бадхислат, бадхӯ
Балафта – сафсата
Ба лиёз – ба номи, ба эҳтироми (Ба лиёзи Худо, ин кори хуб нест)
Байтал – аспи модиён
Бандук, банд – гузаргоҳ аз як кӯҳ ба кӯҳи дигар
Банду баст – паймон, шарт
Бармол – пуштаи нишебдор
Барзангӣ – калонҷусса
Бару бер – бетафовут, фарқ надоштан
Бат – як навъи таоми миллӣ
Бач-кач – бачаҳо, кӯдакон
Башол – як навъ растании буттагӣ
Бдорд – номи мавзеъ дар Ғорон
Бдяд – бидиҳад
Бест –исто
Бетавфиқ – бетолеъ
Биёр – додар, бародар
Бибизук – бибизан
Бишурем – бикобем
Бландор(д) – ордмонак ё орддор.
Бландзком – пуртақал, нозгар
Бодӣ – ҳавобаланд
Бозпарон – боз(паранда), ҷоест дар хонаҳои қадимии бадахшонӣ, дар интихоби мансаб боз мепарронданд, ба сари касе менишаст, ӯро ба ҳамон мансаб интихоб мекарданд.
Болқа – болғаи майда
Бомунда – дар сари бом

Бон – бимон
Бона – баҳона, бонек – баҳонаяк
Бшава – шавад
Бтук – як навъ зарфи гилин (барои говдушӣ истифода мешавад)
Бугет – бигӯед
Будана – бедона (парранда)
Бӯйдоқ – безан
Булуқ – баромада (шикастани ягон узви бадани инсону ҳайвон бо сабаби лат хӯрдан)
Булфмандӣ – безеб
Букулук – гӯсолаи нари то яксола
Бур-буру, қур-қур – беҳудагуӣ
Бурбаргон – барраҳои ҷигариранг
Бурсоқ – як навъ хӯрданӣ, ки аз орду равған тайёр мекунанд
Бут – пойафзол
Бух – ҳашаротҳои майда
Буча – бузғолача
Буқпушт – кузпушт
Буғма – варами рудаҳои ҳайвони хонагӣ
Бучих – хунукхурда

**В**

Валч – чӯбчаҳои борике, ки дар шифти хонаи бадахшонӣ истифода бурда мешаванд.
Вархато – парешонхотир
Вархурдан – вохӯрдан
Варшо-варшо – ҷудо кардани баррабуча
Вақӣ – яку якбора бармадан; ҷонат ваќи мешад – марги нобаҳангом
Ваҷаб – меъёри ченкунӣ бо кафи даст
Вега – бегоҳӣ
Верак – барраи нозоида
Видук – ресмон
Вирд – мақсаду маром, ҳар сухане, ки аз даҳон мебарояд

Вовайло – бесаробон
Волида – зани халифа
Волч – ҷӯйчаи замин
Ворӣ – барин, монанд
Воскат – калтача (аз калимаи англисии “waist-coat” гирифта шудааст)

**Г**

Гана – ҷавоҳирот
Гармиёна – хӯрокҳои серғизо
Гилам – бӯрёи аз мӯи буз тайёркардашуда
Гирондагӣ – ҳазм нашудани ягон хурок дар меъда
Гир кард – нигоҳ доштан,истодан
Гирягар – касе, ки дар маъракаи азодорӣ фалак мезанад
Говдуш – зарфи говдӯшии сафолин
Гувора – гаҳвора
Гузар – гузаргоҳ
Гулак – ғулак
Гулмола – гилмола, андова
Гундушк – гунҷишк
Гурдкан – асбоби оҳанин барои кандакорӣ дар чӯб
Гурм – озахи дарахт; гурмаш пухт – ба мақсад расид
Гурҷик – саги гурҷӣ

**Д**

Дамахук – чуқурии таги танӯри бадахшонӣ.
Дамбуқ – мурдани ногаҳонӣ
Дами – дар ҳамин
Дангон – аллаи гуфта навозиш кардани кудак
Даргов – дарёчаи кӯҳ ӣ
Дар додан – оташ задан
Дарза – бастаи алаф
Дарёб кардан – расидан ба
Дастак – чӯбҳои ғафсе, ки барои болопӯши хонаи бадахшонӣ истифода бурда мешаванд
Даствона – дастбанд
Дастфилол – дар айни ҳол, ҳозир

Де – бизан
Девдахамуч – саросема
Девол – девор
Дегдонпочук – дегдончае, ки аз санг омода мекунанд(дар рӯи ҳавлӣ)
Дзунд(ак) – матоъе, ки таги пуштбораи ҳезум монда мешавад
Дзингонмарак – гирёнру
Диго – дигарҳо
Дилгир – зиқ, пазмон
Додӣ – падар
Дол – шоху барг; долу дарахт – шоху барги дарахт
Донг – калатак
Дохтаем – андохтаем
Дошмӣ – заифа (ба ҳамин дошмӣ нарасед)
Дравш – сӯзани музадӯзӣ
Дридук – пора шудагӣ
Дувот – сиёҳидон
Дугӯша – зарфи хӯрокхӯрӣ
Дукон – ҷои хобравӣ дар хонаи бадахшонӣ
Дулдул – номи аспи Ҳазрати Алӣ
Дул – асбоби осиёб, ки ғалларо дарунаш мерезонанд

**Е**

Евар – бародари шавҳар
Ё
Ёл – кокул
Ёлбур(ида) – шарманда,бадбахт
Ёғӣ – қаҳрӣ
Ёғурда – ҷойноми маконест дар Ғоронболои Бадахшони Афғонистон

**Ж**

Жбеқ – қадпаст
Жулида – назарногир

## З

Заб – аҷаб
Занемук – зани амак
Зангор – заифии пеш аз марг
Занхолук – зани таға
Зашук – як навъ растании хордор
Зақаҳ (аз забони шуғнӣ) – зиққӣ, ранҷ
Зил задан – парешонхотир, хаста
Зира – борикмиён
Зоду зулук – аҳли хонавода; авлод
Зояъ (зоеъ) – ҳайф
Зувор – номи мавзеъ дар Ғорон
Зувордара – дараест дар Ғорони Афғонистон
Зух, гурм – ҷои буридаи шохи дарахт

## И

Ила – кушода
Ила – ҳила, найранг
Иря – ин сӯ, ин тараф (одатан, ин тарафи дарёро дар назар доранд)
Ирға – юрға, тозӣ
Ису – ин сӯ, ин тараф
Ифчук – зодгоҳ
Ичи – ҳеҷ чиз
Ичмал – ҳаргиз, асло
Иқа – ин қадар

## К

Кавлез – чумчаи калони чӯбин
Кавш – пойавзоли чӯбин
Кадхудо – зангирифта,оиладор
Кайбону – кадбону
Калапо – сарнишеб
Калатон – сабилмонда, вайрона.
Калова – кулулаи ресмон; сари каловаро наёфтан – раҳгум шудан

Калчук – вайрона
Камафсала – нолоиқ
Кампал – курпаи аз пашми гӯсфанд тайёркардашуда
Кандан – ҷои чуқури душворгузар
Кандина – навъи зарфи калон аз саргини ҳайвон
Каппа – хоначаи аз як тараф кушода, ки дар айлоқ аз шоху барги дарахт сохта мешавад
Каср – ситам, зулм
Касот – соҳиб
Катук – аз расан ба ҷои гаҳвора истифода бурда мешавад
Качак – зарфи обхӯрӣ
Каш – бағал; таи каш – зери бағал
Каштал – гиребон
Качуфч – асбоби рӯзгор, ки аз химча бофта мешавад
Каҷова – як навъ асбоби рузгори аз химча бофташуда
Кизлик – кордча, чоқу
Кину кудурӣ – кину адоват
Килет – вайрон
Кочитев – ширатола
Кошт – асбоби коҳкашӣ
Коҷ – олус
Крич – ҳуҷра барои зист дар айлоқ
Кулвор – борхалта аз пусти ҳайвон
Кулулбурҷ – санги кулула
Кулус(ук) – нони арзан
Курра – бачаи асп, бачаи хар
Кургиреҳ – гиреҳи душворкушо, кӯргиреҳ
Курти – нимтана (либос)
Курук – мурғи бетухм; саркурукӣ – фарзанди охирон.
Кутал – ағба
Кутара – бисёр
Кучук – сагча
Куч-кучоник – як намуди кирм
Кушо – куҷо

## Л

Лабмолаб – пуропур
Лавда – ёвагуй
Лаган – лаълӣ
Лайлай – аллаи модар
Лаковез – овезон
Лаппӣ – танбал, фарбеҳ
Ларфук – саргини қоқшудаи гов
Лата – рӯймол
Лахук – асбоби осиёб
Лашу калтук – чӯбҳое, ки дар як навъ бозии наврузӣ истифода мешаванд
Лағна – мол, рама
Лаҷоҷ– сафсатагӯй, беҳудагӯй
Лесук – хуроки гов барои шир додан
Ли – ғарами коҳи сабз
Ликук – панҷаи майдаи дасту по
Линг – по
Лихулах омад – яъне холӣ омад
Лишт – лесид, лиштан – лесидан
Лозар – пирях, яхи сари кӯҳ, яхбастаи доимӣ
Лосук – хароб
Лохук – ба тифлони ширмак вақти гиря мемаконанд
Лоша – лоғар, хароб
Лоқ-лоқ мегарда – ҳарҷо овора мегардад
Луфчук – чӯби нимсӯхтаи сиёҳшуда
Луқ – матои кӯҳна
Луч(ук) – бараҳна
Лушм – сайқалӣ, ҳамвор
Лушмидан – лағжидан

## М

Маал – макон, ҷой
Майлис – маҷлиси шеърхонӣ
Макруҳ – ифлос
Маси – боиси, аз барои
Маътал кардан – нигоҳ доштан

Мағзор – лаби чашма,ки алафи паст дорад
Маҳмез – тез паридан
Маҷолук – санги нӯгтез барои сурмакашӣ
Меган – мегӯянд
Мепесона – бо чеҳраи бад нигоҳ кардан, бад-бад нигаристан
Млинҷумланҷ – нолон, ноилоҷ
Мланҷаст – нолаи беҳуда
Мндафуқ – бешармона дар ҳама ҷо ҳозир будан
Мндуқ – қадпаст
Моиндар – модарандар, модари ӯгай
Морек – мӯҳра
Моша – пахш кардани камон
Му – ман
Муддо дорад – мақсад дорад, маром
Му(й)бур(ида) – шарманда, бадбахт
Музвал – шармгин
Му зомин – кафолат ба касе додан
Мумо – момо
Мура – маро
Мурмаҷингон – назарногир, хиҷил
Мурмок – кунҷков
Мустек – зарфи обёрӣ
Му чум – намедонам
Муҷук – намуди зироати лубиёгӣ
Муҷрим – барҷомонда, беҳаракат

Н

Навёфта – одами чашмгуруснаву хасис
Навқон – қаҳтсолӣ, гуруснагӣ
Найники – нашавад ки
Насият – насиҳат
Насубат – суҳбат дар бораи аслу насаб
Нах – ҷойҳои иловагӣ дар дохили хонаи бадахшонӣ
Нимук – ним, як қисм
Нобалад – ношинос
Новарунд – асбоби рӯзгор барои тоза кардани косаи

хамиркунӣ
Нов – новаи осиёб, ки ба он об ба чархи осиёб мерасад
Нодор – муфлис, гадо
Нозиён – эрка
Нозукмаранҷон – зудранҷ, осебпазир
Номедӣ – навмедӣ, ноумедӣ
Норӣ – наҳорӣ
Нотарбаробар – шахсе, ки ба ҳеҷ кас рост намеояд
Ноғунҷум – норост, бо касе ҳамроҳ намешавад
Нувоса – набера
Нумук – намак
Нушур – ҷои соя
Нух – хала задан
Нхор – пасмондаи хуроқи чорво
Нухшор – хоидан
Нуқроз – қайчӣ

## О

Ов – об
Овхра – зарфи обхурӣ
Оин – оҳан
Олак – суст, беирода
Оли – ҳоли ҳозир, ҳамин дам
Олу удук, зоду зулук – аҳли авлод, хонавода
Ома – омад
Орус – арус
Отанг – асбоби рузгор барои хирманкубӣ
Офтоба – чойники дастшуӣ
Ошалф – хабар,огоҳӣ ёфтан
Оқела – душвор

## П

Пайтова – попеч аз матоъ
Палар – ҷойи хоби говҳо дар айлоқ
Палма – порунарма
Палма шуд – нарм шуд

Паркол – беҳолшуда, мондашуда
Парук – қабурға
Парук – асбоби дӯғкашӣ дар айлоқ
Партов – мондашуда, хаста
Пасук – кунҷи хона
Патлун – шим
Патра – шах шудан
Патук – намуди зироати лубиёгӣ
Патфархурда – як навъ дашном
Пахсидан – аз дард азоб кашидан
Пекам – полизи майда
Песапаркол – кори ба анҷом нарасонидашуда
Перуба – баъди кӯфтан,кидар хирман гандумро аз коҳҷудо мекунанд
Петара – камҳуш
Пешаздама– пешопеши раҳ
Пешвоз – даҳлез, долон
Пеғом – пайғом
Печил – лаби бом
Пига – пагоҳ
Пи(ҳи)л – бахшидан, хизматро пил кардан – хизматро бахшидан
Пилта – аз пахта бо равған тофта шуда, дар идҳо дар мазорҳо ва оромгоҳҳо даргиронда мешавад
Пинук – сурохии сузан
Пири ту мардон – гурези сахт
Питов – офтобрӯя
Пих – пинҳон
Пишук, пиш – гурба
Пияндар – падарандар, падари ӯгай
Пландарӣ – пеши дар
Плех – ахгари оташ
Плосидан – ба коре машғул будан, саргарми кор
Пеғом – пайғом
Плвик – пеши дар
Пога(ҳ) – фарши хонаи бадахшонӣ

Пойтахс – тухфа (барои туй)
Полун – ҷил,тукум
Потрамбак –по(й) бари девор задан; якҷо мустаҳкам исто-
дан
Порги – пораи пусти ҳайвон
Похитук – по(й) задан; ҷонканӣ кардан
Поҷома – эзор
Прам – девор
Прнич – остонаи дар
Пуз – пушти лаб
Пузикӣ – сари оташдони хонаи бадахшонӣ, ки онро
ҳангоми ба сафар рафтан зиёрат мекунад
Пули Салот – пули сирот (сироталмустақим)
Пулк – болғаи калон
Пуртук – бо тамасхур нигоҳ кардан бо ҷунбонидани лаб
Пӯсидук – пӯсидагӣ
Пшевондан – баҳоначӯӣ кардан
Пухмук – пашмакҳо
Пуш – як навъи бутта,ки барои ҳезум истифода мешавад
Пушок – либос
Пучоқ –нони хушкшуда
Пчурум – маросими қадимие, ки дар иди Навруз риоя ме-
шавад; касе бо ҳам гап намезанад то даме, ки аввалин
мард ба хона даромада, “Шогуни Баҳор муборак!”
нагуяд

## Р

Равоқ – токчаи хурд
Ранг – нахчир, бузи кӯҳ ӣ
Рафак – роҳи хатарнок
Раш – ҷуйчаҳои васеи замини кишт, лаби ҷӯйҳои обгузар,
ки алаф меруяд
Ревич – хуроке, ки аз орду равған мепазанд
Ривоҷ – кори барорёфта
Рндук – боқимондаи хурок, ки дар дег мечаспад
Росто – номи айлоқ дар Ғорон

Рокидан – бемории дароз
Рубук – ҷорубаки осиёб; рубук ба чухт – хонаи хушку холӣ
Рузан – равзан
Ручупуч – майда-чайда

## С

Сабилӣ – бесоҳибӣ
Сабилук – гург (дар айлоқҳо номи гургро ба забон намегиранд)
Сагалак – оворагард
Сайл – сайру тамошо
Сакал – як навъи пойафзол, ки аз пӯсти ҳайвонот дӯхта мешавад
Салебале – саргардон
Салот – вайрона, харобшуда
Салохта – чизи вайроншуда
Самбам – роҳгум
Сангчуб – тахтаи нишаст
Сандон – асбоби оҳангарӣ (дар коргаҳ)
Санҷ – ҷойгоҳест, дар хонаи бадахшонӣ
Сандал – як навъ пойафзол
Сапал – калонпой
Сап-сап гаштан – оворагардӣ
Саргӯш она – кинояомез гап задан.
Сар заду рафт – омаду рафт
Сариёғ – равғанеро, ки пагоҳӣ дар ширчой меандозанд
Сартакя – ҷои нишасти меҳмон дар хонаи бадахшонӣ
Сарусомон – зебу зиннат додан
Сарғ – савдоӣ
Сат – ҳангом, лаҳза, вақт.
Сахра – якрав
Сая – тезонидани кор, саъй
Сақат – кори нотамоми дурудароз, норивоҷ
Сақсақа – якчанд корро паи ҳам фармудан (ин кора кун,вай кора кун)
Сағер(а) – ятим

Сағоч – тахтасанг
Седин – номи айлоқ
Сехук – асбоби ҷураббофӣ
Сияговук – гамбӯск
Сиварӣ – боди саҳарӣ, насим
Слапуло – ҷои торик
Суворчодур – матоъи сафеди гирди бадани арус
Сулама – гуруҳи ҷавонон
Сумб – сум (суми асп, хар, гов)
Сумох – сурох, шикоф
Сундур – номаъқулӣ
Сунор – келин
Сур – бадповуқадам, зиштрӯ
Суроқ кардан – пурсу пос кардан
Сута – чӯб, калтак
Сутхон – устухон
Суфа – пешайвон, дӯконча
Сухи аму сат буд – хуштарин рӯз ҳамон буд
Сфаниҷ – ҷойи баромаду даромад ба хона

**Т**

Та(ҳ) – поён
Таасуб – дар коре ба ҳамдигар нигоҳ кардан,аз дилу ҷон кор накардан
Таванҷа – бо чуб ва расан маҳкам кардани дар
Тавар – табар
Тагов – поён аз айлоқ
Тайпуштӣ – либоси корӣ, барои бор кашидан бо пушт
Танбон – эзор,поҷома
Тал – болои ҳам, тал задан – болои ҳам чидани ягон ашё
Таликча – муҳрадони арус
Талух – чизу чораи арус
Тамус – гармои тобистон
Тарбед – чуби ғавс
Тарит – хуроки чорво (ба коҳи сафед илова кардани об,орд,намак)

Такя – тагсарӣ, болишт
Тағора – зарфи сафолин
Тақалӣ – калонкор, ҳавобаланд
Та(ҳ)ҷома – намуди либос
Тевидан – аралаш кардан; калавидан
Тездору – дорӯи камон, борут
Тези – ба зудӣ, даррав
Тепук – қабурға
Тесук – оғили баррачаю бузғолача
Тер – гузаштан
Теп – гиребон
Тлим-тлим – пора-пора
Товек, това – зарф барои нонпазӣ
Тов дод – гирд зад, тофтани чизе (ресмон, химча)
Тои сарам – болои сарам
Тойсарӣ – болишт
Толоқи сар – фарқи сар
Тора зад – ҳайвони рамида , аз рамма ҷудошуда
Тосук – зарфи обгирӣ; ташнагӣ
Тосукзада – бисёр ташнашуда
Тоқ – тиреза
Тоқа – танҳо
Тоқин – туппӣ
Труқ – бодиққат нигоҳ кардан
Туба – тавба
Тула – туда, анбуҳ
Тумба – чӯбе, ки дарро бо вай маҳкам мекунанд
Тундулоқӣ – нишебӣ
Тура – туро
Туридан – ҳаросидан, тарсидан
Туша – хӯроке, ки чӯпон ё марди сафарӣ дар сафар бо худ мегирад

## У

Убол – бечора, ночор
Унду – ҳиндӣ

Уно – онҳо
Уноғ – пашми мересидагӣ
Ура – ӯро, вайро
Уреш кардан – тарошидани пашми гӯсфанд.
Урмон – армон, орзуву омол
Уря – он рӯ, он тараф (одатан, он тарафи дарёро дар назар доранд)
Усу – он сӯ, он тараф
Уч – боло, уч кардан, яъне бардоштан
Уштук – тифли навзод
Уштукбага(ҳ)вора – хонахез, якҷоягӣ, ҳамакаса

**Ф**

Фавҷ – лашкар, сипоҳ
Фанд – дуруғ, ҳила
Фараҷӣ – ба китф партофтани ҷома
Фарёд – фалак задан
Фаш – банди салла
Физук – пажмурда
Фила – фалла, шири гови навзоида
Филола – айни замон, ҳозир, алъон
Фироқ – ёди бо сӯзу гудоз
Фирҷа – маврид, фурсат
Флахмон – фалахмон
Фова – ҳайронмонда,мадҳушшуда
Фориш – иштиҳо
Фос – оҳистакор
Фохта – мусича
Фраймон – фаровон
Фрғумч – гӯсолаи модаи то сесола
Фул – нигоҳ кардан
Фурош – ҳавлии саркушод барои ҳайвонот дар айлоқҷойҳо
Фурут – чизи пора-пора шуда, нарма.
Фусук – ҳавобаланд;
Фута – миёнбанд

## Х

Хавос – хавотир
Хадукӣ – парешонхотир
Хайр бибинӣ – барака ёбӣ
Хамбидан – фуромадан
Хамермо – хамиртуруш
Хамуч – хокистари гарм
Хасмон – рӯҳи гузаштагон, арвоҳ
Хафукхур – пасмондахӯр
Хача – хом
Хела – бисёр, хеле
Хера – нигоҳ
Хингу хунук – моту мабҳут
Хиргоҳ – хайма
Ходa – чуби дароз
Хоис – анбур
Хокдон – қабр, гур
Хокта бубезум, хокут бизанум, хок ба сарут – намудҳои дашном
Холук – тағо
Хотук – курраи хар
Хлесук – ҷонвари майдатарин
Хуар – хоҳар
Хумбук –зарфи калони сафолин ё чӯбин барои дӯғкашӣ
Хунус – хасис, мумсик
Хута – худатро
Хуртек(ук) – хурдакак, майдаяк
Хушгов – қутос

## Ч

Чавод – қоматбаланд
Чалак – сатил
Чалпақ – косаи шикаста
Чалук – оташдон
Чалфас – сабукпо, фоҳиша
Чамус – чоруқ (пойафзоле, ки аз пӯсти гов, пусти нарбузи кӯҳ ӣ дӯхта мешавад)

Чакал – пораи замин
Чакман – ҷомаи пашмин барои домод
Чакук – сурмаи бадахшонӣ; оби борон, ки аз бом мечакад
Чангол – нохун задан
Чанголваш – қапо-қап кардан
Чандака – чӣ корай?
Чапак – таппак
Чапнах – дӯкони майдаи хонаи бадахшонӣ барои шаҳмард ва арӯс
Чаппар – сарпуши дег, ки аз як навъ растанӣ (кулк) бофта мешавад, олоте, ки барои кӯфтани ғалладона дар хирман истифода мебаранд
Чапуш – бузи мода
Чарву – чарбу
Чарохурга – чарогоҳ
Часпук – чӯбҳои девори хонаи бадахшонӣ
Чатӣ – оворагард
Чахмохсанг – булӯр
Чахт – қоматхамида
Чахтук – асбоб барои дӯғкашӣ
Чағул – чуқурӣ
Чибоқ – зину афзори асп
Чинӣ – пиёла
Чита –чаро, чиба, барои чӣ
Чкид – ба чизе бархӯрдан, кӯфтан
Члек – чалла
Члимчатӣ – бесарунӯг
Чойҷуш – чойник
Чолук – ёл
Чилмана – чилкило, деги чилмана – деги чилкило
Чошдон –сандуқи гирдаи чӯбин, ки вақтҳои пеш барои нигоҳ доштани
хӯрокворӣ истифода бурда мешуд
Чоқ – андоза
Чоқу – кордчаи майда
Чроғ – шамъ,чароғ

Чрахас – садое, ки ҳангоми бо ҳам хӯрдани ду чиз мебарояд
Чуба – чаро, барои чӣ
Чубук – ғарғараи ресмон
Чукпар – чусту чолок
Чум – номаълум, намедонам
Чумча – қошуқ
Чундур – дастмол аз буттаи дарахт ҷогашуӣ
Чухт – шифти хона
Чуғул – бадқаҳр

## Ш

Шакидан – нарм кардан
Шалу тарит – хаста, беҳол, бемадор
Шам – шавам
Шандақ – сабукпо; беҷогард
Шаппидан – задан; тарсонидан
Шаппондагӣ – офатзада, тарсондагӣ
Шаран – обпарҳои калони кӯҳ ӣ
Шатта – тела задан
Шаф – туфи даҳон, луҳоб
Шах – кӯҳ
Шаҳмард – домод
Шемон – пушаймон
Шеша – шиша
Шдирм – меваи як навъ растании буттагии кӯҳӣ
Шинг-шинг – садои ҷисми оҳанин (дастбанд, муҳра)
Ширдон – дарунравии кудакони ширмак
Шиштан – нишастан
Шкана – боқимондаи хурок
Шукулук – ҳавола додан
Шу – шавҳар
Шлапук – мавҷи об
Шлах – бараҳна, урён
Шмут – кутоҳ
Шогун – Навруз
Шоин – шоҳин

Шондум – шинондум
Шола, шолек – ҷои нигоҳ доштани ҳайвони майда дар айлоқ
Шоту – нардбон
Шохнафир – нописанд
Штарӣ – чӣ хел?
Штақӣ – ҳамворӣ
Штқарӣ – одами ситорахунук, нафратангез, қабеҳгӯй
Шупук – зарф аз саргини ҳайвон барои нигоҳ доштани пашм, кабкчуҷаҳо (дар аҳди қадим)
Шуридан – кофтан, ҷустуҷӯ кардан

**Э**

Эча – лона

**Я**

Ягала – як гурӯҳ
Якзар – якчанд
Яксуна – яктарафа
Якта –курта
Яна – хоҳари шавҳар

**Ғ**

Ғавр кардан – ҷамъ шудан дар гирди касе ё чизе
Ғажд – ифлос
Ғалбел – элак
Ғамӣ – хаста, монда
Ғангидер – ҷойноми кӯҳдараест наздики деҳоти Авҷу Мулвоҷ
Ғараз нагир – нарас
Ғардез – номи як мавзеъ дар Ғорон
Ғарғара – ресмон
Ғафера –пасмондаи хӯрок
Ғилч – дарду доғ, армон
Ғрап – сахт, маҳкам кардан
Ғубач – чиркин
Ғудора – косаи гилин

Ғумча – химча
Ғуначӣ – гусолаи навзоида

## Қ

Қабот – зирак, ҳушёр
Қавза –даста, қавзаи гул – гулдаста
Қавоид – варзиш
Қалот – манораи баланде ,ки аз санг месозанд
Қалтоқ – айёр, шайтон; чусту чолок
Қайсангул – хоҳари зан
Қайсар – безор
Қайсоқ – ғилофаки муҷук (намуди зироати лубиёгӣ)
Қайт – маккор, ҳилагар, бахил
Қапқулоч – дастдарозӣ кардан
Қарина – наздикон
Қарчиғай – паҳлавон, бачамард
Қаст – қасд
Қатӣ – ҳамроҳ
Қев – фарёд
Қил – тори муй; қили чанор – дарахти сузанбарг
Қилат – нозук
Қиноат – қаноат
Қисир – нозоида; гови қисир – гови нозоида
Қлумсих – гапи зишти тезутунд
Қол – сангчаҳои кулула барои бозии духтарон
Қулба – шудгор
Қулоч – қадам, гом задан
Қулоғ – масхара, писханд
Қулумбоқ – ба сар паҳлу гардондан, хез задан
Қуйқрим – гиряву нола
Қумоч – нони таги алов
Қумғол(а) – номзад (ба шаҳмардӣ, ба арусӣ)
Қунҷуға – пассавори болои зин
Қурма – таоми болаззатест, ки аз гӯшт тайёр карда меша-
вад
Қурмут – азбехбуридашуда, паст

Қурумб – кулӯхсанг
Қурумсор – сангсор
Қулут – фурӯ бурдан
Қуруғ – гирдогирд девор задан
Қурут – маводи ғизоиест, ки аз ҷурғот, дар айлоқ пухта мешавад.
Қушхона – хона барои меҳмон
Қритук – ҳалқ

## Ҷ

Ҷавр – зулм, ситам
Ҷайдоқ – ҳушёру тайёр
Ҷалд – тез
Ҷалон – дурахшон (ситораҷалон, моҳҷалон)
Ҷало-ҷал – дурахшанда
Ҷар – нишеби кӯҳ
Ҷаррангос – баланд фарёд задан
Ҷат кардан – ба туй даъват кардан
Ҷахидан – аккос задани саг
Ҷаҳт – боис, аз ҷаҳти – аз дасти, аз барои
Ҷеб – киса
Ҷез – туҳфа аз хонаи падар ба духтари шавҳардор
Ҷиён – ҷаҳон
Ҷиррингаст – садои оҳан
Ҷия – модар
Ҷиҷӣ – шири модар
Ҷирай – як навъи гил (барои танур ва дегдон истифода мешавад)
Ҷондор – меши нар, қушқор
Ҷо(й)га(ҳ) – бистари хоб
Ҷувозук – санге, ки дарунаш чуқурӣ дорад (барои кӯфтани гандум)
Ҷувол – халта, қоп, буҷӣ.
Ҷул – полони хар ва асп
Ҷундӣ – девона
Ҷураи – монанди, ба мисли
Ҷғел – ғалбели сӯрохиаш калон

# МУНДАРИҶА

САРСУХАН ............ 3

АФСОНАҲО

Мерони Малак ............ 7
Нажмон ............ 10
Сияговук ва Мушак ............ 14
Кали осиёббон ............ 16
Синавбар ............ 19

НАҚЛУ РИВОЁТ

Чашмаи Авҷ ............ 21
Баршор ва мазори Хоҷа Раҷаб ............ 21
Некзан ............ 23
Алмастӣ Азхадак ............ 23
Дашти мирӣ ............ 24
Шамбедеҳ ............ 25
Ҷӯйи Шоҳбурҳони марди Валӣ ............ 26
Хуни кофари айлоқи Регукдара ............ 27
Аз ривоят то ҳақиқат ............ 28

Қарамиш ва алмастӣ ........ 29
Лаъли Бадахшон ва Кӯҳи Лаъл ........ 30
Шехбеки балогардон ........ 30
Пули Шоҳ ва Гармчашма ........ 32
Тортанак ........ 33
Ҳафтдодарон ........ 33
Қиссаи хоҳарон ........ 34

РУБОИЁТУ ДУБАЙТИҲО ........ 38
ШОИРИҲО ВА ҲАЗЛҲО ........ 147
ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО ........ 160
ОХИРСУХАН ........ 176
ЛУҒАТИ ВОЖАҲОИ ЛАҲҶАИ ҒОРОНӢ ........ 184

ББК 84 Точик 7-4-5 (63ӯ2)

**ГАНҶИНАИ ҒОРОНЗАМИН**

*(Намунаҳои адабиёти шифоҳӣ)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ҳуруфчини компютерӣ:
*Хадича Ҷалолова, Моҳбегим Давлатмамадова*

Ба матбаа 03.07.2014 супорида шуд.
Чопаш 10.07.2014 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 13,0. Адади нашр 500 нусха.

9789994724161